**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВ**

УДК: 347.1:004 (575.3)
ББК: 67.99 (2) (2 Т)
Б – 79

Бо ҳуқуқи дастнавис

**БОЛТУЕВА МАШҲУРАХОН ЁҚУБОВНА**

# ҲИФЗИ БАРНОМАИ КОМПЮТЕРӢ ДАР ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
**Абдуҷалилов А.**

**Душанбе – 2023**

## МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА…………………………………………………………………… 3–18

**БОБИ I. БАРНОМАИ КОМПЮТЕРӢ ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ТАНЗИМИ ГРАЖДАНӢ–ҲУҚУҚӢ………………………………………………………...… 19–80**

1.1 Моҳият ва мазмуни ҳуқуқии барномаи компютерӣ ………………… 19–43

1.2 Масъалаҳои методологии барномаи компютерӣ ҳамчун объекти моликияти зеҳнӣ…………………………………………………………………..…… 43–62

1.3 Барномаи компютерӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқи гражданӣ………62–80

**БОБИ II. ҲИФЗИ ҲУҚУҚИИ БАРНОМАИ КОМПЮТЕРӢ………. 81–143**

2.1 Мафҳуми низоми воситаҳои ҳифзи гражданӣ–ҳуқуқии барномаи компютерӣ…………………………………………………………………..........81–94

2.2 Ҳифзи ҳуқуқӣ–патентии барномаи компютерӣ……………………...95–122

2.3 Ҳифзи ҳуқуқӣ– муаллифии барномаи компютерӣ…………………..122–143

**БОБИ III. РУШДИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ ДАР СОҲАИ БАРНОМАИ КОМПЮТЕРӢ: ДУРНАМО ВА ТАВСИЯҲО ………………………144–157**

**ХУЛОСА…………………………………………………………………......158–165**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.......................................................................................... 166–167**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ………………………………………………………168–185**

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ……..............186–188**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Рушди босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳким бахшидани самтҳои мухталифи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷомеа ба даст дароварда мешавад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, агар ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар муайян гардида бошад, ноил гардидан ба ин ҳадафи олӣ инчунин бо роҳи ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, таҷҳизоту барномаҳои таъминотии он ва таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқии ин объектҳо дар қаламрави кишвар дастрас шуда метавонад[1].

Истифодаи васеи барномаҳои компютерӣ ва дигар маводҳои барномавӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти одамон унсурҳои фарққунандаи марҳалаи нави рушди иҷтимоие маҳсуб меёбад, ки нишонаи асосии он бо нақши ҳалкунандаи дастовардҳои илмӣ–техникӣ дар соҳаи технологияҳои ахборотӣ ва коммуникатсионӣ маънидод карда мешавад.

Яке аз самтҳои афзалиятнок ва мунтазам рушдёбандаи сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо технологияи ахборотӣ маҳсуб ёфта, ба он барномаҳои компютерӣ низ дохил мешавад. Аҳаммияти рушди техникӣ ва ҷорӣ намудани дастовардҳо ва ихтирооти навин дар истеҳсолот дар суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ таъкид гардидааст. Аз ҷумла дар Паёми сарвари кишвар аз 26 декабри соли 2018 ба Маҷлиси Олӣ дар ин хусус чунин омадааст: «Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон

[1] Ниг.: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www. mmk.tj. (санаи муроҷиат: 04.03.2021).

ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад»[2].

Аҳаммият ва рушди босуръати таъминоти барномавӣ, дохил шудани он қариб ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро баҳо додан мушкил мебошад. Бинобар ин муайян намудан ва ҷорӣ сохтани механизми дурусту самараноки ҳифзи ҳуқуқии таъминоти барномавӣ гарави татбиқи муваффақонаи мақсаду вазифаҳои давлат дар соҳаи инноватсия ва ҳуқуқҳои субъективии граждании иштирокчиёни муносибатҳои гражданӣ маҳсуб меёбад.

Имрӯзҳо барномаҳои компютерӣ ба таври қавӣ ба ҳаёти ҳаррӯза ворид гардидааст. Дар баробари тараққиёти сатҳи технология, барномаҳои компютерӣ низ инкишоф ёфта, имконият фароҳам оварда мешавад, ки сатҳи мазкур дар ҳаёт татбиқ шавад. Барномаҳо низ ҳамчун технологияҳо боз ҳам мураккаб ва тараққиёфта гардида истодаанд. Миқдори заминаҳои татбиқшаванда, имконоти амалишавӣ, усулҳои коркардӣ ва интишори онҳо пайваста меафзоянд.

Дар айни замон тарафи ҳуқуқии раванди мазкур низ торафт мубрам шуда истодааст. Бояд ишора намуд, ки масъалаи аҳаммиятнокии эътироф ва дар доираи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани объектҳои нави ҳуқуқи гражданӣ, ки ба он барномаҳои компютерӣ ва дигар дастовардҳои неъматҳои ғайримоддӣ дохил мешаванд, дар Консепсияи рушди қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30–юми апрели соли 2014 пешбинӣ гардидааст. Дар он омадааст, ки доираи объектҳои ҳуқуқи гражданӣ бо дарназардошти рушди илму техника бояд васеъ карда шаванд[3]. Шахси ба ҷараёни истифодабарии барномаҳои компютерӣ ҷалб шуда ногузир бо категорияҳои мухталифи ҳуқуқӣ бармехӯрад. Ҳар шахсе, ки ба истифодабарӣ ва инчунин бо сохтани барномаҳои компютерӣ машғул мегардад, бо масъалаи ҳифз, истифодабарии қонунӣ ва дурусти барномаҳои компю-

[2] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 26 декабри соли 2018. – Душанбе: Шарқи Озод, 2018. – С. 34-35.

[3] Ниг.: Консепсияи рушди қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори шӯрои олимони Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2014 таҳти №4 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www. mmk.tj. (санаи муроҷиат: 12.02.2021).

терӣ, ба даст даровардани фоида аз фурӯши нусхаҳои он ва бисёр дигар масъалаҳо, бархурдор мешавад. Мутаассифона, ҳангоми мурочиат намудан ба қонунгузорӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки ин масъалаҳои ишорагардида дар доираи санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ қайди худро ба пуррагӣ наёфтааст. Дар ин радиф, танзими ҳаматарафаи масъалаи мазкур на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки боз аҳаммияти амалиро доро буда, таъсири худро аз ҷумла ба иқтисодиёт мерасонад.

Аз ин рӯ, аҳаммияти таҳлили шакли амалкунандаи ҳифзи барномаи компютерӣ, ошкор намудани душвориҳову муаммоҳои мавҷуда, имконияти татбиқи шаклҳои гуногун ва тарзҳои ҳифзи ҳуқуқии барномаҳо бо дарназардошти дурнамо ва имтиёзоти тавассути омилҳои иқтисодию сиёсӣ фароҳамомада афзуда, роҳҳои интихобу татбиқи онҳо ба вуҷуд меояд. Муносибати оқилона ба масъалаҳои мазкур бо дарназардошти тамоми зуҳурёбии амиқи барномаҳои компютерӣ, ба бисёр соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятию иқтисодӣ таъсири ҷиддӣ расонида, ба дигаргуниҳои мусбат оварда мерасонад.

Нуктаҳои зикршуда мубрамияти масъалаи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро асоснок менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таҳқиқотҳои ба масъалаи барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ бахшида шуда аз он лаҳзае гузаронида мешаванд, ки мошини электронии ҳисоббарор ихтироъ гардида, барои он барномаҳои дахлдор коркард шудааст. Байни олимони ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳнамуда, бояд И.Э. Мафиома, А.Б. Гелба, Л.И. Подшибихин, Э.П. Гаврилова, Ш.М. Менглиев, М.З. Раҳимзода, М.А. Маҳмудзода, Ш.М. Исмоилов, Ш.К. Ғаюров, Ш.Т. Тағойназаров, А.В. Золотухин, Ҷ.С.Муртазозода, Д.С. Раҳмон, Д.Ш. Сангинов ва дигаронро метавон номбар намуд. Ба муаммо ва ҷанбаҳои гуногуни масъалаи барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти муносибатҳои гражданӣ–ҳуқуқӣ рисолаҳои илмӣ ва мақолаҳои олимон: А.П. Сергеев, В.А. Дозортсев, И.А. Близнетс, В.И. Еременко, Ф.В. Широков, Г.В. Виталиев, Ю.Т. Гулбин, Д.В.

Огородов, С.О. Растворгуев, А.С. Кондушенко, А.А. Крижановская, К.Б. Леонтев, Н.А. Шамхалов ва дигарон бахшида шудааст.

Гарчанде ки фарогирии илмии масъалаи қайдшуда мавҷуд бошад ҳам, лекин аксарияти таҳқиқотҳои илмии даҳсолаи охир бештар хусусияти умумӣ дошта, масъалаи ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютериро таҳқиқ намоянд ҳам, таваҷҷуҳ ба масъалаҳои хусусиятноки соҳа ба пуррагӣ дода нашудааст, баъзе аз асарҳо ба масъалаҳои маҳдуди ҳуқуқӣ бахшида шуда, на ҳама вақт муаммои дахлдорро ба таври комплексӣ дида набаромадааст ва ё ба масъалаҳои соф дар доираи шакли маъмули ҳимояро фаро гирифта, ташаккулёбии соҳаро ба инобат намегиранд.

Ба доираи рисолаҳои илмии барои ҳадафҳои диссертатсияи мазкур аҳаммиятдошта, таҳқиқотҳои илмии С.Н. Биков[4], И.А. Зенин[5], И.А. Носова[6], О.В. Ревинский[7], Р.И. Ситдикова[8], В.В. Черячурин[9], Н.Ю. Моченов[10], Р.А. Евдокимов[11] инчунин олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди: А. Абдуҷалилов[12], Ахмедҷонов И.Г. [13], У.А. Меликов[14], Мирбобоева Р.В.[15], Расулов Б.Р.[16], Д.А. Сидиқов[17] ва дигарон дохил мешавад.

---

[4] Ниг.: Быков С.Н. Система гражданско-правовых средств охраны компьютерных программ: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2013. – 228 с.

[5] Ниг.: Зенин И.А. Интеллектуальная собственность и ноу-хау: Учебно-практическое пособие / Московский государственный университет экономики, статистики и информатики. – М.: МЭСИ, 2004. – 349 с.

[6] Ниг.: Носова И.А. Правовая охрана программ для ЭВМ в современных условиях: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1997. – 151 с.

[7] Ниг.: Ревинский О.В. Правовые аспекты отграничения охраноспособных решений в области компьютерных технологий: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2000. – 144 с.

[8] Ниг.: Ситдикова Р.И. Гражданско-правовой механизм охраны частных, общественных и публичных интересов авторским правом: дис. ... д-ра юрид. наук: – М., 2013. – 354 с.

[9] Ниг.: Черячурин В.В. Правовая охрана элементов компьютерной программы // Законодательство и экономика. – 2002. – №2. – С. 21-30.

[10] Ниг.: Моченов Н.Ю. Правовая охрана программ для ЭВМ: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2007. – 140 с.

[11] Ниг.: Евдокимов Р.А. Правовое регулирование охраны компьютерных программ (теоретические и практические вопросы): дис. … канд. юрид. наук. – М., 2015. – 189 с.

[12] Ниг.: Абдуджалилов А. К вопросу о компьютерной программе как объекте интеллектуальной собственности. // Сборник статей научно-теоретической конференции преподавателей и студентов Финансово-экономического института Таджикистана. – Душанбе, 2013. – С. 43-49.; Абдуджалилов А. Теоретические проблемы гражданских правоотношений в интернете. – Душанбе: Дониш, 2015. – С. 55-57.

[13] Ниг.: Ахмеджонов И.Г. Юридическая природа авторских договоров по законодательству Республики Таджикистан: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 27 с.

[14] Ниг.: Меликов У.А. Правовое регулирование предпринимательской деятельности при создании и распространении средств массовой информации: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2010. – 26 с.; Правовой режим объектов гражданских прав в интернете. – Душанбе: «Эр-граф», 2017. – 244 с.

[15] Ниг.: Мирбобоева Р.В. Правовое регулирование приобретения, использования и зищиты прав на товарный знак в Республике Таджикистан: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2012. – 27 с.

[16] Ниг.: Расулов Б.Р. Личные неимущественные права автора произведения: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2000. – 29 с.

Лекин дар натиҷаи рушди соҳа, инчунин бинобар ворид гардидани тағйироту иловаҳо ба қонунгузорӣ, таҳқиқотҳои қайдгардида қисман мубрамияти худро гум кардааст. Ҳамчун таҳқиқоти аҳаммиятноки давраи муосир асарҳои О.В. Ревинский дорад, ки ба хусусиятҳои муносибатҳои мутақобилаи барномаи компютерӣ ва ҳуқуқи патентӣ, инчунин қисмати рисолаҳои илмии Р.И. Ситдиковро номбар намудан мумкин мебошад, зеро он масъалаи мувофиқакунонии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро доир ба ҳифзи барномаҳои компютерӣ, истифодабарии самараноки онро ба инобат гирифтааст; А.И. Савелев хусусиятҳои литзензиякунонии барномаҳои компютерӣ; масъалаҳои истилоҳҳои ҳуқуқӣ, равандҳои нави соҳаи мазкур дар рисолаҳои илмии Е.А. Войникайнис, С.Н. Биков, К.И. Рябов, А. Абдуҷалилов инчунин дигар олимони соҳа дида баромада шудааст. Аксарияти муаммоҳои дар доираи рисолаи диссертатсионӣ таҳлили худро ёфта ба таври бояду шояд омӯзиши хешро дар рисолаҳои илмии давраи муосир наёфта дастгоҳи истилоҳӣ ҳоло танҳо ташаккул ёфта истодааст. Аз ин лиҳоз, муаллифон бо як эҳтиёткорӣ ба омӯзиши ба масъалаҳои эълоншуда таваҷҷуҳ намуда, онҳоро ба таври амиқ дида намебароянд.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо ишора намудан мумкин аст, ки мавзуи ҳифзи барномаҳои компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ дар шароити олами тез дигаргунгарданда таҳлили худро ёфта истода, доир ба он дар нашрияҳои илмӣ ва оммавӣ таълифотҳо ба миён омадааст, лекин бинобар васеъ ва навгониҳои босуръати маълумотҳои соҳа бисёри аз онҳо мубрамияти худро гум карда, танҳо баъзе аз шакл ва услубҳои ҳифзи ҳуқуқӣ ба таври нопурра аз тарафи баъзе олимон дида баромада шуда бошанд ҳам, лекин мавзуи рисолаи илмӣ таҳқиқи пурраи худро то ҳол наёфтааст. То ҳол мавзуи рисолаи мазкур матлаби таҳқиқоти илмии махсус нагардидааст. Ҳамаи ин, бешубҳа аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳлил ва омӯзиши масъалаи барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон басо муҳим мебошад.

---

[17] Ниг.: Сидиков Д.А. Реализация международных договоров в области интеллектуальной собственности в Республике Таджикистан: на примере ТРИПС: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 22 с.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи мавзуъҳои илмӣ–таҳқиқотии шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов «Такмили асосҳои хусусӣ–ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015–2019» ва «Назария ва амалияи танзими ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2021–2025» тайёр карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади рисолаи диссертатсионии мазкур ташаккули тасаввуроти таҷаммуӣ оид ба хусусияти барномаҳои компютерӣ, шаклу тарзҳои ҳифзи ҳуқуқӣ, коркарди нуктаҳои назариявии ба ошкор намудани моҳияти муносибатҳои ҳуқуқӣ равонашуда, танзимгарӣ ва таснифу коркарди тавсияҳо оид ба истифодаи шаклу услубҳои мухталиф бо ба назар гирифтани равандҳо ва таҷрибаи байналмилалӣ, ташаккул додани пешниҳодҳои амалӣ роҷеъ ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи истифодаи барномаҳои компютерӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Ҳадафи мазкур ҳаллу фасли вазифаҳои зеринро тақозо дорад:

– таҳлили илмӣ – назариявии барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян ва омӯзиши меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ бо иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асоси танзими ҳуқуқии институти ҳифзи таъминоти барномавӣ мебошанд, муайян намудани нуқсонҳо ва афзалиятҳои модели мавҷуда барои ҳифзи онҳо;

– баррасии муқаррароти барномаи компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ, омӯзиши заминаи ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ, ки ин объектҳоро меофаранд, таҳлили муқоисавии заминаи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ оид ба масъалаҳои таъмини ҳифзи барномаи компютерӣ;

– омӯзиши масъалаҳои методологии барномаи компютерӣ ҳамчун объекти моликияти зеҳнӣ;

– муқаррар намудани асосҳо барои таъмини ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ нисбат ба барномаи компютерӣ;

– омӯзиши асосҳо ва хусусиятҳои ҳифзи ҳуқуқӣ-патентии барномаи компютерӣ ҳамчун як навъи ҳифзи ҳуқуқии объекти ҳуқуқи граждани;

–таҳияи тавсияҳои мушаххас оид ба татбиқи амалии системаи алоҳида ё муттаҳидаи ҳифзи ҳуқуқӣ ва истифодаи маҷмуи таъминоти ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баррасии дурнамои истифодаи он дар ҳаёти иқтисодии ҷамъият;

– таҳлили таҳияи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқӣ-муаллифии таъминоти барномавӣ, таҳияи пешниҳодҳои амалӣ оид ба такмили дастгоҳи танзими қонунгузории кишвар ва амалияи татбиқи ҳуқуқ дар ин самт.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот муносибати ҳуқуқие мебошад, ки вобаста ба бунёд ва истифодаи барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро муносибатҳои гражданӣ–ҳуқуқии марбут ба барномаҳои компютерӣ, равандҳои рушди ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ, ҳолати ҳуқуқии объектҳои ҳифз, имконият ва услубҳои муҳофизат, инчунин роҳҳои такмили он ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ марҳилаҳои тасдиқ, омоданамоии диссертатсия, муҳокимаи он дар шуъбаи ҳуқуқи хусусӣ ва Шурои илмии ИФСҲ–и АМИТ–ро фаро гирифта, инчунин аз тарафи кафедраи ҳуқуқи гражданин факултети ҳуқуқшиносии ДМТ барои ҳимоя тавсия карда шудааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо мақсади пурраву ҳамаҷониба таҳқиқ намудани проблемаи ҳифзи ҳуқуқҳои дорандагони ҳуқуқ нисбати барномаҳои компютерӣ суолҳои зерин дида баромада мешаванд: моҳият ва мазмуни

ҳуқуқии барномаи компютерӣ, масъалаҳои методологии барномаи компютерӣ ҳамчун объекти моликияти зеҳнӣ, барномаи компютерӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқи граждан́ӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ–патентии барномаи компютерӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ– муаллифии барномаи компютерӣ. Давраи анҷоми таҳқиқоти диссертатсионии мазкур фарогири солҳои 2015–2023 буда, макони амалисозии он Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи гражданӣ ташкил медиҳанд ва дар байни онҳо асарҳои олимони зеринро қайд намудан мумкин аст: И.Э. Мафиома, А.Б. Гелба, Л.И. Подшибихин, Э.П. Гаврилов, Р.Б.Бозоров, Ш.М.Исмоилов, Ш.М.Менглиев, М.А. Маҳмудзода, М.З. Раҳимзода, Ш.К. Ғаюров, Ш.Т. Тағойназаров, А.В. Золотухин, Ҷ.С.Муртазозода, Д.С. Раҳмон, Д.Ш. Сангинов ва дигарон. Барномаҳои компютерӣ чун объекти ҳуқуқи гражданӣ мавзуи таҳқиқоти олимони мазкур: А.П. Сергеев, В.А. Дозортсев, И.А. Близнетс, В.И. Еременко, Ф.В. Широков, Г.В. Виталиев, Ю.Т. Гульбина, Д.В. Огородов, С.О. Расторгуев, А.С. Кондушенко, А.А. Крижановская, К.Б. Леонтьев, Н.А. Шамхалов ва дигарон гардида буд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Асосҳои назариявию методологии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро осори мутахассисони соҳаи муҳофизати барномаҳои компютерии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷӣ бо механизмҳои ҳуқуқи патентию муаллифӣ, ҳамчунин оид ба муаммоҳои мақоми иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва умуман нуктаҳои ҳуқуқии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодӣ фарогиранд. Зимни таҳқиқот асноди қонунгузорие таҳлил карда шуданд, ки муносибати марбутаи бунёдии ҳифзи ҳуқуқӣ ва истифодаи барномаҳои копютерӣ ба таҳлил расиданд. Дар рисола ба ҳайси сарчашмаҳои асосии меъёрӣ Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ва ғайра истифода шудаанд.

Дар рисола маълумот ва хулосаҳои чунин илмҳо ба мисли таърих ва иқтисодиёт кор фармуда шуданд. Илова бар ин дар кори диссертатсионӣ истифода шуданд:

1) усули муназзам–системавӣ (ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ ҳамчун падидаи маҷмаавӣ (комплексӣ), бо дарназардошти таъсири мутақобилаи унсурҳои таркибии он, ҳамчунин бо дарназардошти равандҳои ҷомеа арзи вуҷуди онҳо баррасӣ шудааст);

2) усули муқоисавӣ (меъёрҳои ҳуқуқии танзимгари масоили ҳифзи барномаҳои компютерӣ қиёс карда шуданд);

3) усули таърихӣ (истифодаи усули мазкур имкон дод, ки пайдоиш ва ташаккули мақомоти ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ омӯхта шавад);

4) усули таърихиву ҳуқуқӣ (пайдоиши барномаҳои компютерӣ ва бунёди ҳифзи ҳуқуқии онҳо таҳқиқ шуданд);

5) усули эмпирикӣ (қонунгузории ватанию хориҷӣ, шартномаҳои байналмилалӣ, таҷрибаи истифодаи қонун омӯхта шуданд);

6) усули расмиву юридикӣ (ба натиҷаҳои ноилгашта баҳои ҳуқуқӣ ва тавзеҳ дода шуд).

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот**. Заминаи эмпирикии таҳқиқотро маводҳои банизомдаровардашудаи муаллиф доир ба ҳолат ва дурнамои ҳифзи барномаҳои компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ ташкил менамояд. Хусусияти комплексӣ доштани проблемаҳои таҳқиқшуда оид ба ҳифзи барномаҳои компютерӣ муқаррар гардида, асоси таҳқиқотро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқии амалкунанда, таҳлили санадҳои байналмилалӣ–ҳуқуқӣ, истифодабарии маълумотҳои оморӣ, Паём ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, консепсияҳо, ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавӣ ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Диссертатсия яке аз аввалин таҳқиқотҳои диссертатсионии ба масъалаи барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ бахшидашуда ба шумор меравад. Дар кори илмии мазкур

масъалаҳои танзими ҳуқуқии барномаи компютерӣ ба таври комплексӣ дида баромада шудааст. Аз ин рӯ навгонии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки:

1. Муаммоҳои мавҷудаи танзими ҳуқуқии ҳифзи барномаҳои компютерӣ ва истифодаи чунин барномаҳо ошкору муназзам карда шуда (дар соҳаи қонунгузорӣ ва амалия) роҳҳои ислоҳи онҳо пешниҳод гардиданд;

2. Шаклу тарзҳои хоссаи ҳифзи ҳуқуқи барномаҳои компютерӣ ошкор карда шуданд, бартариву махсусиятҳои татбиқи шаклу тарзҳои мушаххаси ҳифзи барномаҳои компютерӣ дар соҳаҳои ҷудогонаи хоҷагӣ ошкор ва асоснок карда шуданд;

3. Мубрамтарин муаммоҳои истифодаи шаклу услубҳои ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ бо дарназардошти рушди дастовардҳои ҷаҳонӣ баррасӣ гардиданд.

4. Татбиқи муносибати бисёртарафа ба барномаҳои компютерии дорои объектҳои серҷабҳа, таҳлил ва асоснок карда шудаанд;

5. Навтарин тағйироту иловаҳои қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи барномаҳои компютерӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, муаммоҳои ҳуқуқию мураккабиҳои эҳтимолии татбиқи амалии навгониҳо ошкор карда шудаанд;

6. Бо мақсади такмили танзими ҳуқуқии ҳифзи барномаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди минбаъдаи қонунгузорӣ тавсияҳову пешниҳодҳо ба тасвият расиданд;

Муносибати истифодашуда имкон дод, ки муаммои масъалаҳои мубрами низоми ҳифзи барномаҳои компютерӣ умуман ва ҷузъан бо шаклу тарзҳои ҳифзи онҳо ва вижагиҳои татбиқашон ҳаматарафа баррасӣ гарданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Навгонии муносибати илмӣ барои далелноксозиву возеҳ намудани нуктаҳои зерин мусоидат кард, ки ба ҳимоя бароварда мешаванд:

1. Муносибатҳои ҳуқуқӣ ба ҳайси шарти ҳаракати усули мушаххасгардонӣ ва воситаи алоқамандсозии робитаҳои ҷамъиятӣ баромад мекунанд, ки

онҳо дар навбати худ муносибатҳои ҷамъиятии дорои як қатор хусусиятҳо, маҷмуи нишонаю аломатҳои махсусе мебошанд, ки ба туфайлашон он вазифаҳои мазкурро ба иҷро мерасонанд. Чунин вижагиҳои махсус ё аломатҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ аз инҳо иборат аст:

- ҳама гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ доимо ҳамчун робитаи байни ашхоси мушаххас вуҷуд дорад;
- ҳама гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ рафтори мутақобилаи иштирокдоронро аз ҷиҳати хуқуқӣ мустаҳкам менамояд;
- ҳама гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқии давлатӣ танзим карда мешавад.

Ҳама гуна муносибатҳои ҷамъиятӣ бо водоркунии қувваҳои давлатӣ амалӣ мегардад.

2. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон номуайянии мафҳумҳои умумӣ–ҳуқуқӣ дар соҳаи барномаҳои компютерӣ, инчунин номгӯи услубҳои истифодабарии объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ мушоҳида мешаванд. Асоснок гардидааст, ки сарфи назар кардани куҳнашавии захираҳои истилоҳот ва истифодаи қолабҳои ҳуқуқӣ дар қонунгузорӣ, ба пайдоиши муаммоҳои ҳуқуқие оварда мерасонад, ки манфиати ҳамаи иштирокдоронро халалдор карда, ба рушди босифати техникию иқтисодии соҳа монеа мегардад.

3. Барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои гражданӣ (объекти ҳуқуқи муаллифӣ) дар як вақт чун моли озод дар муомилоти гражданӣ қарор гирифта баҳо дода мешаванд, ба ҷуз аз истисно, барномаҳои компютерӣ моли хусусияти хоса дошта ва унсури ҳатмии барои фаъолиятбарии компютер зарур буда, баромад менамояд. Кори барномаҳои компютерӣ тибқи ақидаҳои маъмул ҳамчун дигаргуншавии падидаҳои (сигналҳои) электронӣ ё худ объектҳои моддӣ баррасӣ мегардад. Вале, дар айни замон, шакли ифодаи сигнал (импулсҳои электромагнитӣ, импулсҳои шуоӣ, дигаргуншавии ҳама гуна бузургиҳои физикӣ) аз назар дур мемонад. Танҳо мундариҷаи ахбору маълумоти ирсолшуда муҳим асту халос. Азбаски аҳаммияти сигналҳои такомули сигналҳо беэътибор мемонад, ҳодисаи омезиши мафҳумоти сигнали категорияи физикӣ ва сигнали категорияи ахборотӣ рӯй медиҳад. Чунин рӯйдодҳо боиси мухолифатҳои зерини қонунгузорӣ мегарданд. Аввалан, ҳар як барно-

маи компютерӣ метавонад ҳамчун раванди татбиқи ҳаракате аз болои объектҳои (сигналҳои) моддӣ бо ёрии воситаҳои моддии бо забони барномарезӣ баёнгашта баррасӣ шавад, ки ин бо ихтироъ, яъне тарзи иҷро айният дорад, ҳарчанд ки барномаҳо аз қатори объектҳои патентпазир хориҷ шудаанд. Соният ҳар як барномаро ҳамон вақт донистан мумкин аст, ки қонунгузории ватанӣ байни барнома ва соҳиби он фарқият дида, ба он мустақиман ишора мекунад ва ба соҳиб гаштани ҳуқуқ боиси гузаштани ҳуқуқ ба барнома намегардад. Ҳамин тавр, даромехтани сигналҳо чун категорияҳои мухобиротӣ ва чун категорияи физикӣ бо баррасии сигналҳои аз тарафи барномаҳои компютерӣ ба сифати объектҳои моддӣ коркардашаванда боиси зиддияти воқеӣ мегарданд. Барои роҳ надодан ба зиддияти сигналҳои бо ёрии барномаҳои компютерӣ коркардшаванда, мувофиқи мақсад аст, ки воҳидҳои мухобиротӣ ба сифати объектҳои ғайримоддӣ баррасӣ гарданд. Аз ин нуқтаи назар баррасӣ кардани сигналҳо имкон медиҳад, ки зиддиятҳои мазкур аз мавқеи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ бартараф карда шаванд.

4. Барномаҳои компютерӣ барои дарки бевосита муқаррар нашудаанд. Онҳо метавонанд танҳо дар раванди кори компютер зери назораташон айнан дарк карда шаванд. Ин фаъолият ба муқаррароти истилоҳи «иҷро кардан» пурра мувофиқат мекунад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» гуфта шудааст: «Ба иҷро расонидан – намоиши асар, фонограмма, намоиш, қироат, сурудхонӣ, рақси «зинда» ё тавассути техникаҳо (намоиши телевизионӣ, радио–шунавонӣ, телевизиони кабелӣ ва воситаҳои техникии дигар); намоиши лаҳзаҳои асарҳои муоинашаванда дар пайдарҳамӣ». Ҳамин тавр, кори компютер бо манзур намудани ахборот тибқи барнома бояд ҳамчун «иҷро» баррасӣ шавад. Дар натиҷа имкони маҳдудсозии усулҳои патентнопазири коркарди ахборот аз объектҳои ҳуқуқи патентӣ, ба мисли тарзҳои тасвири ба даст овардани ин ё он манфиати техникӣ ба вуҷуд меояд.

5. Ба муносибати рушди дастгоҳи истилоҳот, пешниҳод менамоем, ки бар ивази истилоҳи куҳнашудаи «барномаи МЭҲ», ки дар қонунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт гардидааст, истилоҳи «барномаи компютерӣ» қабул карда шавад, ки дар амалияи байналмилалӣ маъмул буда, хусусияти умумиистеъмолӣ дошта, табиати объектро бештару беҳтар ифода менамояд.

6. Барномаи компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи муаллифӣ дар худ нишонаҳои барояш номуқаррарӣ, ҷузъҳои аз тарафи ҳуқуқи муаллифӣ ҳифзнашавандае ба мисли назарияи илмӣ, консепсия, осори илмиро фаро мегирад. Барои барномаи компютерӣ тафриқаи консептуалӣ бо осори бадеӣ хос аст. Қонунгузории аксар давлатҳо барномаҳои компютериро шомили объекти ҳуқуқи муаллифӣ медонанд. Аммо бо осори бадеӣ баробар донистани он на чандон асоснок аст. Дар барномаи компютерӣ барои муайян намудани таносуби он бо алгоритм, бояд алгоритмро дар шакли объективӣ барои коркарди мухобирот баррасӣ кард, ки бо дастгоҳ иҷро карда мешавад.

7. Дар назарияи хуқуқи гражданӣ ақидае мавҷуд аст, ки барномаи дар ҳамлак (носитель) сабтшуда як навъ вижагии муфиде дорад ва дар навбати худ ин ё он манфиатро таъмин менамояд, ки ҳосилаи компютер аст. Дар асоси он хулоса карда мешавад, ки ҳамлакро ба намуди блоки дастгоҳи патентпазире қабул бояд кард, ки ба туфайли хусусиятҳои муфидаш компютерро барои ба даст овардани натиҷаи муайяне идора мекунад. Чунин нуқтаи назар баҳснок ҳам ҳаст, зеро он далелеро сарфи назар менамояд, ки кори компютер ба тавре бо барномаи мушшахас вобаста аст, ҳамлак бошад, танҳо вазифаи миёнаравро иҷро намуда, навъи он аҳаммияти ҷиддие надорад. Ба ғайр аз ин баъди оғози истифодаи кори барномаи компютерӣ дар хотираи компютери барномаи ҳамлакдошта аз он ҳамлакро безарар ҷудо кардан мумкин аст, ки ин бори дигар аз унсури ёрирасони барнома буданаш дарак медиҳад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти илмию амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки нуктаҳои назариявӣ ва хулосаҳои он метавонанд истифода шаванд:

– барои такмил додани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ;

– ҳангоми коркарди асноди зерқонунии меъёрии ҳуқуқии ҳифзи барномаҳои компютерӣ;

– дар раванди таълим зимни таҳияи лексия дар макотиби олӣ ва дар низоми такмили ихтисос;

– ҳангоми таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқи патентӣ.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот.** Саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлили объективӣ ва ҳаматарафаи нуктаҳои назариявӣ–методологии мавзуи рисола, банизомдарорӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои маъмули илмӣ, тавсифот, ақида ва тавсияҳои илмӣ–амалии муаллиф пешниҳоднамуда, мазмуни илмии таҳқиқот ва навгонии онҳо дар муқоиса бо дастовардҳои илмии мавҷуда, таҳлили ҳолати воқеӣ ва роҳҳои мукаммал гардонидани институти ҳифзи барномаҳои компютерӣ дар ҳуқуқи граждани тасдиқ мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардааст, мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир меёбад, ки ақидаҳои асосии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта барои дифоъ пешниҳод гардида, хулосаву мулоҳизоти муаллиф, таклифоти хусусияти амалидошта, таклифоти барои дифоъ баровардa, аҳаммияти назаррасро барои такмил додани қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибҳуқуқии барномаҳои компютерӣ дошта метавонанд.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Мавзуи диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тасдиқ ва таҳия гардида бо мавзуи илмӣ–таҳқиқотии шуъбаи мазкур барои солҳои 2015–2019 ва 2021–2025 мутобиқ кунонида шудааст. Ҳамчунин диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи гражданӣ ва

меҳнатии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон муҳокима ва тавсиб шудааст. Маводи пажуҳиш дар раванди дарсҳои лексионӣ ва амалии тахассусӣ ва курси «ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ» татбиқ гардидааст.

Мазмун ва муҳтавои асосии нуктаҳои диссертатсия дар як қатор мақолаҳои илмӣ чоп шудааст. Муҳтавои асосии диссертатсия инчунин дар-конференсияҳои илмию амалӣ дар шакли маърузаҳо ва баромадҳо ироа гардидаанд:

– Конференсияи анъанавии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ дар мавзуи «Нақши илм дар ташаккули давлати миллӣ» – маъруза дар мавзуи: «Оид ба масъалаи институтҳои алоҳидаи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Хуҷанд, 2015;

– Конференсияи анъанавии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ дар мавзуи «Туризм ва ҳунарҳои мардумӣ ҳамчун муаррифкунандаи маданияти миллӣ» – маъруза дар мавзуи: «Оид ба ташаккули ҳифзи ҳуқуқӣ-муаллифии барномаҳои компютерӣ». – Хуҷанд, 2018;

– Конференсияи байналмилалии «Муаммоҳои актуалии илми ҳуқуқшиносӣ ва роҳҳои ҳалли он: назария ва амалия» – маъруза дар мавзуи: «Масъалаҳои ташаккули мафҳуми барномаҳои компютерӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Хуҷанд, 2019;

– Конференсияи анъанавии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ, бахшида ба соли 2019–2021 – Солҳои рушди туризм ва хунарҳои мардумӣ – маъруза дар мавзуи: «Оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифии барномаҳои компютерӣ». – Хуҷанд, 2019;

– Конференсияи илмию амалии анъанавии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ таҳти унвони «Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ» – маъруза дар мавзуи: «Ҳифзи ҳуқуқӣ–патентии барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ». – Хуҷанд, 2020;

– Конференсияи илмӣ–амалии олимону профессорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Илм ва инноватсия дар низоми татбиқи ҳадафҳои Стратегияи миллӣ», бахшида ба 30–солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи илми тоҷик – маъруза дар мавзуи: «Мавқеи барномаи компютерӣ дар байни объектони ҳуқуқи гражданӣ». – Хуҷанд, 2021;

– Конференсияи илмӣ–амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Ҳамгироии илм ва истеҳсолот бахри татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ», бахшида ба эълон гаштани солҳои 2022–2026 «Солҳои рушди саноат» ва Рӯзи илми тоҷик – маъруза дар мавзуи: «Мафҳуми низоми воситаҳои ҳифзи гражданӣ–ҳуқуқии барномаи компютерӣ». – Хуҷанд, 2022;

– Конференсияи ҷумҳуриявии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ таҳти унвони «Методологияи батанзимдарории муносибатҳои нави ҷамъиятӣ: назария ва амалия» – маъруза дар мавзуи: «Масъалаҳои методологии барномаи компютерӣ ҳамчун объекти моликияти зеҳнӣ». – Душанбе, 2022;

– Конференсияи илмӣ–амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Рушди илм ва инноватсия», ба ифтихори 35–солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи илми тоҷик ва 30–солагии ДДҲБСТ – маъруза дар мавзуи: «Моҳият ва мазмуни ҳуқуқии барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ». – Хуҷанд, 2023.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 14 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 адади онро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 9 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро мақсаду вазифаҳои кори илмиву таҳқиқотии мазкур муайян мекунанд. Аз муқаддима, хулоса, феҳрасти адабиёт ва се боб иборат аст. Ҳаҷми диссертатсия 188 саҳифа мебошад.

# БОБИ I. БАРНОМАИ КОМПЮТЕРӢ ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ТАНЗИМИ ГРАЖДАНӢ–ҲУҚУҚӢ

## 1.1 Моҳият ва мазмуни ҳуқуқии барномаи компютерӣ

Дар ибтидои дида баромадани масъалаи барномаи компютерӣ ҳамчун объекти муносибатҳои гражданӣ–ҳуқуқӣ бояд пеш аз ҳама ба масъалаи табиати бевоситаи муносибатҳои гражданӣ–ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ намуд, зеро маҳз он ворид гардидани ин ё он объектҳоро ба низоми танзими ҳуқуқӣ бо истифода аз усулҳои гражданӣ–ҳуқуқӣ тақозо менамояд.

Бино ба ақидаи Н.Н. Вопленко «муносибатҳои ҳуқуқӣ яке аз муҳимтарин ва мушаххастарин шаклҳои иҷтимоии мавҷудияти ҳуқуқ мебошанд. Маҳз онҳо раванди татбиқи меъёрҳои ҳуқуқиро дар ҳаёти ҷомеа ошкор ва татбиқ мегардонанд. Ҳуқуқ худро дар се соҳа –шуури ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ зоҳир намуда, амал менамояд»[18].

А. Абдуҷалилов масъалаи рушди назарияи муносибати ҳуқуқиро дар илми ҳуқуқ таҳлил карда, қайд менамояд, ки имрӯз дар назарияи ҳуқуқ оид ба мафҳуми муносибати ҳуқуқӣ се равия муқаррар карда шудааст. Аввалинаш дар он зоҳир мегардад, ки муносибати ҳуқуқӣ ба сифати муносибати ҷамъиятии аз ҷониби меъёрҳои ҳуқуқ танзимгардида баромад мекунад. Ин мавқеи ба ном муносибати «моддӣ»–ро олимон Р.О. Халфин, О.А. Красавчиков ва дигарон тарафдорӣ намудаанд. Бино ба ақидаи А. Абдуҷалилов муносибати мазкур ба назарияи ҳуқуқи меъёрӣ асос ёфтааст, ки он саҳми асосии меъёри ҳуқукро дар генезиси муносибатҳои ҳуқуқӣ мебинад ва ин ҷо мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ аз рафтори воқеии субъекти он вобаста мебошад[19] .

Муносибати дуюми дарки табиати ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқӣ ба он алоқаманд аст, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун шакли ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ё муносибатҳои хоссаи ҳуқуқӣ баҳо дода мешавад. Дар

[18] Ниг.: Вопленко Н.Н. Правовые отношения: понятие и классификация // Вестник ВолГУ. Серия 5. – Выпуск 6. – 2003-2004. – С. 76,89.
[19] Ниг.: Абдуджалилов А. Теоретические проблемы гражданских правоотношений в Интернете. – Душанбе: Дониш, 2015. – С. 55-57.

адабиёти махсус муносибати мазкур ҳамчун муносибати «расмӣ», яъне муносибати ҳуқуқӣ – «шакл» арзёбӣ гардида, мавқеи зикршударо В.А. Белов, А.Б. Бабаев ва дигарон ҷонибдорӣ намудаанд.

Муносибати сеюм, ки шакли юридикии муносибати ҳуқуқиро бо муҳтавои маводиаш муттаҳид менамояд, аз тарафи С.С. Алексеев, О.С. Иоффе ва дигарон иброз гаштааст. Ин муносибат номи «комплексӣ» ё худ «маҷмаавӣ»–ро гирифта, тибқи нуктаҳои консептуалии позитивизм чун воситаи танзими ҳуқуқӣ (муносибати моддӣ), ё худ  чун мушаххасгардонии ҳуқуқи объективӣ (муносибати расмӣ) сурат мегирад.

Адабиёти соҳаи ҳуқукро таҳлил карда, чунин қайд кардан мумкин аст, ки муносибати ҳуқуқӣ ба ҳайси шарти ҳаракати тарзи мушаххасгардонӣ ва воситаи мустаҳкамсозии дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад мекунад, онҳо дар айни замон худ ба худ муносибати ҷамъиятие маҳсуб меёбанд, ки дорои як қатор хусусиятҳо, маҷмуи нишонаҳои махсусу вижагиҳо буда, ба туфайли онҳо вай қодири иҷрои ин вазифаҳо мегардад. Чунин вижагиҳои махсус ё нишонаҳои муносибати ҳуқуқӣ инҳоанд:

1. Ҳама гуна муносибати ҳуқуқӣ доимо чун муносибати байни ашхоси мушаххас арзи вуҷуд мекунад;

2. Ҳама гуна муносибати ҳуқуқӣ рафтори ҳамдигарии (мутақобилаи) иштирокчиёни онро мустаҳкам мекунад;

3. Ҳама гуна муносибати ҳуқуқӣ бо меъёри ҳуқуқи муқаррарнамуда ё иҷозатдодаи давлат танзим карда мешавад;

4. Ҳама гуна муносибати ҳуқуқиро дар амалкарди худ қувваҳои давлатӣ таъмин менамоянд.

Яке аз намудҳои муносибати ҳуқуқӣ муносибати гражданӣ мебошад[20]. Муносибати ҳуқуқии гражданӣ дар таркиби худ чун анъана якчанд унсур дорад. Аз ҷумла, объект, субъект ва мазмуни муносибати ҳуқуқиро шомили илми ҳуқуқи гражданӣ медонанд.

---

[20] Ниг.: Иоффе О.С. Правоотношение по советскому гражданскому праву. – Ленинград: Изд-во Ленинградского университета, 1949. – С. 20-22.

Дар моддаи 138–уми Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон)[21] номгӯи объектҳои ҳуқуқи гражданӣ ҷой дода шудааст. Дар он ашё, ҳамчунин пулу коғази қимматнок, чизҳои дигар, аз ҷумла ҳуқуқи молумулк, кору хизматрасониҳо, неъмати ғайримоддӣ ва ғайра мансубанд. Г. Ф. Шершеневич тахмин дошт, ки объекти муносибати ҳуқуқӣ воситаи татбиқи манфиат мебошад. Чунин воситаҳо инҳоанд: а) ашё, чун предмети олами моддӣ; б) ҳаракати ашхоси дигар[22].

Нуқтаи назари Я М. Магазинер ҷолиб аст, ки объекти муносибати ҳуқуқиро рафтори воқеии иштирокдорони он меҳисобад[23]. Ҳатто шарҳи мухтасари олимон шаҳодат медиҳанд, ки оид ба объекти муносибати ҳуқуқӣ андешаи ягона нест. Ю.К. Толстой таъкид намудааст, ки ҳалли масъалаи объект аз бисёр ҷиҳат дар муайян кардани ҷойгоҳи муносибати ҳуқуқӣ миёни дигар рӯйдодҳои ҷамъиятӣ ва муқаррар намудани саҳми хизматии он вобастагӣ дорад[24].

Ин ҷо бояд ақидаи У.А. Меликовро доир ба категорияи ҳуқуқҳои гражданӣ дар илми ҳуқуқшиносиро ёдрас шуда, ишора кардан лозим аст, ки аз рӯйи гуфтаи олим, «муаммои объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ дар доираи назарияи ҳуқуқ ба муаммоҳои мураккабтарин мансуб донист мешавад. Дар ин ҷо ҳама назарияҳо зери шубҳа қарор дода мешаванд ва савол дода мешавад, ки оё чунин категорияи ҳуқуқӣ зарурат дорад ва ғайра»[25].

Умуман, дар ҳуқуқи гражданӣ таҳти мафҳуми муносибати ҳуқуқӣ олами моддӣ, рафтори иштирокдорони ин муносибат, ки қонун ҳифз мекунад, неъмату реҷаи ҳуқуқӣ (ё ҳолати ҳуқуқӣ) фаҳмида шуда, доир ба гуногунии объектҳо ва ғайра низ сухан меравад. Мавҷудияти чунин нуқтаи назари зиёду мухталиф дар илми ҳуқуқи гражданӣ оид ба объекти муносибати граждании

[21] Дар ин ҷо ва минбаъд зери ишораи КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон фаҳмида мешавад.Муфассал Ниг.: Садои мардум № 1-9 (4584-4592) аз 2 январи соли 2023.
[22] Ниг.: Шершеневич Г.Ф. Курс гражданского права. – Тула, 2001. – С. 73.
[23] Ниг.: Магазинер Я.М. Объект права // Очерки по гражданскому праву. – Л., 1957. – С. 66-68.
[24] Ниг.: Толстой Ю.К. К теории правоотношения. Л.: 1959.
[25] Ниг.: Меликов У.А. Правовӣ режим объектов граждански прав в интернете. – Душанбе: «Эр-граф», 2017. – С. 57-58.

ҳуқуқ тасодуфӣ нест[26]. Инро метавон чун бисёрназарӣ ва назари фарохи муносибати ҷамъиятие донист, ки ҳуқуқи гражданӣ танзим менамояд. Ин муносибати молӣ ва ғайримолӣ, моддӣ ва уҳдадорӣ маҳсуб меёбад ва ғайра. Дар чунин маврид, бе чуну чаро муқаррар намудани объекти ягонаи муносибатҳои мазкур, ки метавонад ҳам муносибати моддӣ ва ҳам уҳдадориро мутобиқ созад, хеле мураккаб аст[27].

Анъанаҳои ҳуқуқи хусусии римиро ба асос гирифта, масъалаи объекти муносибати ҳуқуқи гражданиро вобаста аз намуди ин муносибат (моддӣ ё уҳдадорӣ) ҳал намудан зарур аст.

Дар муносибати ҳуқуқи уҳдадорӣ ҳаракати (рафтори) шахси масъул (масалан, додугирифти ашё, иҷрои кор ё хизматрасонӣ) объект ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон дар маънавиёт метавонад ашёе мавҷуд бошад ё набошад (масалан, уҳдадорӣ оид ба расонидани хизмати юридикӣ)[28].

Дар ин ҷо ашё мақсади ҳаракати субъекти уҳдадорро муайян мекунад. Дар муносибатҳои ҳуқуқии молӣ бошад, мол, молумулк, моддиёт (чизу чора) объекти муносибатҳои ҳуқуқии мувофиқ ба назар мерасад. Рафтори шахси уҳдадор дар чунин муносибати ҳуқуқӣ дар риояи (аслан, «беҳаракатӣ») ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқи ашё зоҳир мегардад ва рафтори ҳуқуқи тарафи соҳибҳуқуқшуда бошад, дар соҳиб шудан, истифода бурдан, мувофиқи хости худаш кор фармудани он зоҳир мегардад. Тавре ки дида мешавад, субъекти соҳибҳуқуқшуда метавонад бо он ашё амалеро ба ҷо орад, бинобар он муносибати ҳуқуқии моддӣ аз рафтори фаъол эмин нест.

Ҳамин тавр, дар доираи кори диссертатсионии мазкур метавон қайд кард, ки ба ҳайси объекти муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ метавонанд, натиҷаҳои фаъолияти зеҳнии одам баромад кунанд. Яке аз намудҳои гуногу-

---

[26] Ниг.: Гаюров Ш.К. Личные информационные права граждан: проблемы гражданско-правового регулирования в Республике Таджикистан: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2010. – С. 14-16.

[27] Ниг.: Сулейменов М.К. Объекты гражданских прав по законодательству Республики Казахстан. Объекты гражданских прав: Материалы международной научно-практической конференции (в рамках ежегодых цивилистических чтений) / Отв. ред. М.К. Сулейменов. – Алматы: КазГЮУ, 2004. – С. 9.

[28] Ниг.: Кархалев Д.Н. Объект охранительного гражданского правоотношения // Журнал российского права. – 3 (147). – 2009. – С. 51-59.

нии чунин натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ барномаи компютерие мебошад, ки мансуби ниҳоди моликияти зеҳнӣ баромад мекунад.

Эволютсияи танзими ҳуқуқии ҳифзи институтҳои асосии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ бо сабабҳои гуногуни руйдодҳои таърихӣ ва мақсадҳои пешниҳод намудани ҳуқуқӣ маҳз ба тарзи гуногун сурат гирифтааст[29].

Сабабҳои ворид намудани механизми ҳифзи ҳуқуқи муаллифро таҳқиқ намуда, муҳаққиқон аз рӯйи адолат ба ҷои якум ихтирои китобчопкуниро мегузоранд.

То асри XV касе ба ҳуқуқи муаллифӣ аҳаммият намедод, зеро китобҳо аввалҳо аз тарафи ғуломон баъдтар аз ҷониби монаххо дастнавис мешуданд, ки ин арзиши онҳоро хеле гарон ва теъдоду интишорашонро ниҳоят маҳдуд мекард. Бинобар он нусхаи асар ҳамчун ашё қиммат дошт, чунки меҳнати хаттоту нусхабардор аксаран аз заҳмати муаллиф арзиши бештар пайдо мекард[30].

Нахустин далели ҳуҷҷатии падидаи ҳуқуқи муаллифӣ имтиёзномае ба ҳисоб меравад, ки доҳии ҷумҳурии Венетсия санаи 3–юми январи соли 1491 ба муаллифи китоби «Phoenix» Петри Ревеннӣ дода буд. Дар ин ҳуҷҷат гуфта шудааст, ки касе дар шаҳри Венетсия ва мулкҳои шуҳратманди тобеияти мо наметавонад барои чоп ё фурӯши нусхаҳои чопшудаи муоҳадаи мазкур майл кунад.

Кишвари нахустин санади меъёриро қабулкарда, тимсолу намунаи қонуни замони муосир оид ба ҳуқуқи муаллифӣ ва патентӣ Англия мебошад, ки соли 1623 дар он ҷо Муоҳида оид ба инҳисор (монополия) қабул карда шуда буд ва он дар муҳлати чаҳордаҳ сол ҳуқуқи мутлақи амали ихтироъро муқаррар менамуд. Соли 1710 бошад, Қарори малика Анна ҷорӣ карда шуд, ки он муҳлати амали ҳуқуқи мутлақро ба асар барои чаҳордаҳ сол бо имко-

---

[29] Ниг.: Мирских И.Ю. Правовое регулирование интеллектуальной собственности как условия развития инноватционных процессов // Исторические, философские, политические и юридические науки, культурногия и исскуствоведение. Вопросы теории и практики. – 2013. – №10-1 (36). – С. 141-143.

[30] Ниг.: Мартенс Ф.Ф. Современное международное право цивилизованных народов. – Т.2. – СПб.: Тип. Министерства путей сообщений, 1905. – С. 148-149.

нияти тамдиди муҳлат то охири умри муаллиф барои чаҳордаҳ соли дигар муқаррар намудааст.

Зарур аст, қайд намоем, ки то ин вақт дар Россия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ истилоҳи «моликияти зеҳнӣ» бинобар ноаниқ буданаш, дар замони шуравӣ аз сабаби намунаи идеологияи буржуазӣ ҳисоб гаштанаш, истифода бурда намешуд. Аз ҷумла, қонунгузории Россияи асри XIX ҳуқуқи муаллифон, ихтироъкорон ва ғайраро мансуби ҳуқуқи моликият ҳисобида, дар айни замон ҳуқуқи натиҷаҳои фаъолияти эҷодии аксари олимонро чун «ҳуқуқи мустасно» баррасӣ кардааст. Масалан, Г.В. Шершеневич эзоҳ додааст: «Чуноне ки ҳуқуқи молӣ имкони юридикии истифодаи ашёи моддиест баҳри бартараф сохтани ҳама гуна мамониати кор фармудани объектҳо мебошад, ҳамон тавр ҳуқуқи мустасно низ барои бартараф намудани ҳама гуна тақлид имкони юридикии содир намудани ҳаракати маълумро фароҳам меорад»[31].

Ҳамин тавр, аз таҳлили мухтасари пайдоиши идеяи (ғояи) танзими ҳуқуқии масъалаи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, метавон аниқ кард, ки он роҳи тулониву мураккаби бавуҷудоӣ ва ташаккулро тай кардааст. Аз байни ҳама объектҳои дигари моликияти зеҳнӣ аз нуқтаи назари табиати ҳуқуқ ва ба ин объект татбиқ намудани тавсифи объекти вижагии адабидошта, барномаи компютерӣ аз мубрамтарин масъалаҳо ба ҳисоб меравад.

Дар сивилистика яке аз ҷойҳои марказию асосиро иститути ҳуқуқи моликият ишғол менамояд. Сохтори ин институт аз лиҳози принсипиалӣ ба соҳибмулк манфиати моддиро вобаста карда, моликияту соҳиби онро ба ҳам алоқаманд менамояд. Сегонаи маъмул оид ба ҳуқуқи соҳибият, истифода ва ихтиёрдорӣ дар тафаккур хеле мувофиқ ҷойгир аст[32].

Мақоми ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ низ мисли ҳуқуқи моддӣ аст, танҳо он тавассути сохтори дигар сурат мегирад. Бесабаб нест, ки дар қонунгузорӣ мафҳуми моликияти зеҳнӣ амалан бо мафҳуми ҳуқуқи мутлақ баробар дониста мешавад. Моддаи 1235 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки «Мафҳуми мо-

---

[31] Ниг.: Шершеневич Г.Ф. Учебник русского гражданского прав (по изданию 1907 г.). – М., 1995. – С. 254.
[32] Ниг.: Бдтаев М.В. Понятие и правовая сущность исключительных прав // Бизнес в законе. – 2011. – № 4. – С. 62-65.

ликияти зеҳнӣ» ном дорад, меъёргузории худ ин мафҳумро дар нохунак меорад. Ба ҳайси субъекти ҳуқуқ натиҷаи шахси пешбарандаи фаъолияти зеҳнӣ қабул карда мешавад. Истифодаи натиҷаҳои ҳуқуқи зеҳнӣ ва воситаҳои фардигардонӣ, ки объекти ҳуқуқи мутлақ мебошад, аз тарафи шахси сеюм бо ризоияти соҳибҳуқуқ амалӣ мегардад. Ҳамин тавр қонунгузор ба субъекти ҳуқуқ ҳуқуқҳои мутлақро танҳо ба объектҳои эҷодиёти зеҳнӣ вобаста кардааст[33]. Агар соҳибмулк ҳатто мутахассиси соҳаи ҳуқуқ набуда, моҳияти моликиятро мухтасару мушаххас ва пурмуҳтаво баён карда тавониста гӯяд, ки «ана моли ман», «ман бо он ҳарҷӣ хоҳам мекунам», дар он сурат кор бо моликияти зеҳнӣ мураккабтар мегардад. Моликияти зеҳнӣ моддӣ нест, онро умуман ба даст гирифтан мумкин нест, истифодааш ҳам ба таври худ буда, мисли ягон чизу предмет нест. Зиёда аз ин, маҳсулоти моддии зеҳнии дар як объектбуда, ҳамеша паҳлуи ҳаманд. Як маҳсули зеҳнӣ метавонад ба якчанд маҳсулоти моддӣ тақсим шавад. Айни ҳамон як чиз дорои қарори зеҳнии бисёр буда метавонад. Масалан, қаср осори меъмориест, ки дар он миқдори зиёди объектҳои моликияти зеҳнӣ метавонад таҷассум ёфта бошад.

Барномаҳои компютерӣ объекти нисбатан нави моликияти зеҳнӣ мебошад. Баробари дигар натиҷаҳои моликияти зеҳнӣ онҳо низ ба ҳифзи ҳуқуқӣ ниёз доранд. Ҳифзи барномаи компютерӣ дар тӯли солҳои охир – ин масъалаи бисёрмуҳокимашавандаи мутахассисон ба шумор меравад. Аксарият кишварҳо амали қонунгузории миллӣ оид ба ҳуқуқи муаллифиро нисбати барномаҳои компютерӣ паҳн намудаанд[34].

И.А. Близнетс, тавсифи объекти махсуси ҳифзи ҳуқуқиро муқаррар намуда, ҳам истилоҳи «барнома барои МЭҲ», ҳам «барномаҳои компютерӣ»–ро истифода бурдааст, ки ин нишонаи аҳаммияти якхела доштани онҳоро эътироф кардани муаллиф мебошад[35].

---

[33] Ниг.: Абдуллоев А.А., Очилова Ф.А. Ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ. – Хуҷанд: «Ношир», 2013. – С. 10-12.
[34] Ниг.: Защита интеллектуальной собственности. Учебник / Под.ред. И.К. Ларионова и др. – М.: Изд-во «Дашков и К», 2021. – С. 50.
[35] Ниг.: Право интеллектуальной собственности: учебник / И.А. Близнец, Э.П. Гаврилов, О.В. Добрынин и др.; под. ред. И.А. Близнеца. – М.: Проспект, 2013. – С. 152-153; Пшенко К.А. роблемы правового регулирования в информационной сфере // ЛЮЖ. – 2007. – №1(5). – С. 104-117.

Ба таҳлили категорияи «барномаи компютерӣ» шуруъ карда, бояд қайд намуд, ки ҳоло қонунгузор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳарчанд ки ба истифодаи истилоҳи «барнома барои МЭҲ» бартарият медиҳад, ба назари мо дуруст мебуд агар истилоҳи «барномаи компютерӣ» кор фармуда шавад.

Чунин муносибат ба он асос меёбад, ки ҳоло амалан маҳз истилоҳи «барномаи компютерӣ» нисбатан замонавию маъмултар аст, аз ҷумла дар асноди ҳуқуқи байналмилалӣ. Истилоҳи қонунан ҷорикардашудаи «барнома барои МЭҲ» маънаван куҳна шудааст ва ба анъанаву воқеияти замон мувофиқат надорад. Ин истилоҳ ҳоло қариб тамоман аз истифода мондаасту асосан аз тарафи муҳандисони электроникаи рақамӣ истифода мегардад[36]. Вай ҳамчун истилоҳи дар ҳуҷҷатҳои юридикӣ ва мафҳуми таърихӣ барои ифодаи техникаи компютерии солҳои 1940–1980 ва дастгоҳҳои ҳисоббарори калон истифода мешавад, то ки техникаи фардӣ фарқ карда шавад. Мошини ҳисоббарори электронӣ чун истифодаи қисмҳои электронӣ ба сифати ҷузъҳои функсионалӣ фаҳмида мешавад. Вале, компютер аз ҳисоби иваз шудани қисмҳои механикӣ, ҳаракати электронҳо, фотонҳо ё манфиати дигар рӯйдодҳои табиӣ кор карда, он метавонад бо принсипҳои дигар низ сохта шавад– вай механикӣ, биологӣ, оптикӣ, квантӣ ва ғайра буда метавонад. Ба ғайр аз ин, тибқи тарзи кораш мошини ҳисоббарорӣ мумкин аст, рақамӣ (МҲР) ва қиёсӣ (аналогӣ; МҲҚ) шавад[37]. Зиёда аз ин тибқи муқаррароте, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» (1998) «барнома дар бораи МЭҲ маҷмуи маълумоту супоришҳои дар шакли объективӣ манзуршудаест, ки барои кори МЭҲ ва дигар дастгоҳҳои компютерӣ ва ғайра муқаррар гардидааст». Дар ин маврид қонунгузор дар меъёри мазкур корбасти истилоҳи «барнома барои МЭҲ»–ро ба дастгоҳҳои компютерӣ низ интишор дода, бо ҳамин эътироф кардааст, ки истилоҳи «барномаи компютерӣ» моҳияти объектро амиқтар ифода менамояд. Анъа-

[36] Ниг.: Козубекно Ю.В. О понятии «программ для ЭВМ» и информации как родовом понятии по отношению к программам для ЭВМ // Электронная приложение к Российскому юридическому журналу. – 2015. – №2. – С. 34-37.
[37] Ниг.: Быков С.Н. Система гражданско-правовых средств охраны компьютерных программ: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2013. – С. 26-30.

наи ивази истилоҳи «барномаҳо барои МЭҲ» ба «барномаи компютерӣ» дар адабиёти ҳуқуқшиносии муосир равшан ба назар мерасад. Масалан, О.В. Ревинский дар нашрияҳои илмиаш ибораи мазкурро аз истифодамонда ҳисобида, борҳо дар ин хусус ибрози андеша кардааст, ки қонунгузор истилоҳи «барномаҳо барои МЭҲ»–ро кайҳо бояд бо «барномаҳои компютерӣ» иваз мекард[38].

Дар Директиваи Шурои Ҷамъияти Аврупо дар бораи ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ аз 14–уми майи соли 1941 низ истилоҳи «барномаи компютерӣ» истифода шудааст[39].

Қайд бояд кард, ки истилоҳот бо ҳисоби болоравии доимии моҳияти ифодагари объекти истилоҳ рушд меёбанд. Масалан, моҳияти объект ба он истилоҳоте таъсир мерасонад, ки мо истифода мебарем. Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки барои таҳкими боястаи системаи воситаҳо (низом) дастгоҳи махсуси дурусти истилоҳот чун яке аз усулҳои таҳкими унсурҳои ҳуқуқ зарур аст. Барномаҳо барои МЭҲ тибқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти зеҳниест, ки аз тарафи қонун ҳифз карда мешавад. Нуктаи мазкур дар моддаи 1236, қисми сеюми КМ ҶТ мустаҳкам карда шудааст. Маҳз бинобар он баррасии мундариҷа ва ҳаҷми чунин категорияи ҳуқуқӣ, чун моликияти зеҳнӣ барои таҳқиқоти мазкур аҳаммияти муҳим дорад. Ҳамин тавр, истилоҳи «моликияти зеҳнӣ» бори аввал бо қонуни ИҶШС «Дар бораи моликият дар ИҶШС» аз 6–уми марти соли 1990 ворид карда шуда буд ва дар он гуфта шудааст, ки «муносибат оид ба бунёд ва истифодаи ихтироот, кашфиёт, осори илмӣ, адабӣ, санъат ва объектҳои дигари моликияти зеҳнӣ бо қонуни махсуси Иттиҳоди Шуравӣ, ҷумҳуриҳои иттифоқию автономӣ (мухтор) танзим карда мешавад»(моддаи 2). Мазмуни мафҳуми «моликияти зеҳнӣ» дар навбати худ дар асоси Конвенсияи Стогголм (1967), ки Ташкилоти Умумиҷаҳонии

---

[38] Ниг.: Ревинский О.В. Что новый кодекс нам готовит? [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.patents-and-Iicences.webzone.ru/issue/4p_12.html (санаи муроҷиат: 04.03.2021).; Ревинский О.В. Что и как можно усовершенствовать в четвертой части ГК РФ? // Патенты и лицензии. – 2009. – № 10. – С. 29; Сергунина Т.В. Сравнительный анализ основных направлений гражданско-правового регулирования авторских прав на компьютерные программы в России и за рубежом [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/ (санаи муроҷиат: 10.02.2022.

[39] Ниг.: Директива Совета ЕЭС от 14 мая 1991 года о правовой охране компьютерных программ (91/250/ЕЭС) // Журнал международного частного права. – 1994. – № 4. – С. 68-76.

Моликияти Зеҳнӣ (ТУМЗ) – ро таъсис дода буд, гирифта шудааст. Аз ҳамин сана мафҳуми зайл дар ҳуқуқи байналмилалӣ мустаҳкам ҷой гирифтааст[40].

Тибқи моддаи 2 Конвенсияи Стогголм зери мафҳуми моликияти зеҳнӣ ҳуқуқе фаҳмида мешавад, ки мансуби осори адабӣ, бадеӣ ва илмӣ бошанд: фаъолияти иҷроияи ҳунармандон, сабти овоз, барномаҳои радиову телевизион; ихтироъкорӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ; кашфиёти илмӣ; намунаҳои истеҳсолӣ; нишонаҳои молӣ, нишонаҳои хизматрасонӣ, номи фирмаҳо ва ифодаҳои тиҷоратӣ; ҳифзи зидди рақобати носолим, ҳамчунин тамоми ҳуқуқҳои дигари дахлдори фаъолияти зеҳнии соҳаҳои истеҳсолӣ, илмӣ, адабӣ, бадеӣ ва ғайраи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ иштирокдори конвенсияи мазкур аст[41].

Ин ҷо бояд қайд кард, ки зимни ташаккули қонуни давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ[42] дар бораи ҳуқуқ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, дар доираҳои илмӣ оид ба худи истилоҳи «моликияти зеҳнӣ» мубоҳисаҳо ба миён омада буд. Масалан, яке аз таҳиягарони қисми сеюми лоиҳаи КГ Федератсияи Россия, профессор Дозортсев В. А. қайд мекунад, ки «истилоҳи мавриди баррасӣ – тимсоли адабист, он формулаи юридикӣ нест, истифодаи истилоҳи дигар – «ҳуқуқи мутлақ» беҳтар аст»[43].

Таҷриба нишон дод, ки истилоҳи «моликияти зеҳнӣ» ҳоло чӣ миёни олимони ҳуқуқшиноси мамолики пасошуравӣ ва чӣ дар қонунгузории дохили Тоҷикистон мавқеи устувор дорад.

Таъкидаш муҳим аст, ки то ҳоло муқаррароти умумии барномаҳои компютерӣ қабул нагардидааст, ҳамчунин истилоҳи ягонаи мафҳуми мазкур мавҷуд нест. Масалан, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳоти

---

[40] Ниг.: Мирских К.Ю. О защите авторских прав // Законность и правопорядок в современном обществе. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/ (санаи муроҷиат: 04.11.2020).

[41] Ниг.: Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи СБМЗ (Созмони байналмилалии моликияти знҳнӣ) аз соли 1967 ро 14 феврали соли 1994. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.wipo.int. (санаи муроҷиат: 20.02.2017 с.).

[42] Ниг.: Подшибихин Л.И., Бузова Н.В. Законодательство об авторском праве и смежных правах государств-участников Содружества Независимых Государств и межгосударственные соглашения в этой области. – М., ИНИЦ, 2002. – С. 226-255,Ю. 215-226, 142-177, 75-103, 43-74, 12-43, 402-409, 368-378, 341-368, 215-226, 104-142.

[43] Ниг.: Дозорцев В.А. Права на результаты интеллектуальной деятельности: Авторское право. Патентное право. Другие исключительные права. – М.: ДЕ-ЮРЕ, 1994. – С. 21.; Чернышева С.А. Авторский договор в гражданском праве России. – М.: Гардарики, 1996. – С. 104.

зерин роиҷанд: «барномаҳо барои МЭҲ», «барномаи компютерӣ», «комплекси барномавӣ», «таъминоти барномавӣ».

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «барномаҳо барои МЭҲ»–ро истифода бурда, онро чун маҷмуи маълумоту супоришоти дар шакли объективӣ пешниҳоднамудае манзур менамояд, ки бо мақсади ба даст овардани натиҷаи муайяне барои амалкарди МЭҲ ва дигар дастгоҳҳои компютерӣ муқаррар карда шудааст. Дар навбати худ, дар дастурамалҳои намунавии аз тарафи ТУМЗ коркардашуда барои бунёди низоми ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ соли 1978 зери мафҳуми барнома «шабакаи фармондиҳие ба шакли қироати мошинӣ мошинҳои имкони таҳлилгаридоштаро водор менамояд, ки вазифаҳои муайянеро иҷро кунад, масъалаҳоро ҳал намояд ё ба натиҷае расад»[44]. Муқаррароти нишондодашуда аз он ҷиҳат ба ҳам монананд, ки ҷиҳати функсионалии (амалкардии) таъиноти барномаҳои компютериро қайд мекунанд.

Агар ба адабиёти илмӣ муроҷиат намоем, метавон муқаррароти «Луғати калони энсиклопедӣ»–ро мисол овард: «барномаи компютерӣ– тафсири алгоритми ҳалли масоили ба забони барномасозӣ додашуда, мансуби мошинаи ҳисоббарор аст»[45].

Баробари истилоҳи «барномаи компютерӣ» дар амал мафҳуми «таъминоти компютерӣ» васеъ истифода мешавад. Таъминоти барномавӣ дар худ ба ҷуз барномаҳо инчунин маводи ёрирасони барои корҳои барномаҳои компютерӣ даркориро низ дарбар мегирад. Ба он маънидоди барномаҳо, дастурҳо, тавзеҳот ва ғайра шомиланд. Унсури марказии таъминоти барномавӣ ба ҳар ҳолат худи барнома мебошад, бинобар он муаммоҳои ҳифзи таъминоти барномавӣ аксаран бо ҳифзи худи барномаҳо алоқаманд аст. Мураккабии интихоби тарзи ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ ба он вобаста аст, ки барнома воситаи таъмингари амалкарди компютер ё идораи кори он маҳсуб ме-

---

[44]Ниг.: Публикация ВОИС № 478. Введение в интеллектуальную собственность // ВОИС. – 1998. – С. 594.
[45] Ниг.: Прохоров А.М. Большой энциклопедический словарь. – М.: Советская энциклопедия, 1993. – С. 443.

ёбад, дар он замоне ки матни барнома нақли амалиёти пайдарҳами шаклгирифтаи математикӣ ва мантиқист[46].

Барои ҳарчӣ аниқтар фаҳмидани асосҳои ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ ва ҷузъҳои иловагии онҳо, ҳамчунин баҳри таҳлили муқоисавии минбаъда бо ҳифзи пешниҳодкардаи онҳо дар як қатор мамолики хориҷӣ, ба мафҳумҳои матни ибтидоӣ (аслӣ) ва рамзи объектӣ муроҷиат кардан зарур аст. Масалан, дар марҳилаи ҳозира барномаро чун маҷмуи маълумотҳову фармонҳои дар намуди рамз пешниҳоднамудае, ки дар шакли хондашавандаи барои барномасоз фаҳмо тасаввур кардан мумкин аст. Дар ин шакл барнома мисли матни ибтидоӣ манзур гашта, дар доираҳои илмӣ нуқтаи назаре арзи вуҷуд дорад, ки чун анъана барнома маҳз дар шакли матни ибтидоӣ ба вазифаи объекти ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ баромад мекунад, зеро асар, чун қоида дар шакли барои одам фаҳмову шууррас ифода мегардад[47].

Аз матни ибтидоӣ барномаро ба рамзи объекте бояд гузаронд, ки барои ба рақамҳо такя карда сарфаҳм рафтану таҳлил кардани компютер мувофиқ бошад. Раванди мазкури интиқол компилятсия ва баръакси онро декомпилятсия меноманд.

Азбаски, таъиноти барнома дар амалкарди он, яъне на дар таъсир ба тафаккур ва эҳсосоти хонанда, балки дар татбиқи компютерии баъзе равандҳо ифода мегардад, Л. Краветс қайд мекунад, ки он амали мустақими матни ибтидоии барнома дар табдили дастури барномасоз ба барномаи объектӣ таҷассум меёбад ва дар шакли пайдарҳамии сифрҳо ва воҳидҳо ифода мегардад[48].

Бо ҳамин андеша бисёр муҳаққиқони табиати барномаҳои компютерӣ қайд мекунанд, ки барнома метавонад дар назари аввал чун намудҳои гуногуни ягон навъи технология қабул карда шавад. Тарафдорони ин ақида ба

---

[46] Ниг.: Мохов А.И. Правовое регулирование использования компьютерных программ [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/ (санаи муроҷиат: 05.11.2020).

[47] Ниг.: Бондарчук Ю.М. Особенности применения критериев охраноспособности к программе для ЭВМ как объекта авторского права: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/ (санаи муроҷиат: 25.11.2021).

[48] Ниг.: Кравец Л. Трансформация авторских прав в современных информационных сетях // Интеллектуальная собственность. – 1998. – № 4. – С. 33-40.; Ревинский О.В. Что и как можно усовершенствовать в четвертой части ГК РФ? // Патенты и лицензии. – 2009. – № 10. – С. 10-29.

алоқаи ҷудонопазири МЭҲ ва идораи таъминоти барномавии он такя мекунанд, ки бе он дастгоҳ наметавонад амал намояд. Барномаи компютериро қарор дар соҳаи техника пиндошта, баъзе муаллифон ибрози андеша доранд, ки мафҳуми ҳозираи ихтироъ мафҳуми авлодӣ ва ифодагари ҳама гуна қарори эҷодии объективии мавҷуда дар фаҳмиши васеъ мебошад[49]. Ҳамин тавр, дар адабиёт нишонаи «технологиявӣ»–и барномаҳои компютериро ҷудо кардаанд, ки аслан танҳо хоси қарорҳои технологӣ мебошад. Масалан, барномаҳое, ки барои манфиатбахшии кори барномаҳои дигар муқаррар шудаанд, бо васеъ намудани имконоти амалкардии МЭҲ, тафтиши қобилияти корӣи МЭҲ дар маҷмуъ ё қисмҳои алоҳида ва ғайра самаранокии технологиро таъмин менамоянд. Нишонаи мазкур барномаро аз рӯйи самаранокиаш дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда муайян менамояд. Он танҳо хоси ҳалли технологӣ буда, дар барномаи асарҳои аудиовизуалӣ низ дида мешавад. Ҳамин тавр, падидаи визуалӣ ба мисли ҳалли рангҳо, тасвирҳо, графикаҳо, инчунин сифати осори аудиовизуалӣ, метавонад нишондиҳандаи самаранокии технологӣ бошад. Аз нишонаҳои характерноки ҳалли техникӣ нисбати барномаҳои компютерӣ, нишонаи алоқамандтарин барномаи самаранокии технологӣ мисли навгонӣ истифода шуданаш мумкин аст.

Азбаски объектҳои анъанавии ҳуқуқи муаллиф хусусиятҳои мазкурро доро нестанд, дар оғози пайдо шудани МЭҲ таҳиягарони барномаҳо барои ҳифзи натиҷаҳои меҳнати худ кӯшиш намуданд, ки меъёри ҳуқуқи патентиро чун бовариноктарин ва самараноктарин усул истифода баранд. Аммо он далел, ки асоси барномаи компютериро алгоритмҳо ташкил медиҳанд, яъне пайдарҳамии амалиёти бо тартиби муайян иҷрошаванда, барои татбиқи андешаҳо монеаи ҷиддӣ гардид[50].

---

[49] Ниг.: Сергеев А.П. Право интеллектуальной собственности в Российской Федерации. – М.: Проспект. 1999. – С. 56.; Долаева А.Р., Чистова В.А. Актуальные вопросы правового регулирования авторских прав программ для ЭВМ / Молодой исследователь Дона (ДГТУ). – 2019. – № 5 (20). – С. 117-120.

[50] Ниг.: Виталиев Г.В., Волчинская Е.К., Карелина М.М., Лаптева А.Н., Петрова С.Н., Подшибихин Л.И., Терещенко Л.К. Защита прав создателей и пользователей программ для ЭВМ и баз данных. Комментарии российского законодательства / Отв. науч. ред.: Карелина М.М.:. – М.: Изд-во РПА МЮ РФ, 1996. – С. 32.

Ҳама гуна алгоритм натиҷаи фаъолияти тафаккурист, ин бошад нишонаи бевоситаи патентнопазирӣ мебошад, чунки агар навгонии объекти он танҳо аз равандҳои иқдоми ақлонӣ асос ёфта бошад, ба он объект патент дода намешавад. Ҳамин тавр, дар ИМА ҳанӯз дар ибтидои солҳои 70–и асри XX як қатор зиддиятҳои судӣ шуда буд, ки дар онҳо барномаҳои компютерӣ объектҳои патентнопазир эълон гардида буданд[51]. Дар айни замон дар банди 2 моддаи 52–и Конвенсияи аврупоии патентӣ, ки соли 1973 қабул шуда, аз 7–уми ноябри соли 1977 қувва пайдо карда буд, аз байни фаъолияти зеҳнии ғайриихтироӣ ҳисобшуда, методҳои риёзӣ, қоидаҳои фаъолияти тафаккурӣ, ҳамчунин барномаҳо барои иштирокдорон оид ба коркарди маълумотҳо номбар шудаанд. Ин дастур ба барномаҳову алгоритмҳо низ бевосита дахл дошт. Дар навбати худ баъзе анвои маҳсулоти барномавӣ, масалан ҷузъи раванди технологӣ ба ҳисоб мерафта бошад, метавонад объекти патентонӣ шавад. Ҳоло дар муассисаи патентии Аврупо (МПА) ҳифзи ҳуқуқии ихтироот, ки бо барномаҳои компютерӣ алоқаманданд, бо директиваи алоҳида оид ба гузаронидани ташхис дар МПА муайян карда мешавад. Чунончӣ, новобаста аз мазмунаш барномаи компютерие, ки мавзуи баҳс қарор мегирад, худи ҳамон чиз ё сабти он дар ноқила ихтироъ ба ҳисоб намеравад. Ҳамзамон мувофиқи директива ба мавзуи даъво танҳо барои он ба патентпазирӣ рад карда намешавад, ки дар сурати амалӣ кардани он барномаи компютерӣ мақоми муайянеро соҳиб аст. Агар мавзуи даъво саҳмгузори рушди техникӣ бошад, он аз рӯйхати патентпазирон бароварда намешавад ва мутобиқан агар барнома дар мансубаи (кобинатсияи) МПА тарзи амалкарди охиринро аз эҳтимол дур накарда, самараи техникӣ орад, чунин комбинатсия патентпазир шуда метавонад.

Ба ҳамин минвол, муаммои ҳифзи ҳуқуқии таъминоти барномавиро ҳоло бисёр муҳаққиқон дар дараҷаи қонунгузорӣ ҳалшуда меҳисобанд, масъалаи қабулпазирии ҳуқуқи муаллиф нисбат ба барномаҳои компютерӣ дар олами

[51] Ниг.: Симкин Л.С. Программы для ЭВМ: правовая охрана (правовые средства протих компьютерного пиратства). – М.: Городей, 1998. – С. 45.

илм боиси шубҳа намегардад[52]. Новобаста аз он ки муаллифони ҷудогона ҳанӯз ба масъалаи имконпазирии қабули меъёри ҳифзи ҳуқуқи муаллиф оид ба барнома барои МЭҲ муроҷиат менамоянд, баҳси асосиро имрӯзҳо дар атрофи андоза ва таркиби салоҳияти муаллифон ба барномаҳои компютерӣ идома медиҳанд[53].

Ноил гардидан ба ҳифзи ҳуқуқи барномаҳои компютерӣ имрӯзҳо дар шароити таъминоти барномавии индустрияи мутараққӣ яке аз масоили асосӣ маҳсуб меёбад. Ҳифзи ҳуқуқи муаллифии барномаҳои компютерӣ дар ин ҳол таъҷилитарин ва арзонтарин (дар муқоиса бо ҳифзи ҳуқуқи патентҳо) мебошад, ки ин аз бисёр ҷиҳат барои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи устувор пайдо кардани он мусоидат менамояд. Бояд ҳамчунин дар назар дошт, ки ҳангоми интихоби ҳифзи ҳуқуқи муалифии барномаҳои компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи аллакай ҷоригардидаи ҳифзи ҳуқуқи байналмилалии онҳо аҳаммияти зиёд дошт, ки минбаъд муфассал баррасӣ хоҳад шуд.

Ба баррасии мафҳуми барномаҳои компютерӣ дар ҳуқуқи хориҷӣ шуруъ менамоем. Муқаррароти расмие, ки дар қонуни мамлакатҳои гуногун ба барномаҳои компютерӣ дода шудааст, одатан баробари хеле монанд буданашон фарқият низ доранд.

Дар адабиёти хориҷӣ оид ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ нуқтаи назари мухталиф баён шудааст. Мутахассисони соҳаҳои гуногуни илм имкони ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютериро бо меъёрҳои институтҳои гуногун баррасӣ кардаанд, пеш аз он ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ оид ба танзими ин масъалаи баҳснок ба ягонагию ҳамфикрӣ бирасанд[54]. Қабл аз оғози баррасии дастгоҳи мафҳумии барномаҳои компютерӣ дар системаҳои гуногуни давлатию ҳуқуқӣ, ба таърихи пайдоиши нахустин мошинҳои ҳисоб-

---

[52] Ниг.: Корнеев В.А. Программы для ЭВМ, базы данных и топологии интегральных микросхем как- объекты интеллектуальных прав. – М.: Статут, 2010. – С. 12.

[53] Ниг.: Исмоилов Ш.М. Правовые аспекты интеллектуальной собственности // Сборник избранных статьей. – Душанбе, 2021. – С. 269-276.

[54] Ниг.: Гаврилов Э.П. Совершенствование законодательства об интеллектуальной собственности: есть проблемы // Патенты и лицензии. – 2015. – №12. – С. 2-8.

барори электронӣ рӯ меорем. Оид ба этимологияи вожаи «компютер» метавон қайд кард, ки он аз калимаи сохтаи англисиасоси *to compute, computer* гирифта шуда, *«ҳисоб кардан», «ҳисобкунак»* тарҷума мешавад (дар навбати худ он аз калимаи лотинии *computare* – «ҳисоб кардан» реша гирифтааст). Ин калима дар забони англисӣ пайдо шуда, одами бо истифодаи ягон хел дастгоҳи механикӣ ё бе он бо ҳисоби арифметикӣ машғулбударо ифода мекард. Минбаъд ифодаи мазкур ба худи мошинҳо вобаста карда шудааст. Компютерҳои замонавӣ бошанд, маълум, ки вазифаҳои зиёдеро иҷро мекунанд, ки бештарашон ба математика ягон робитае надоранд. Тафсири калимаи *«компютер»* бори аввал соли 1897 дар «Луғати забони англисӣ»–и донишгоҳи Оксфорд ба назар мерасад[55]. Он вақт компютер ҳамчун дастгоҳи ҳисоббарории механикӣ маънидод шуда буд. Соли 1946 таърифи мазкури луғат бо нуктаҳои фарққунандаи мафҳумҳои компютери рақамӣ, қиёсӣ ва электронӣ мукаммал карда шуда буд. Барои беҳтар шарҳ додани моҳияти ин мафҳумҳо, мухтасаран хусусияти принсипҳои кори дастгоҳҳои баррасишавандаро манзур медорем[56].

Аз соли 1946 сар мекунем, ки он вақт дар ИМА ба созандагони нахустин интегратори электронию рақамии ENIAC патент дода буданд. Дар доктрина қайд карда шудааст, ки тибқи стандартҳои ҳозира, ки барои компютерҳои замонавии ENIAC дода мешавад, «ин дастгоҳи ноғунҷони бадҳайбат, сӣ қисмҳои ҷудогонаи он, инчунин баркдиҳак бо хунуккунаки ҳавоӣ бештар аз сӣ тонна вазн дошт». Дар адабиёти ҳуқуқӣ таъкид мешавад, ки 19 000 лампаҳои вакуумӣ, 15 000 реле ва садҳо ҳазор резистор, конденсатор ва ғалтакҳои индуктивӣ қариб 200 киловатт қувваи барқӣ сарф мекунанд. Кори он аз иҷрои фармонҳои муттасили муайян иборат аст[57]. Сабти фармонҳо ба мошин дар намуди рақамҳои дуадада, ҳаштадада ё шонздаҳадада ва кодҳои бо ҳамин усул сохташуда барои дарки инсонӣ дастрас набуд. Худи «барнома» барои ин мошин бо ҳолати кабелҳои пайвасткунанда бар-

[55] Ниг.: Интернет-сайт Оксфордского английского словаря [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.oed.com/ (санаи мурочиат: 07.10.2016).
[56] Ниг.: Ревинский О.В. Что и как можно усовершенствовать в четвертой части ГК РФ? // Патенты и лицензии. – 2009. – № 10. – С. 10-29.
[57] Ниг.: Азизян В.Г., Журавлева Н.И. Защита прав авторов компьютерных программ и изготовителей баз данных в судебном порядке [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/ (санаи мурочиат: 04.11.2020);

гардонакҳо муайян карда мешуд ва фарқи асосии инҳо аз мошинҳои барномадори баъдтар офаридашуда дар ҳамин зоҳир мегардад. Мақсади барнома танҳо ҳалли ягона вазифа буд. Вале, бо вуҷуди ин ҳисоббарорӣ бе кумаки инсон, дар он замон дастоварди бузург ҳисобида мешуд. Беҳтар кардани кори интегратори рақамии ENIAC, ки соли 1948 ба анҷом расида буд, ба иҷрои барномае имкон дод, ки бо хотираи махсус мусаллаҳ карда шуда буд ва он барномасозиро боз ҳам системавитар карда, аз дастовардҳои «яккаррата» қадаме пештар бурд[58].

Раванди ташаккули мафҳуми ҳозираи барномаҳои компютерӣ чун объекти ҳифзи ҳуқуқӣ пеш аз ҳама дар амалияи ИМА ҷолиб менамояд, ки аз лиҳози истеҳсоли барномаҳои компютерӣ давлати пешқадаму мутараққӣ мебошад. Соли 1980 анъанаи истифодаи ҳифзи ҳуқуқи муаллифии барномаҳои компютерӣ ба қабули тағйироту иловаҳо ба қонуни ИМА дар бораи ҳуқуқи муаллифии соли 1967 ва истилоҳи «барномаи компютерӣ» оварда расонд, ки дар номгӯйи (феҳрасти) объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ, ки дар §101–уми Қонун дарҷ шудааст. Масалан, барномаи МЭҲ дар он чун «ҷамъи маълумотҳо ва дастурҳое, муқаррар гардидааст, ки бевосита ё бавосита дар МЭҲ бо мақсади ба натиҷаҳои муайян расидан истифода мешаванд». Қонуни мазкур ҳамчунин асарҳоро новобаста аз он ки дар кадом ноқилаи моддӣ сабт шудааст, ба ҳифзи ҳуқуқӣ мегирад. Умуман, аз муқаррароти барномаҳо барои МЭҲ бармеояд, ки ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ метавонад чун барнома дар шакли матни ибтидоӣ ва ҳам чун барнома дар шакли рамзи объектӣ баррасӣ гардад. Дар ин ҳолат дар тафриқа аз муқаррароти русии истилоҳи «барнома барои МЭҲ» Қонуни ИМА ба тасвия нишондодро оид ба маводи ёрирасони барнома ва ба таҷассумоти аудиовизуалии меофаридааш дохил намекунад. Дар айни замон §101–уми Қонуни ИМА дар бораи ҳуқуқи муаллиф аз доираи фаъолияти он объектҳоеро ба мисли «ғояҳо, амалиётҳо, тарзу методҳо, консепсияҳо, тасвираҳоро» сарфи назар менамо-

[58] Ниг.: Быков С.Н. Система гражданско-правовых средств охраны компьютерных программ: дис. .. канд. юрид. наук. – М., 2013. – С. 57-60; Смирнов Д.М. О современных проблемах авторского права в РФ // Вестник Челябинского государственного академии культуры и искусств. – 2015. – 1 (41). – С. 38-45.

яд[59].

Қайд кардан ҷолиб аст, ки қонуни мазкур дар соли 1998 бо чунин дастурҳо дар бораи дар ҳолати гузаронидани ташхисот (диагностика) ва таъмири таъминоти дастгоҳ бе розигии соҳибҳуқуқ тайёр кардани нусхаи иловагии барномаҳои компютерии қонунан бадастовардашуда ва нобуд кардани онҳо баъди амалиёти номбурда, пурра карда шуда буд. Ҳоло Қонун дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста он аз 9–уми соли 1965, дар асоси банди 1 § 2–и он барномаҳо барои мошинҳои ҳисоббарори электронӣ ба қатори асарҳои адабии муҳофизатпазир гузаронида шудаанд. Ҳамзамон дастур дар бораи ҳифзи барномаҳо барои МЭҲ ба он чун илова ба қонун дар бораи тағйироти таъинот дар соҳаи ҳуқуқи муаллифӣ аз 24–уми июни соли 1985 ворид карда шудааст.

Худи истилоҳи «барномаи компютерӣ» дар Қонун амиқан шарҳ дода нашудааст. Тибқи § 69–и таҳрири ниҳоии Қонун барномаи компютерӣ барнома (дар кадом шакле ки бошад) ва маводи коркарди онро ифода менамояд. Ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ба барномаҳои компютерӣ новобаста аз шакли ифодаашон пешниҳод мегардад, дар ин ҳолат ғояҳо ва принсипҳое, ки асоси онҳоро ташкил медиҳанд, ба ҳифзи номбаршуда мансуб нестанд. Ҳамчунин шарти ҳифзи барномаҳои компютерӣ талаботи асолати онҳо маҳсуб намеёбад, ба он мазмуне, ки онҳо бояд натиҷаи меҳнати зеҳнии худи муаллиф бошанд. Дар қонун нишондоди махсусе ҳаст, дар бораи он ки ҳеҷ гуна меъёри дигар, аз ҷумла хусусияти сифатӣ ё эстетикидошта, барои муайян кардани имконоти ҳифзи онҳо қабул карда намешавад.

Амалияи судии Германия роҳи аҷиберо интихоб кард. То қувва пайдо кардани Қонуни ҶФГ дар бораи ҳуқуқи муаллиф дар соли 2017[60], Суди федералии Германия оид ба парвандаи «Inkasso – Programm» роҷеъ ба барномаҳои МЭҲ, ки «ба саҳми эҷодии аз дараҷаи миёна бештар асос ёфтааст, бояд тибқи қонуни соли 1965

---

[59] Ниг.: Арзуманян А.Б. Охрана компьютерных программ в международном и националном праве // Вестник юридического факультета ЮФУ. Т8. – 2021. – №3. – С. 33-39.; Еременко В.И., Подшибихин Л.И. Комментарий к закону РФ «О правовой охране программ для ЭВМ и баз данных». – М.: Правовая культура, 1997. – С. 66-68.; Мирских К.Ю. О защите авторских прав // Законность и правопорядок в современном обществе[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/ (санаи муроҷиат: 04.11.2020).

[60] Ниг.: Закон Германии об авторском праве // Законодательство зарубежных стран по авторскому праву и смежным правам. Германия, Соединенное Королевство, Франция. – М., ФИПС, 2004. – С. 6-69.

ба ҳимояи ҳуқуқи муаллифӣ гирифта шавад». Бисёр мутахассисон дар осорашон ин қарорро зери танқид гирифтанд. Ба ақидаи Л. Беттен «талаботи баланд бардоштани дараҷаи миёнаи эҷодиёти пурра аз консепсияи анъанавии ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ» ба он оварда мерасонад, ки бо вуҷуди бечунучаро натиҷаи фаъолияти эҷодии офарандагонашон будани бисёр барномаҳои МЭҲ, ҳифзпазир шуда наметавонанд»[61].

Минбаъд қарори парвандаи «Inkasso– Programm»–ро судҳои мақомоти аввал чунин шарҳ дода буданд, ки «барои ҳифзпазирии барномаҳо онро лозим буд, ки дорои навгонии муайяни берун аз доираи фаъолияти «барномарези миёна» бошад». Ин талабот дар асоси моддаи 2–юми Қонуни ҷорие пешниҳод гардида буд, ки танҳо ҳимояи осори натиҷаи эҷоди зеҳнии фардӣ махсубёфтаро муқаррар мекард. Соли 1985 суди шаҳри Франкфурт ҳукм оид ба парвандаи «Baustatic – programm» бароварда, муқаррар намуд, ки ба барномаи МЭҲ ҳуқуқи муаллифӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани як қатор шартҳои муайян бояд ҳимоя карда шавад. Аввалан, муттасилии барномаи компютерӣ ва сохтори дастаи он набояд аз вазифаҳои ҳалшаванда якбораю беасос бароянд; сониян, ҳангоми коркарди барнома муаллиф бояд озодӣ ва имкон дошта бошад, ки формулаҳои мухталиф ё муттасилии фармонҳоро интихоб намояд, ҳамчунин мустақилона онро татбиқ карда тавонад; солисан барномаи компютерӣ набояд ба дигар барномаҳои маълум асос ёфта, танҳо натиҷаи шаклдигаркардаи одии механикӣ ё техникӣ набошад[62].

Шарти охирин ба «бартарияти эҷодӣ»–и дар боло ёдоваршуда дахл дорад, яъне хеле баланд бардоштани «дараҷаи миёна» аз рӯйи саҳми зеҳнӣ дар раванди таҳияи барнома мадди назар дошта шудаст. Баррасии шарти «бартарияти эҷодӣ» то андозае бо талаботе, ки ҳуқуқи патентӣ нисбати дараҷаи ихтироии ихтироот пешниҳод намудааст, мутобиқат дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 ноябри соли 1998 Қонуни ҶТ «Дар бораи

[61] Ниг.: Betten L. Copyright Protection of Computer Programs in the Federal Republic of Germany // Copyright. – 1986. – № 10. – P. 352-358; Мотавилова Д.А. Перспективы авторско-правовой защиты результатов, созданных системами искусственного интеллекта, с позиции американского права // Журнал Суда по интеллектуальным правам. – 2019. – № 23. – С. 56-67.

[62] Ниг.: Безгласный А. Охрана программ для ЭВМ: развитие отечественной и зарубежной правовой мысли // Интеллектуальная собственность. Промышленная собственность. – 2011. – №9. – С. 36-43.

ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он»[63] қабул карда шуда буд. Қонуни қабулшуда тахминан танзими ҳуқуқии ҳифзи объектҳои ҳуқуқи муаллифии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба стандартҳои ин соҳа мебошад. Қонуни мазкур комилан муқаррар намуд, ки барномаҳои барои МЭҲ таҳияшуда ва манбаи маълумот объекти ҳуқуқи муаллифӣ маҳсуб меёбанд. Ба ҷуз ин аз якуми июли соли 2023 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор гирифт, ки фасли VI–и он (моддаҳои 1235–1251) «Моликияти зеҳнӣ» номида шудааст[64]. Дар моддаи 1235–уми КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси объекти ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ барномаҳо барои МЭҲ ва манбаи маълумот эътироф шудаанд. Ин далолати он аст, ки худи барномаҳо барои МЭҲ дар моддаи мазкур ба сифати натиҷаи бевоситаи фаъолияти зеҳнӣ аз дигар объектҳо ҷудо карда шуда, алоҳида ёдовар шудааст ва аз хусусияти барномаҳо барои МЭҲ шаҳодат медиҳанд. Аз ин ҷо метавон хулоса кард, ки барномаҳои компютерӣ чун объекти алоҳидаи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ баромад карда, дар масъалаи таъмини ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ бо осори бадеӣ баробар дониста мешаванд.

Мутобиқи моддаи 9–уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста он» барои пайдоиш, татбиқ ва ҳимояи ҳуқуқи муаллифӣ ба барномаҳои компютерӣ азқайдгузаронӣ ё ягон хел расмияте талаб карда намешавад.

Ҳамин тавр, таҳлили ҳолати дастгоҳи танзимии масъалаи ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, ки ҳоло як қатор асноди меъёрие қабул карда шуда, амал менамоянд, ки дорои миқдори кофии меъёрҳои хусусияти танзимӣ мебошад. Аммо, дар ҳолати муқоисаи танзими ҳуқуқии масъалаи ҳифзи барномаҳои компютерии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасад, ки дар Россия доир ба масъалаҳои моликияти зеҳнӣ аз 1–уми январи соли 2008 қисми чаҳоруми «Кодекси граждании Феде-

[63] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1998, № 23-24, мод. 348.
[64] Ниг.: Фасли VI Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Садои мардум аз 2 январи соли 2023. – № 1-9 (4584-4592). – С. 17.

ратсияи Россия» ба амал дароварда шудааст. Меъёрҳои ба ҳолатҳои ҳуқуқҳои муаллифии ба барномаҳо барои МЭҲ дахлдошта дар боби 70–ум, қисми чаҳоруми «Кодекси граждании Федератсияи Россия» мустаҳкам карда шудааст. Ба ғайр аз ин тартиби бақайдгирии давлатии барномаҳо барои МЭҲ ва манбаи маълумот, инчунин таҳмили ҳуқуқ ба онҳо коркард шудааст. Бо мақсади ба низом даровардани масъалаи мазкур бо фармони Вазорати илм ва маорифи Россия аз 29–уми октябри соли 2008, № 324 муқаррароти (регламент) маъмурие тасдиқ гардидааст, ки аз тарафи Хадамоти Федералӣ оид ба моликияти зеҳнӣ, патент ва нишонаҳои молӣ ба иҷро расонидани вазифаи ташкили қабули ариза барои қайди давлатии барномаҳо барои МЭҲ ва баррасию бо тартиботи муқарраршуда супоридани шаҳодатнома дар хусуси қайди давлатии барномаҳо барои МЭҲ ва манбаи маълумотро ба танзим медарорад[65].

Ба назари мо, лозим аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чунин асноди меъёрӣ қабул намояд, ки фаъолияти мақомоти давлатиро оид ба қайд ва таъмини ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ ба низом медароварда бошад.

Ҳоло мехостем ба қонунгузории Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил назар андозем, зеро масоили ҳифзи барномаҳои компютерӣ дар ин давлатҳо яке аз шартҳои асосии самаранокии наздикшавии иқтисодиёт ва бунёди фазои ягонаи информатсионӣ маҳсуб меёбанд. Шубҳае нест, ки барои ҳама гуна дастгоҳи таҳлилгари информатсионӣ истифодаи таъминоти барномавие зарур аст, ки амнияту ҳифзи маълумотро таъмин карда тавонад. Мафҳуми барномаҳои компютериро дар қонунгузории чанде аз мамолики ИДМ баррасӣ намуда, кӯшиш менамоем махсусиятҳоеро маълум намоем, ки барои таҳқиқи натиҷаҳои ташаккули ҳифзи ҳуқуқии барномаҳо дар ҳуқуқи хориҷӣ аҳаммият дошта бошанд.

Масалан, дар Ҷумҳурии Озарбойҷон аз соли 1996 қонун «Дар бораи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» амал мекунад, дар асоси чунин муайян карда шудааст: барномаи компютерӣ– ин «маҷмуи калимаҳо, рамзҳо, нақша ва намудҳои дигари дастурҳоест, ки барои расидан ба натиҷаю

[65] Ниг.: Митрофанов А.В. Основные аспекты природы и содержания субъективных прав // Образование и право. – 2010. – №4. – С. 157-168.

мақсадҳои муайян дар шакли хониши мошинӣ ва ба ҳаракат даровarandaи компютерҳо истифода мегардад»[66]. Ба таркиби барномаҳои компютерӣ инчунин маводи тайёрӣ дар раванди кори он коркардшуда ва тасвироти аудиовизуалӣ сохташуда дохил мешаванд. Мутобиқи банди 1–уми моддаи 6–уми қонуни баррасишаванда барномаҳои компютерӣ чун осори бадеӣ ҳифз карда мешаванд. Мазмуни банди 2–юми ҳамин модда аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки дар он, ки ҳифзи барномаҳои компютерӣ ба ҳама гуна барнома, аз ҷумла ба системаҳои амалиётии бо забонҳои гуногун ифодаёфта ва ҳама шаклҳои матну рамзҳои объектӣ дахл дорад, муайян карда шудааст. Бидуни мушаххассозии таъиноти мазкури таъриф, ки танҳо шакли «хониши мошинӣ»–ро дар назар дошта бошад, бо мазмуни матни аввала метавонист барнома барои МЭҲ–ро аз доираи ҳифзи ҳуқуқӣ берун гузорад.

Умуман, аз таҳлили мисолҳои параграфи мазкур оид ба муайян кардани мафҳуми барномаҳои компютерӣ дар асноди меъёрии миллии мамолики хориҷӣ ба чунин хулоса расидан мумкин аст.

Аз бисёр ҷиҳат меъёрҳои қонунгузории миллие, ки дахлдори масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ мебошанд, ба ҳам айният доранд, чунин монандӣ махсусан дар нишонаҳои барномаҳо, талабот ба шаклу мазмун ва вазифаҳои онҳо бештар зоҳир мегардад. Ҳамчунин шартҳои пешниҳод намудани ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ низ монанд аст. Чунин далелеро эътироф бояд кард, ки манзараи ҳозираи бавуҷудомада аз бисёр ҷиҳат ба туфайли равандҳои маҷмуаи ҳуқуқи байналмилалии низоми гуногуни ҳуқуқие арзи вуҷуд дорад, ки мамлакатҳои ҷавон аз мамолики дар соҳаи муносибатҳои ҷамъиятии мавриди баррасӣ таҷрибаи бойи қонунгузорию судидошта таҷрибаи ҳифзи хуқукро қабул кардаанд. Илова бар ин, қонунҳои миллӣ ба як қатор қоидаву низомномаҳои шартномаҳои байналмилалӣ (Муоҳидаи СБМЗ (ВОИС) оид ба ҳуқуқи муаллифӣ) мувофиқ карда шудаанд. Агар қонунгузории ҷамъиятҳои маҳаллиро муқоиса намоем, маълум мегардад, ки мамолики

[66] Ниг.: Подшибихин Л.И., Бузова П.В. Законодательство об авторском праве и смежных правах государств-участников Содружества Независимых Государств и межгосударственные соглашения в этой области / Закон Азербайджанской Республики об авторском праве и смежных правах. – М.: ИНИЦ, 2002. – С. 12-43.

Иттиҳоди Аврупо меъёрҳои ҳуқуқи миллиашонро ба Қарордоди (директиваи) ИА оид ба ҳифзи ҳуқуқии барномаҳо барои МЭҲ мувофиқ менамоянд. Дар навбати худ давлатҳои ИДМ низ ҷонибдори принсипҳои таснифи меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд. Дар ин хусус дар асари Л.И. Подшибихин ва Н.В. Бузова нуктаҳои асосии қонунгузории кишварҳои узви ИДМ, аз ҷумла қонунгузории соҳаи ҳуқуқи муаллифии Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Арманистон, Қирғизистон, Молдова ва дигар ба таври мухтасар дида баромада шудаанд. Таҳлили он имконият фароҳам овард, ки ҳолати танзими ҳуқуқии низоми ҳифзи барномаҳои компютерӣ дар миқёси давлатҳои ИДМ дар таносуб бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шавад[67]. Масалан, барномаҳо барои МЭҲ дар ин мамлакатҳо бо меъёрҳои ҳуқуқи муаллифӣ чун осори адабӣ, андозаи пешниҳодшаванда ба муаллифон ва дигар дорандагони ҳуқуқи муаллифии хусусии моликиятӣ ва ғайримоликиятӣ аз бисёр ҷиҳат бо ҳам мувофиқанд[68].

Ҳамин тавр, чанд мафҳум оид ба барномаҳои компютерии мамлакатҳои хориҷиро баррасӣ карда, ба хулосаи умумие расидан мумкин аст, ки ба барномаҳои компютерӣ, инчунин ба маводи муштараки ҳифзи ҳуқуқӣ меъёрҳои ҳуқуқи муаллифие пешниҳод мегардад, ки  аз чунин ҳифз дар бештари қонунгузории миллӣ танҳо алгоритмҳо, дар баъзе мамлакатҳо (ИМА, Япония, Кореяи Ҷанубӣ) бо нишондодҳои мустақими қонун берун мондаанд[69]. Консепсияи ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ аз тарафи аксари мамлакатҳои хориҷӣ маъқул дониста шуда буданд. Дар масъалаи ҳифзи барномаҳо барои МЭҲ бо ҳуқуқи патентӣ бошад, он возеҳ набошад ҳам, баробари ҳифзи ҳуқуқи муаллифии мавҷуда дар баъзе мамлакатҳо, масалан дар ИМА ва як қатор мамолики Аврупои Ғарбӣ, ки дар он ҷо таҷрибаи судӣ имкон медиҳад дар ҳолати аз

---

[67] Ниг.: Доир ба қонунгузории кишварҳои узви Иттиҳоди давлатҳои муштарак, хусусан қонунгузории Ҷумҳурии Беларус, Арманистон, Узбекистон, Қиргизистон, Молдова ва диг. оид ба танзими муносибат нисбат ба барномаҳои компютерӣ, ҳифзи ҳуқуқҳо нисбати он бо ҳам муфасал нигаред: Подшибихин Л.И., Бузова Н.В. Законодательство об авторском праве и смежных правах государств-участников Содружества Независимых Государств и межгосударственные соглашения в этой области. – М.: ИНИЦ, 2002. – 476 с.
[68] Ниг.: Илюшкин А.А. Программы для ЭВМ, базы данных и сайты в сети интернет в системе права интеллектуальной собственности [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/ (санаи муроҷиат: 04.11.2020).
[69] Ниг.: Закон Японии об авторском праве // Законодательство зарубежных стран по авторскому праву и смежным правам. Япония. – М., ФИПС, 2004. – С. 5-100.

қисми дастгоҳии худи компютер ҷудо набудан, ё бо баъзе равандҳои физикӣ алоқаманд будан, патентонии барномаҳо амалӣ карда мешавад[70].

Тибқи масъалаҳои дар параграфи мазкур баррасишуда чунин хулоса кардан мумкин аст:

1) Дар қонунгузории ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи моликияти зеҳнӣ консепсияи ҳифзи ҳуқуқи муаллифии барномаҳои компютерӣ мавқеи устувор пайдо кардааст, ки мувофиқи он барномаҳои компютерӣ баробари осори адабӣ ҳимоя мегардад ва ин ҳам дар доираи миллӣ, ҳам дар муоҳидаҳои байналмилалии бисёрҷонибаю дуҷонибаи баимзорасидаву ба имзо мерасида ба назар мерасад.

2) Таърифи дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулшуда оид ба барномаҳо барои МЭҲ, ки мувофиқи он зери мафҳуми барномаҳо барои МЭҲ маҷмуи маълумотҳову фармонҳои барои кор кардани МЭҲ ва дигар дастгоҳҳои компютерӣ, аз ҷумла маводи ёридиҳандае фаҳмида мешавад, ки бо мақсади ба даст овардани натиҷаи муайяни дар рафти коркарди барномаҳо барои МЭҲ, инчунин тасвирҳои аудиовизуалии бо он офаридашаванда, комилан моҳияти барномаҳои компютериро новобаста аз тарзу воситаи ҳифз шуданаш (бо ҳуқуқи муаллифӣ ё дигар восита) ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқӣ равшан менамояд.  Пешниҳод дар хусуси ба муқаррароти қонунгузорӣ ворид намудани мафҳуми барномаҳо барои МЭҲ маводи дар раванди такомули минбаъдаи он баамаломада, мувофиқи мақсад менамояд, зеро мафҳуми аллакай ҷоришудаи табиати ҳуқуқии чунин маводро мустаҳкам карда, хатари тафсири нодурустро аз байн мебарад.

3) Қонунгузории аксар мамолики хориҷӣ, аз ҷумла ИДМ, дар умум низ консепсияи ҳифзи барномаҳои компютерӣ бо воситаҳои ҳуқуқи муаллифӣ тасдиқ шудааст, ки барномаҳои компютериро мансуби ҳуқуқи муаллифӣ дониста, онро баробари осори адабӣ ҳимоя мекунад.

Муқаррароти мафҳуми барномаҳои компютерии дар қонунгузории

[70] Ниг.: Рамазанова К.К. Международный опыт патентования компьютерных программ // Вестник Московского университета МВД РФ. – 2017. – №3. – С. 182-183.

миллӣ истифодашаванда, дар умум низ бо муқаррарот оид ба ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон монанд аст ва дар аксари маврид чунин хонда мешавад: барномаи компютерӣ – ин маҷмуи дастур, маълумот ва фармонҳоест, ки барои кор кардани МЭҲ бо мақсади ба даст овардани натиҷае роҳандозӣ мешавад.

4) Тафриқаи асосии муқаррароти барномаҳои компютерӣ аз инҳо иборат аст:

– баъзе давлатҳо мафҳуми барномаи компютериро бо нишондодҳои гуногун ифода менамоянд;

– қонун на ҳамеша маводи ёрирасони дар раванди коркарди барномаҳо бадастомадаро мансуби барномаи компютерӣ меҳисобанд.

– дар муқаррароти барномаҳо барои МЭҲ на ҳамеша ҳосилаҳои барномавӣ ба ҳайси объекти тасвироти аудиовизуалӣ нишон дода шудаанд.

## 1.2 Масъалаҳои методологии барномаи компютерӣ ҳамчун объекти моликияти зеҳнӣ

Таҳлили мафҳум ва мундариҷаи барномаҳои компютерӣ чун категорияи ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқи гражданӣ, ки дар параграфи пешина баррасӣ шуда буд, тамоюлҳои умумии интихоби методологияи муайян кардани мушкилоти барномаи компютериро ҳамчун объекти моликияти зеҳнӣ аз нигоҳи баррасии хусусияту нишонаҳои объекти муайяншуда ошкор намуд.

Ибтидои ҳазораи сеюм дар таърихи инсоният бо ҷараёни равандҳои ҷаҳонӣ дар иқтисодиёт, сиёсат, фарҳанг ва шуури оммавӣ фарқ мекунад. Бархе аз мафҳумҳои классикии иқтисодиёт ва ҳуқуқ – молҳо, пул, истеҳсоли масолеҳ, моликият – маънои аслии худро гум карда, дар низоми умумии иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ба мавқеи дуюмдараҷа мегузаранд. Ҷомеаи муосирро маъмулан "постиндустриалӣ" меноманд, ки дар он нисбат ба истеҳсоли моддӣ истеҳсолоти маънавӣ бартарӣ дорад ва дар низоми иқтисодии арзишҳо на молу маблағ, балки иттилоъ мақоми ҳалкунанда пайдо мекунад. Ва дар ин ҷомеаи

пурталотуми фарогири дониш ва иттилоот, сарҳади байни "аз они ту" ва "аз они ман" беш аз пеш камтар ва камтару ноаёнтар мегардад[71].

Натиҷаҳои фаъолияти зеҳнии инсони асри XX ба яке аз омилҳои муҳимтарини рушди иқтисодӣ ва мутаносибан мавқеи давлат дар ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Бо гузаштан ба ҷомеаи постиндустриалӣ нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии кишвар бештар на аз соҳаи истеҳсолоти моддӣ, балки аз истеҳсоли молҳои ғайримоддӣ вобаста шуда монд, ки аксари онҳо хусусияти иттилоотӣ доранд[72].

Ҳоло иттилоот яке аз манбаъҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад ва соҳиби ин иттилоот, мисли соҳиби арзишҳои моддӣ, ба ҳифзи ҳуқуқӣ ниёз дорад. Аз ин рӯ, вақтҳои охир масъалаи моликияти зеҳнӣ ба як масъалаи алоҳидаи сивилистикаи муосир табдил ёфтааст[73].

Таҳти мафҳуми моликияти зеҳнӣ ҳуқуқи байналмилалии муосир маҷмуи ҳуқуқҳои комилро чун хусусияти шахсӣ ва моликиятӣ мефаҳмад, ки ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодӣ дахл дорад.

Моликияти зеҳнӣ бо моликияти воқеии шахсӣ айнияти зиёд дорад. Масалан, моликияти зеҳнӣ амволест, ки онро мисли ҳама гуна шаклҳои дигари моликият фурӯхта, харида, литсензия карда, мубодила ё ройгон дода мешавад. Ғайр аз он, соҳиби моликияти зеҳнӣ ҳуқуқ дорад истифодаи ғайриқонунӣ ва фурӯши ин амволро манъ кунад.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки хусусияти асосии моликияти зеҳнӣ, баръакси объектҳои ҳуқуқи моликият, дар он зоҳир мегардад, ки онҳоро ба зери муҳофизати махсус гирифта, дар шакли ҳуқуқҳои мустасноӣ амалӣ месозад. Бар хилофи моли муқаррарӣ, натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ пас аз дар доираи васеи онҳо маълум шудан, хеле осебпазир мегарданд. Бе муҳофизати давлатӣ онҳо метавонанд аз ҷониби ҳар як шахси дорои воситаҳои зарурӣ

[71] Ниг.: Ходжсон Д. Социально – экономические последствия прогресса знаний и нарастания сложности. // Вопросы экономики. – 2001. – № 8. – С. 38
[72] Ниг.: Климович Е.С., Тищенков В.Г. Интеллектуальная собственность: суждения, полемика, проблемы и предложения // Закон и право. – 2001. – № 10. – С. 41-48.
[73] Ниг.: Меликов У.А. Правовое регулирование предпринимательской деятельности при создании и распространении средств массовой информации: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2010. – 26 с.

барои ба даст овардани фоида истифода шаванд. Набудани ҳифзи кафолатнок чунин маъно дорад, ки ашхосе, ки барои рушди моликияти зеҳнӣ маблағи муайян сармоягузорӣ кардаанд, аз ҳароси хароҷоти худро ҷуброн карда натавонистан, аз чунин фаъолиятҳо худдорӣ мекунанд. Дар маҷмуъ, ниҳоди ҳуқуқи мустасноӣ омили рушди эҷоди бадеӣ ва тараққиёти илмию техникӣ дар ҷомеа мегарданд.

Нақши моликияти зеҳниро дар рушди иқтисод нодида гирифтан мумкин нест. Ҳоло он ба манбаи асосии тамоми давлатҳо табдил ёфтааст. Дар кишварҳои мутараққии иқтисодӣ таҳаррук (динамика)–и афзоиши фурӯши маҳсулоти зеҳнӣ аз ҳамин гуна нишондиҳандаҳои молу хизматрасонии дигар хеле назаррастар аст. Масалан, ҳаҷми савдои ҷаҳонӣ бо иҷозатномаҳо барои ҳуқуқи истифодаи объектҳои гуногуни зеҳнӣ ҳар сол 12% меафзояд, суръати афзоиши истеҳсолоти саноатии ҷаҳонӣ бошад, соле аз 2,5 – 3% зиёд нест. Аз ин рӯ, муқаррару аниқ шудааст, ки дар ҳазорсолаи сеюм омили асосии рушди иқтисодиёт на захираҳои табиӣ, ки торафт маҳдуду кам мешаванд, балки маҳз натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ қарор хоҳад гирифт.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд гардидааст, ки сивилистикаи классикӣ таърихи бисёрасраи рушд дошта, аз ҳуқуқи Рим сарчашма мегирад. Дар тули асрҳо, институтҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла, институтҳои моликият, ҳуқуқи моликият ва масъулият, бо меъёри қоидаҳо таҳким гирифтаанд ва ҳоло таҷассумгари рушди сохторҳои ҳуқуқӣ маҳсуб меёбанд[74].

Аммо, кӯшиши татбиқи институтҳои классикии сивилистика (ҳуқуқи сивилӣ) ба моликияти зеҳнӣ натиҷаҳои манфии ҳуқуқӣ медиҳад. Хусусияти ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ баъзе консепсияҳои ҳуқуқии классикиро вайрон мекунад (масалан, ҳуқуқи моликият ва ғайра). Аз ин рӯ, масъалаи омӯзиши барномаи компютерӣ ҳамчун объекти моликияти зеҳнӣ бо назардошти аломатҳои объектҳои моликияти зеҳнӣ, аз ҷумла як намуди алоҳидаи он– барномаи компютерӣ муайян карда мешавад.

[74] Ниг.: Абдуджалилов А. Теоретические проблемы гражданских правоотношений в Интернете. – Душанбе, «Дониш», 2015. – С. 15-16.; Гаюров Ш.К. Личное информационное право граждан: проблемы гражданско-правового регулирования в Республике Таджикистан: автореф. д-ра юрид. наук. – М., 2010. – 46 с.

Таълимоти муосирро таҳлил карда метавон гуфт, ки худи истилоҳи “моликияти зеҳнӣ” зери тозиёнаи танқид қарор дорад. Бино ба ақидаи И.А. Близнетс ва дигарон падид омадани ин истилоҳ чунин маъно дорад, ки меҳоҳанд институти нисбатан навро ба нақшаи анъанавӣ ғунҷоиш диҳанд. Моликияти зеҳнӣ чун як мафҳуми шартии сохта, ки барои муайян кардани маҷмуи ҳуқуқҳои мустасноӣ истифода мешавад, шарҳ медиҳанд ва истилоҳи "моликият" танҳо ба маънои махсус, маҷозӣ баррасӣ карда мешавад, ки ба пуррагӣ ва истисноӣ будани ҳуқуқҳои эҷодкунандагони маҳсулоти зеҳнӣ таъкид мекунад ва баъзе тарафдорони назарияи ҳуқуқҳои мустасноӣ пешниҳод мекунанд, ки истилоҳи "моликияти зеҳнӣ" умуман истифода бурда нашавад, зеро, ба пиндори онҳо, ин мафҳум саҳеҳ набуда, метавонад боиси нодурустфаҳмии хусусияти юридикии объектҳои ҳуқуқи мустасноӣ гардад[75].

Ҳудуди объектҳои моликияти зеҳнӣ, инчунин хусусияти сохтан ва истифодаи онҳо хеле гуногун аст. Бо вуҷуди гуногуну тафриқа онҳо ҳамзамон як қатор хусусиятҳои умумие доранд, ки аз рӯйи он меъёрҳо гурӯҳбандиашон кардан мумкин аст. Муайян кардани чунин меъёрҳо ва гурӯҳбандии муносибатҳои моликияти зеҳнӣ мутобиқи онҳо имкон медиҳад, ки мафҳуми моликияти зеҳнӣ ба таври дақиқ муайян карда шавад.

Аввалан, ҳама объектҳои моликияти зеҳнӣ ғайримоддӣ мебошанд. Аз сабаби ғайримоддӣ будани объект, он назар ба ашёи моддӣ, мисли ашёе, ки объекти ҳуқуқи моликият маҳсуб меёбад, дар андозаҳои фазоию замонии дигар қарор дорад. Объекти ғайримоддӣ корхӯрда намешавад, бинобар он бо гузашти вақт хосиятҳояшро гум намекунад ва аз ин рӯ метавонад дар муҳлати дурудароз ва номуайян истифода шавад. Объекти ғайримоддӣ метавонад дар шакли воқеӣ ба миқдори номаҳдуд нусхабардорӣ шавад. Аз ин ҷост, ки истифодаи чунин объект, яъне хусусияти фоиданоки онро самаранок ҳамзамон дар доираи номаҳдуди субъектҳо ба кор бурдан, имконпазир аст.

---

[75] Ниг.: Близнец И.Н., Гаврилов Э.П., Добрынин О.В. [и др.] Права интеллектуальной собственности: учебник / под. ред. И.А. Близнеца. – М: Проспект, 2013. – С.74-75.; Гайсин Ф.Ф. Зарубежный опыт реформирования авторского права // Вестник Марийского государственного университета. Серия «исторические науки. Юридические науки». – 2018. – Т.4. – №1 – С. 47-52.

Чунин объектҳои ғайримоддӣ бояд арзиши тиҷоратӣ дошта бошанд, вагарна таъмин намудани инҳисорот ба онҳо маъно надорад[76]. Ба гуфтаи В. А. Дозортсев, ҳимояи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ба ном сурат мегирад, зеро онҳо арзиши бозорӣ доранд. Берун аз муносибатҳои бозаргонӣ, ҳифзи онҳо на танҳо ғайриимкон аст, балки самаранок ҳам нест. Иштироки маҳсулот дар муносибатҳои бозорӣ ба он вобаста кардани қонуни мутлакро металабад, ки тақсимоти возеҳи ҳар як объект, фардикунонии онро дар назар дорад[77].

Дар ҳолатҳои алоҳида, ба як объект якчанд ҳуқуқ вобаста карда мешавад ва гоҳҳо баъзеи онҳо (шахсӣ) қобили қабул нестанд. Арзиши тиҷоратӣ истифодаи объект мебошад, аз ин рӯ ҳуқуқи амволӣ ҳам мустасноӣ ва ҳам ғайримустасноӣ бегона ба ҳисоб меравад.

Арзиши объект ва зарурати ҷорӣ кардани ҳифзи ҳуқуқӣ бо мундариҷаи эҷодӣ ё иттилоотии иншоот муайян карда мешаванд[78]. Арзиши эҷодӣ ба арзиши эстетикию бадеии объект вобаста аст. Мундариҷаи иттилоот муҳим аст, агар истифодаи объект имкон диҳад, ки натиҷаи амалӣ ба даст оварда шавад ва соҳибияти инҳисорот манфиатҳои иқтисодӣ ё фоидаи техникӣ диҳад.

Яке аз шартҳои ворид намудани молҳои ғайримоддӣ ба муомилоти иқтисодӣ ин ҷудо кардани он аз дигар молҳои ҳамгун бо мақсади ба ягон предмети муайян вобаста кардани он аст. Нисбат ба молҳои моддӣ (дар фазои маҳдуд), ин шарт бевосита иҷро карда мешавад. Азбаски молҳои ғайримоддиро дар як вақт бемаҳдудият зиёд кардан мумкин аст ва мутобиқан дар як вақт ба шумораи номаҳдуди истифодабарандагон дастрас буда метавонад, он аслан маҳдуд карда нашудааст. Ҳамин тавр, объект бояд ба чизе вобаста набошад, вагарна андозаи ҳуқуқ ва тарзи ҳифзи онҳоро муайян кардан ғайриимкон мегардад.

---

[76] Ниг.: Рахимов М.З. Правовые проблемы достижения конечного результата предприинмательствкой деятльности: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2000. – 39 с.

[77] Ниг.: Дозорцев В.А. Права на результаты интеллектуальной деятельности: Авторское право. Патентное право. Другие исключительные права. – М.: ДЕ-ЮРЕ, 1994. – С. 59.

[78] Ниг.: Абдуллоев А.А., Очилова Ф.А. Ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ: китоби дарсӣ. – Хуҷанд: «Ношир», 2013. – С. 58-60; Амелин Р.В. Правовое регулирование в информационной сфере [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/ (санаи муроҷиат: 10.03.2022).

Мавҷудияти аломатҳои нишондодашуда (табиати ғайримоддӣ, тиҷоратӣ ва эҷодӣ, арзиши иттилоотӣ, қобилияти ҷудо кардани онҳо) шарти таъмин намудани объекти муҳофизатӣ мебошанд.

Барои он ки объект мавриди ҳимоя қарор гирад, ҳам дар бораи ҳифз ва ҳам оид ба тартиби таъмини он, зикри нишондоди махсус зарур аст (моддаи 164 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон). Принсипи умумӣ аз он иборат аст, ки ҳама гуна объекти ғайримоддӣ метавонад ройгон истифода шавад, агар барои он бо қонуне режими махсус муқаррар карда нашуда бошад. Муқаррар намудани чунин истисно ба қоидаи умумӣ, маънои ворид сохтани ҳифзи махсусро дорад. Ҳифз маънои манъ карда шудани истифодаи объект бе иҷозати соҳибҳуқуқро дорад. Чунин манъкунӣ танҳо бо нишондоди мустақими қонун муқаррар карда мешавад.

Байни хосиятҳои объект ва низоми ҳуқуқии барои он муқарраршуда вобастагие вуҷуд дорад. Дар натиҷаи ин, усуле, ки мувофиқи он молҳои ғайримоддӣ тақсим карда мешаванд (ҷудо карда мешаванд) аҳаммияти хеле муҳим дошта, инчунин метавонад чун меъёри асосии таснифи объектҳои моликияти зеҳнӣ хизмат кунад[79].

Чун анъана, дар байни объектҳои моликияти зеҳнӣ натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, корҳои эҷодӣ, воситаҳои инфиродикунонии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ мешаванд. Чунин тақсимот дар КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст (моддаи 136).

Ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ натиҷаҳои эҷодӣ, аз қабили асарҳои илмӣ, адабиёт ва санъат, ки бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифз карда мешаванд, ихтироъ, моделҳои судманд, намунаҳои саноатӣ, топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ, барномаҳои компютерӣ ва манбаи маълумотҳоро дар бар мегиранд. Ба воситаҳои инфиродӣ номгӯи фирмавӣ, тамғаҳои молӣ, тамғаҳои хизматрасонӣ, нишонаҳои ҷойи пайдоиши мол мансубанд. Дар мисоли бар-

---

[79] Ниг.: Дар рисолаи мазкур ҳамчун асос таснифоти аз ҷониби профессор В.А. Дозортсев пешниҳод кардаи объектҳои моликияти зеҳнӣ гирифта шудааст, Ниг.: Дозорцев В.А. Интеллектуальные права: Понятие. Система. Задачи кодификации. Сборник статей / Исслед. центр частного права. – М: «Статут», 2003. – С. 42-43.

номаҳои компютерӣ чун натиҷаи фаъолияти эҷодӣ фарқи ин ду гурӯҳи объектро баррасӣ хоҳем кард.

Аввалан, онҳо аз рӯйи меъёрҳое фарқ мекунанд, ки мувофиқи онҳо объект ҳифз карда мешавад. Барои эътирофи ҳифзпазирии барномаҳои компютерӣ, зурур аст, ки ӯ оғози эҷодкориро ифода намояд. Вобаста аз объект, усулҳои муайян кардани мавҷудияти саҳми эҷодӣ метавонанд гуногун бошанд, аммо дар сурати мавҷуд набудани яке аз онҳо объект ҳифзшаванда ҳисобида намешавад. Барои муҳофизат кардани воситаҳои инфиродӣ хусусияти эҷодӣ талаб карда намешавад, объект бояд истеҳсолкунанда қобилияти иҷрои вазифаи асосии худро дошта бошад, яъне истеҳсолкунанда ё маҳсулоти онро аз дигарон фарқ карда тавонад[80].

Меъёри эҷодии эътирофи натиҷаи муҳофизатпазир ҳоло хеле муҳим шуда истодааст. Рушди муосири дастгоҳҳо ва барномаҳои техникӣ имкон медиҳад, ки тавассути воситаҳои техникӣ маҳсулоти зеҳнӣ коркард ва тавлид карда шавад ва шахс бошад, танҳо дастгоҳи техникиро идора мекунад. Маҳсулоти бо истифодаи воситаҳои техникӣ истеҳсолшуда, қобили муҳофизат эътироф карда намешаванд. Дар чунин ҳолат на мошини супориши барномаро иҷрокарда, ки қобилияти эҷодӣ надорад ва на муаллифи ин барнома муаллифи натиҷаи бадастомада ё маҳсулоти истеҳсолшуда эътироф намегарданд, зеро дар ин сурат ҳуқуқи вай танҳо ба барнома тааллуқ дорад ва ӯ офарандаи ин гуна мошин дониста намешавад, чунки вай танҳо ҳуқуқи ихтироъкори воситаи техникиро соҳиб гаштааст ва танзимгари (оператори) воситаи техникӣ буда наметавонад. Дар ин раванд шахс дар эҷоду истеҳсол иштирок намекунад, бинобар он ҳифзшаванда ба ҳисоб намеравад. Дар навбати худ, ҳатто бе фаъолияти эҷодии инсон ё бе истифодаи техника натиҷае ба даст омада бошад ҳам, наметавонад натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ҳисобида шавад, зеро одам наметавонад чизеро айнан мисли техника офарад, чунки ҳосили эҷодии одам такрорнопазир аст.

---

[80] Ниг.: Евдокимов Р.А. Правовое регулирование охраны компьютерных программ (теоретические и практические вопросы): дис. … канд. юрид. наук. – М., 2015. – С. 142-150.

Танҳо шахс қобилияти эҷодкорӣ дорад. Бинобар он танҳо шахс, метавонад соҳибҳуқуқ гардад, ҳамоне ки чизе офарад[81]. Аммо, ҳуқуқи ихтиёрдории натиҷаи ин кор метавонад инчунин ба шахси ҳуқуқӣ ё дигар субъекти муносибатҳои ҳуқуқии граждани тааллуқ дошта бошад. Аммо чунин ҳуқуқ сохта буда, дар асоси нишондоди мустақими қонун ё ба шахси дигар гузаштани як қисми ҳуқуқи муаллифӣ ба вуҷуд меояд. Шахсе соҳибҳуқуқи воситаҳои фардикунонӣ шуда метавонад, ки қонунӣ аз қайд гузашта бошад.

Дувумин тафовути байни натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ (аз ҷумла барномаҳои компютерӣ) ва воситаҳои фардикунонӣ аз аввалааш бармеояд. Натиҷаи фаъолияти эҷодӣ муаллиф дорад, ки метавонад соҳиби ҳуқуқи ғайримолумулкӣ гардад. Барои ҳимояи воситаҳои фардикунонӣ хусусияти эҷодӣ лозим нест, ба онҳо ҳуқуқи муаллифӣ вобаста карда намешавад, офарандагони воситаҳои фардикунонӣ аз ҳифзи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ истифода намекунанд. Ҳарчанд объекте, ки ҳамчун воситаи фардикунонӣ муҳофизат карда шудааст, метавонад дар аввал натиҷаи кори эҷодии муаллиф бошад. Ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ ба объекти мазкур мансуби муаллиф буда метавонад, вале ба сифати объекти ҳуқуқи муаллифӣ, на воситаи фардикунонӣ.

Дар навбати худ, натиҷаҳои фаъолияти зеҳнии ҳифзшаванда ба ду гурӯҳи объектҳо тақсим карда мешаванд. Ба гурӯҳи аввал объектҳое шомиланд, ки дар онҳо шакли натиҷа афзалиятнок аст, гурӯҳи дигар объектҳоеро дар бар мегирад, ки дар онҳо моҳияти натиҷа ҳифз карда мешавад. Чунин фарқияти объектҳо тарзи ҷудо кардани объектро аз ҳамгунҳояш ва тартиби додани ҳуқуқ ба онро муайян мекунад.

Объектҳое, ки аз рӯйи шакл муайян карда шуда, бо натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ҳифз карда мешаванд, чун анъана осори илмӣ, адабиёт ва санъат мебошанд. Ба ақидаи И.Ю. Мирских «моҳияти ҳуқуқи муаллиф дар ҳифзи шакли

[81] Ниг.: Быстров А.И. Перспективы заимствования зарубежного опыта отечественным законодательством в области определения компьютерной программы как объекта авторского права // Вестник магистратуры. – 2016. – № 10-1(61). – С. 114-117.

асар зоҳир мегардад»[82]. Такроран ва айнан офаридани асари як муаллиф аз ҷониби шахси дигар ғайриимкон аст. Мумкин нест, ки ҳамон як мусиқӣ, наққошӣ, шеър ва роман дубора айнан эҷод карда шаванд. Аз ин рӯ, ҳеҷ як меъёрҳои махсуси мушаххас кардани ин объектҳо талаб карда намешаванд, онҳо худашон ба шакл ҷудо мешаванд. Аз ин рӯ, барои таъмини ҳуқуқҳо ягон чораи қонунӣ лозим нест. Асоси пайдоиши ҳуқуқ худи далели эҷоди асар мебошад. В. А. Дозортсев чунин системаи пайдоиши ҳуқуқҳоро "эҷодӣ"(бунёдкорона) тасниф кардаст[83].

Агар таърихан ҳуқуқи муаллифӣ ягона институти муҳофизи шакли объекти фаъолияти зеҳнӣ бошад, пас бо рушди дараҷаи техника, бинобар як қатор фарқиятҳои низоми ҳуқуқӣ, ки ҳамчун объекти ҳуқуқи вобаста ба он (фонограмма, намоиш, иҷро, намоишҳои телевизионӣ ва радио) ҳифз мешаванд, натиҷаҳои нав бо арзиши афзалияти ин шакл ба вуҷуд меоянд.

Доираи фарогирии ҳуқуқи муаллифӣ бо ҷорӣ намудани ҳифзи барномаҳои компютерӣ ва манбаи маълумот ҳамчун асарҳои адабӣ тавсеа ёфт.

Ба натиҷаҳои ҳифзшавандаи фаъолияти зеҳнӣ бо мундариҷаи афзалиятнок одатан ихтироъҳоро мансуб медонанд. Баръакси шакли осори ҳуқуқи муаллифӣ ё объекти ҳуқуқҳои вобаста ба он, ки беназиру тақрибан нотакрор аст ва метавонад танҳо қабул карда шавад, дар объектҳои ҳуқуқи иҷозатномадиҳӣ, худи мундариҷаи қарорҳои техникӣ арзиш пайдо менамоянд. Ҳамзамон, объекти арзиш вобаста ба моҳияти идеяаш, новобаста аз офарандаи аввала, метавонад аз ҷониби шахси дигар дубора эҷод карда шавад. Чунин офаридану сохтани такрорӣ ногузир аст, агар қарор бо зарурияти воқеӣ бароварда шуда бошад.

Аз ин рӯ, барои муқаррар кардани ҳифзи иҷозатномавӣ меъёрҳои махсус барои ҷудокунии объект зарур аст.

---

[82] Ниг.: Мирских К.Ю. Новеллы в области правового регулирования результатов интеллектуальной деятельности // Вестник Пермского университета. – 2014. – № 4 (26). – С. 152-158.
[83] Ниг.: Дозорцев В.А. Интеллектуальные права: Понятие. Система. Задачи кодификации. Сборник статей / Исслед. центр частного права. – М.: «Статут», 2003. – С. 42-48.

Ҳаҷми ҳифзи ҳуқуқии бо иҷозатномаи барои ихтироъ ё модели судманд додашуда аз рӯйи формулаи онҳо муайян карда мешавад. Ҳаҷми ҳифзи ҳуқуқии иҷозатномаи барои намунаҳои саноатӣ додашуда маҷмуи аломатҳои асосии он, ки дар тасвири маҳсулот инъикос ёфтаанд ва дар рӯйхати аломатҳои асосии намунаи саноатӣ оварда шудаанд, муайян карда мешавад. Ҳамин тавр, дар намунаи саноатӣ шакли он ҳифз карда мешавад, аммо баръакси асарҳои бадеӣ, на шакли мушаххас, балки маҷмуи хусусиятҳои асосӣ ба ҳимоя гирифта мешавад. Дар ин ҳолат, дубора мустақилона сохтани иншоот ҷоиз аст. Барои он ки ба объект муҳофизати патентӣ дода шавад, моҳияти ин объект бояд ба аломатҳои навоварӣ мувофиқат кунад. Бинобар он, додани ҳуқуқ танҳо дар натиҷаи амали санади махсуси давлат оид ба ташхиси объект дар хусуси ба талаботи ҳимоятпазирӣ мувофиқ будани бақайдгирӣ имконпазир аст[84]. Гирифтани ҳифз риояи тартиботи муайянро (муроҷиат ба мақомоти пешниҳодкунандаи ҳифз, ташхис, қабули қарор оид ба таъмини ҳифз) талаб мекунад. Муҳофизат танҳо дар натиҷаи чунин қарор ба вуҷуд меояд.

Муҳофизати объектҳое, ки барояшон шакл муҳим аст, дар натиҷаи офаридани асар ба миён меояд. Барои барқарор кардани ҳуқуқи ҳимоя ҳеҷ чораҳои расмии иловагӣ талаб карда намешавад. Дар айни замон, қонун дар ҳолатҳои алоҳида бақайдгирии чунин объектҳоро пешбинӣ менамояд. Аммо чунин бақайдгирӣ на ҳатмӣ, балки ихтиёрист. Мавҷудияти он барои бақайдгирӣ, таъмини исботи воқеияти қонун хизмат мекунад.

Дар айни замон доираи ҳифзи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, ки бо як қатор хусусиятҳо муайян шудааст, вусъат ёфта истодаанд. Муҳофизати навъҳои нави растаниҳо, зотҳои ҳайвонот, намудҳои нави микроорганизмҳо таъмин карда мешавад. Баъзан ин дастовардҳо тибқи қонунҳои патентӣ ҳифз карда мешаванд, ки одатан қарорҳои техникиро ҳимоя мекунанд. Қисме аз комёбиҳо бо ёрии намудҳои нави муҳофизат “sui generis” ҳифз карда меша-

[84] Ниг.: Щербачева Л.В. Защита интересов правообладателей (ЭВМ) // Вестник экономической безопастности. – 2017. – №2. – С. 195-198.

ванд. Кӯшиши истифодаи институтҳои анъанавии ҳимоя барои намудҳои нави объектҳо мантиқист, аммо низоми мавҷуда на ҳамеша метавонад мутобиқати моҳияти объекти навро таъмин кунад. Муҳофизати объектҳои дорои арзиши назаррас ҳамеша хусусиятҳои умумӣ доранд. Фарқи чунин намудҳои муҳофизат тадриҷан меафзоянд[85].

Ихтироъҳои марбут ба организмҳои биологӣ, чунин хусусият дорад, ки – штамми микроорганизм, ҳуҷайраи растанӣ ё ҳайвонот, сохтори генетикӣ натиҷаи объекти мушаххас маҳсуб меёбад. Маҳз ҳамон бояд ташхис карда шавад, зеро барои ин дар шакли аслӣ амонат гузошта шуда, натиҷааш санҷида мешавад. Пасандоз барои мақсадҳои расмиёти патентӣ дар сурате иҷрошуда ба ҳисоб меравад, ки агар штамм, хати катакчаҳо ё консорсиум дар мақомоти байналмилалии амонатгузорӣ, ки дар Шартномаи Будапешт оид ба эътирофи байналмилалии амонатҳо бо мақсади расмиёти патентӣ пешбинӣ шудааст (Будапешт, 28 апрели соли 1977)[86] ё дар маҷмуае, ки барои нигоҳдории он пешбинӣ шудааст, гузошта шуда бошад. Он ба нигоҳ доштани зистпазирии иншоот ҳадди ақал муҳлати патент ва қонеъ кардани дигар талаботи муқарраршуда ба коллексияҳои амонатгузорӣ бо мақсадҳои расмиёти патентӣ кафолат медиҳад. Бақайдгирии ҳуқуқ ба объект усулҳои махсус дорад. Соҳибҳуқуқӣ дорои хусусиятҳоест, ки ба усулҳои бозофарии объект вобастагӣ дорад. Дар ариза барои бақайдгирии ҳуқуқ мақсад ва намунаи истифодаи штамм, хат ё консорсиум бо мақсади арзгардида (бо нишон додани шароити ҷорӣ кардан, сарасозии маҳсулот, ҳосилнокии маҳсулот, дараҷаи фаъолияти (маҳсулнокии) маҳсулот ё истеҳсолкунанда ва усулҳои муайянкунии он (санҷиш) ва ғайра) нишон дода мешавад.

Вазъият бо чунин объектҳо ба мисоли барномаи компютерӣ мураккаб аст. Арзиши барномаи компютерӣ умуман ва ҷузъҳои таркибии онро ғояи ба вай воридкардашуда бо номи алгоритм ташкил медиҳад. Дар таҷрибаи

---

[85] Ниг.: Кусова Е.А. Нормативно-правовое регулирование общественных отношений в информационной сфере // Вестник Тамбовского государственного университета. – 2011. – 6(98). – С. 237-241.

[86] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://docs.cntd.ru/document/1900360 (санаи муроҷиат: 09.09.2019).

ҷаҳонӣ, ба масъалаи ҳифзи барномаи компютерӣ муносибати ягона дида намешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳо ва махзани маълумот тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он” ҳифз карда мешаванд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд шудааст, ки ҳимояи дахлдори барномаҳои компютерии барои ба ҳифзи асарҳои адабӣ муқарраргардида, муфид буда наметавонад ва моҳиятан барои барномаҳо ҳифзи "навъи махсус" зарур аст, ки дар доираи низоми бақайдгирӣ амал намояд[87].

Номукаммалии ҳифзи ҳуқуқи муаллифии барномаҳои компютериро бисёр муҳаққиқони муосир қайд мекунанд. Масалан, имкон надорад, ки то чӣ андоза мувофиқат ё айният доштани матни барномаҳои нав ва қаблан таҳия-гардида майян карда шавад, агар онҳо бо забонҳои гуногун навишта шуда бошанд. Агар қабл аз муқоиса, барномаи нав таҳияшуда ба забони барномаи қаблӣ тарҷума шавад, яқин аст, ки матни нав ба вуҷуд меояд. Агар барномаи баъдӣ бо истифода аз забони дигари барномасозӣ таҳия гардида маводи нав дошта бошад, пас танҳо дар бораи иқтибоси консепсияи алгоритм сухан меравад, ки ин вайронкунии қонун дар бораи ҳуқуқи муаллиф буда наметавонад.

Дар робита бо тавсеаи доираи фаъолияти иқтисодӣ ва пайдоиши объектҳои нави дорои аҳаммияти назаррас, ба чунин низоми ҳифз зарурат ба миён омадааст, ки натиҷаҳои ҳифзшавандаро бидуни муайян кардани аломатҳои зарурӣ ҳимоя карда тавонад. Ягона роҳи ҷудо кардани ин гуна объектҳо маҳфуз доштани махфияти онҳост. Дар усулҳои эҳтимолии ҳифз, низоми ҳифзи сирри тиҷоратӣ ва истеҳсолӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Сирри тиҷорат ин маълумоти махфиест, ки бинобар ба шахси сеюм номаълум буданаш арзиши воқеии тиҷоратӣ дорад. Он маълумот дастрасии озоди қонунӣ надорад ва соҳиби иттилоот барои ҳифзи махфияти он чораҳо меандешад (моддаи 165, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

---

[87] Ниг.: Данилина Е.А., Карпова А.В. Источники правового регулирования программ для ЭВМ // «Патенты и лицензии», – 2002. – № 6. – С. 54-60.

Ҳамин тавр, тибқи қонунҳои ҷорӣ, анъанаҳои ҳуқуқӣ, ба моликияти зеҳнӣ натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои инфиродисозии истеҳсолкунандагон, маҳсулот, корҳо ва хизматрасониҳоро дар ҳолатҳо ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонун мансуб медонанд[88]. Реҷаи ҳуқуқии ҳифзи объект аз хусусиятҳо ва функсияҳои мушаххаси он вобаста аст. Аз байни натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ба гурӯҳҳои махсус объектҳое мансубанд, ки барояшон шакл, объект ва арзиши онҳо муҳим аст ва объектҳое, ки арзишашон (махфӣ доштани моҳияти объект) ба ашхоси сеюм номаълум аст. Ҳуқуқ ба объектҳое, ки аломати фарққунандаи он шакл мебошад, аз лаҳзаи эҷоди натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ пайдо мешаванд. Барои эътирофи чунин ҳуқуқҳо ба муаллиф ягон амали махсус лозим нест. Ҳуқуқ ба объектҳое, ки арзиши ғояву аломатҳои фарққунандаи инфиродиашон арзиши онҳоро муайян мекунад, дар натиҷаи ба ҷо овардани расмиёти махсус оид ба мутобиқати объект ба меъёрҳои муҳофизатпазирӣ ва бақайдгирии ҳуқуқҳо бармеоянд. Навъи сеюм объектҳоеро дар бар мегирад, ки ҳифзи онҳо дар сурати аз ҷониби соҳибҳуқуқ фароҳам овардани чораҳои таъмини махфият амалӣ мегардад.

Рӯйхати моликияти зеҳнӣ оморӣ нест ва дар натиҷаи инкишоф ёфтани доираи фаъолияти зеҳнӣ ва иқтисодии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ доимо таҷдид меёбад[89].

Ҷанбаи дигари фарққунандаи барномаҳои компютерӣ аз дигар объектҳои моликияти зеҳнӣ, раванди таҳияи барномаҳо мебошад. Раванди сохтани барномаҳои компютерӣ хеле мураккаб аст. Аввалан, барои бунёди он, чун қоида, дигар барномаҳо–афзорҳо, ба мисли низоми амалиётӣ ва компилятор (гирдоварандаи)–и забони барномасозӣ, истифода мешаванд. Низоми амалиётӣ асоси кори компютер ва ҳамкории ҷузъҳои он (чӣ барномавӣ ва чӣ дастгоҳӣ)–ро ташкил медиҳад.

---

[88] Ниг.: Шербачева Л.В. Проблемы и перспективы правовой охраны компьютерных программ // Вестник Масковского университета МВД России. – 2016. – №5. – С. 134-137.
[89] Ниг.: Амелин Р.В. Правовое регулирование в информационной сфере // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/ санаи мурољиат: 10.03.2022).

Дар навбати худ, компилятори забони барномасозӣ имкон медиҳад, ки барнома на дар шакли рамзи объектӣ (яъне баҳамоварии сифру воҳидҳо) навишта шавад, балки дар шакли рақамҳо, калимаҳо, аломатҳои грамматикӣ, ки барои барномасоз фаҳмотаранд. Пас аз навиштани барнома, он ба шакле баргардонида мешавад, ки мошинҳо хонда тавонад ва онро «компиляронӣ» меноманд.

Ҳам низоми амалиётӣ ва ҳам компилятор барномаҳое мебошанд, ки онҳоро ҳам дар шакли матни ибтидоӣ ва ҳам дар шакли рамзи объект пешниҳод кардан мумкин аст.

Ақидае ҳаст, ки мавҷуд набудани ҷузъҳои мазкур – низоми амалиётӣ ва забони барномасозӣ, боиси навишта нашудани барномаи компютерӣ гаштанашон мумкин аст[90]. Аммо, Ю.Н. Маченов чунин пиндорро ғалат меҳисобад. Ба гуфтаи муаллиф, барнома дар ҳама гуна шаклҳои воқеӣ вуҷуд дошта метавонад, яъне имкон дорад он дар варақ навишта шавад. Он албатта, дар ин шакл наметавонад роҳандозӣ шавад, аммо ин ба вазъи ҳуқуқиаш таъсир намерасонад. Барои сабти барнома, забонҳои барномасозӣ ва системаҳои амалиётӣ бояд нишон дода шавад, аммо ин талабот бо муҳите вобаста аст, ки дар он барнома бояд кор кунад, ба офаридани он алоқамандие надорад[91].

Марҳилаҳои зерини навиштани барномаи компютериро ҷудо кардан мумкин аст: 1) масъалагузорӣ; 2) тарроҳӣ (нақша); 3) рамзгузорӣ; 4) ҷобаҷогузорӣ.

Дар марҳилаи аввал талаботҳои барнома муайян карда мешавад: ҳадаф, хосият, хусусиятҳои асосӣ (навъи забони барномасозӣ, навъи низоми амалиёт); аз дақиқии омӯзиши ин марҳила самаранокию сифат ва суръати марҳалаи дигар – лоиҳакашӣ вобаста аст.

Марҳилаи навбатӣ марҳилаи лоиҳакашӣ ё худ банақшагирӣ мебошад, ки онро бо таҳияи ягон “нақшаи” барнома муқоиса кардан мумкин аст. Дар ин марҳила сохтори барнома, интерфейси корбар, ҳаҷми ҳуҷҷатгузорӣ, имко-

---

[90] Ниг.: Данилина Е.А., Карпова А.В. Программы для ЭВМ: проблемы терминологии и охраны // Патенты и лицензии. – 2002. – №6. – С. 30.
[91] Ниг.: Моченов Н.Ю. Правовая охрана программ для ЭВМ: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2007. – С. 32.

нот ва усулҳои ҳамкории барнома бо дигар барномаҳо, роҳҳои оптималии кори он, алгоритм ва ғайра муайян карда мешавад. Барои ифода намудани лоиҳаи анҷомёфта чунин тарзҳоро истифода бурдан мумкин аст: забонҳои махсусгардонидашуда (масалан, UML – забони ягонаи моделсозӣ, ки маҷмуи диаграмаҳои графикиро дар бар мегирад), маҷмуаҳо–нақшаҳо ва ғайра. Ғайр аз он, қисмҳои алоҳидаи лоиҳа – масалан, унсурҳои интерфейс, метавонанд дар шакли эскизҳо, нақшаҳо иҷро карда шаванд. Лоиҳакашӣ (тарҳрезӣ) ин амали фаврию яклаҳзаина  нест – баръакс, дар он раванд аз умумӣ ба ҷузъӣ, аз нақша то коркарди ҷузъиёту қисмҳо  сурат мегирад.

Алгоритми барномавии зикршуда дар шакли ибтидоии худ метавонад дар сатҳи консептуалӣ ифода гардад, яъне он бо мафҳумҳо бо забони табиӣ тасвир  карда мешавад (масалан, ранги объекти А–ро дар асоси партави он муайян карда шавад). Алгоритмро дар шакли ниҳоӣ, ҳаддалимкон муфассал, бо истифодаи забони барномасозӣ ё дар шакли диаграммаи маҷмаа–нақша ифода кардан мумкин аст. Ин марҳилаҳои эҷодкунии барнома аз ҳама эҷодкорона буда, маҳз дар ҳамин ҷо барнома хусусиятҳоеро доро мегардад, ки онро аз барномаҳои ҳамгунаш фарқ кунонида, роҳҳои нав ва аслии ҳалли вазифаҳо пайдо карда мешаванд, пешгӯйтарин интерфейси истифодабарӣ офарида мешавад.

Марҳилаи савуми офаридани  барнома воқеан марҳилаи барномасозӣ буда, ҳангоми навиштани ибтидоии барнома ё аниқтараш бастаи нақшаҳо, он дар матн бо яке аз забонҳои барномарезӣ рамзгузорӣ мешавад. Кори  ин марҳила асосан хусусияти техникӣ дорад.

Охирин марҳилаи сохтани барнома ҷобаҷогузории барнома, яъне оғоз ва озмоиши маҳсулоти тайёр, дарёфт ва ислоҳи хатоҳо мебошад. Ҳамзамон бо марҳилаҳои зикргардида, ҳуҷҷатҳо таҳия карда, барои истифодабаранда дастурҳо навишта мешаванд. Нисбати ин фаъолият одатан муаллифон беэътиноӣ зоҳир мекунанд, гарчанде ки он ҷузъи муҳимми раванди эҷод аст. Ба қатори ҳуҷҷатҳои ба барнома замимашуда қарорҳои лоиҳавиро низ ворид кардан мумкин аст. Гузашта аз ин, баъзе муҳаққиқон дар таҳлили барномаҳо

ивазнопазир будани онҳоро таъкид намуда, ҳатман дохил кардани онҳоро зарур медонанд.

Ба осонӣ дарёфт кардан мумкин аст, ки натиҷаи корҳои ду марҳилаи аввали сохтани барномаҳои компютерӣ бевосита истифода мешаванд. Ҳам мушаххасот ва ҳам тарроҳӣ воситаи ифодаву забони худро доранд ва ҳуҷҷатҳои таҳияшуда бошанд, аз ҷиҳати хусусиятҳояшон ба осори адабӣ наздик буда, бемушкилӣ шакли дигарро ба худ гирифта метавонанд.

Ду марҳилаи аввали таҳияи барномаҳо нисбатан бештар меҳнат металабанд. Ин далел бо он шарҳ дода мешавад, ки бастаи нақшаҳо худ барномаест, ки бо забони «графикӣ»–и универсалӣ навишта шудааст. Ҳамин тавр, агар барнома ҳамчун пайдарпаии амалҳо ҳисобида шавад, сохтани бастаи нақшаҳо ин худ барномасозии маҳз мебошад. Баргардони он ба матн дар яке аз забонҳои барномасозӣ ва баъд мураттабсозӣ (компиляция) бештар кори техникӣ аст. Танҳо марҳилаи охирин ҳангоми озмоиши дарозмуддати барномаи тайёр барои МЭҲ бо мақсади ошкор кардани ғалатҳои пинҳонӣ, муайян кардану ислоҳ намудани онҳо метавонад чунин раванди сермаҳсул ва дарозмуҳлат гардад[92].

Ҳамин тавр, дар раванди сохтани барномаи компютерӣ натиҷаҳои асосии зеринро ҷудо кардан мумкин аст, ки аҳаммияти махсус доранд; 1) алгоритми муфассали барномавӣ, ки барои истифода ба яке аз забонҳои барномасозӣ омода аст; 2) интерфейси корбарии барнома; 3) матни ибтидоӣ; 4) мавод, ҳуҷҷатҳои ҳамроҳикунанда; 5) рамзи объект. Ҳар яке аз ин объектҳо дорои маънои мустақил буда, метавонанд новобаста аз ҳамдигар арзи вуҷуд намоянд.

Бояд қайд кард, ки қарорҳои лоиҳакашӣ нисбат ба барномаи тайёр объектҳои универсалӣ мебошанд, ки бо озодии назарраси муаллиф ҳангоми интихоби воситаҳои баён алоқаманд аст. Ҳамзамон, ин ҳама воситаҳо тибқи мантиқ ва қонуни муайяне амал намуда, на танҳо аз рӯйи хоҳиши муаллиф,

[92] Ниг.: Гайсин Ф.Ф. Зарубежный опыт реформирования авторского права // Вестник Марийского государственного университета. Серия «исторические науки. Юридические науки». – 2018. – Т.4. – №1. – С. 47-52.

балки аз рӯйи табиати вазифа дар назди ӯ интихоб карда мешаванд. Масалан, ҳалли аксар барномаи бузургҳаҷмро, ки танҳо тавассути забони русӣ ифода ёфтаанд, бе истифодаи бастаи нақшаҳо ва диаграммаҳои UML тасаввур кардан душвор аст.

Мутахассисон гоҳҳо чунин иброз медоранд, ки муқоисаи асолати маводи омодашудае, ки ҳангоми таҳияи барномаҳо ба даст омадааст, амалан вазифаи вазнин аст, зеро барои сохтани онҳо воситаҳои гуногун истифода шуданаш мумкин аст ва мутобиқан муқоисаи одии визуалӣ, баръакси ду матни осори адабӣ, натиҷа нахоҳад дод[93]. Чунин ба назар мерасад, ки ин нуқтаи назар он қадар дуруст нест. Аввалан, маводи омодасозӣ намудҳои мухталиф (эскизҳои интерфейси истифодабаранда, бастаи нақшаҳо, тасвираҳо ва ғайра) дорад ва дар бораи муқоисаи маводҳои тайёри танҳо дар сурате суҳбат кардан мумкин аст, ки агар онҳо бо қисмҳои ҳамон барномаҳо (интерфейс, алгоритм, маводи ҳамроҳикунанда) якхела бошанд. Сониян, ифода дар маводи омодасозии қисми муайяни барномаи компютерӣ, аз як тараф, имконияти табдил додани матн ба матни ибтидоӣ ва аз тарафи дигар, табдилоти баръаксро дар бар мегирад. Мутобиқан, маводи омодасозиро бо роҳҳои гуногун таҳия кардан мумкин аст, аммо ба қисмҳое, ки ба айни ҳамон барномаву намуд марбут бошанд.

Як қатор барномаҳое мавҷуданд, ки пурра аз дигар барномаҳо гирифта шудаанд ё маҷмуаи (хеле коршоям) қисмҳои тайёри барномаи гуногуни дигар мебошанд.

Барномаҳои навъи аввал аксаран вирусҳое мебошанд, ки бо роҳи афзоиш, онҳо метавонанд иваз карда шаванд, то антивирус онҳоро нашиносад.

Ҳамчунин генераторҳои махсуси вирус низ мавҷуданд, ки ба корбар пешниҳод менамояд, ки як қатор маълумотҳои ибтидоиро ворид кунад. Инҳо як навъ дархостанд, ки дар асоси онҳо барномаи вирусро меофаранд. Дар ин

[93] Ниг.: Данилина Е.А., Карпова А.В. Программы для ЭВМ: проблемы терминологии и охраны // Патенты и лицензии. – 2002. – №6. – С. 30

ҳолат, наметавон корбарро муаллифи вирус (ё ягон дигар барномаи дигар) ҳисобид, чунки ворид кардани маълумоти ибтидоӣ на кори эҷодӣ, балки механикист. Ин мисли аз дастгоҳи қаҳвафурӯшӣ дархости каҳва кардан аст, ки пас аз дархост ва аз он як стакан қаҳва гирифтан дар таркибаш миқдори муайяни қаҳва, қанд ва каймоқак дорад, вале ин кори натиҷаи зеҳнии мизоҷ нест.

Барномаҳои навъи дуюм хеле маъмуланд. Барои сохтани онҳо забонҳои махсуси барномасозӣ истифода мешаванд, ки аллакай маҷмуи модулҳои барномавиро дорад, ҳар кадоме амали мушаххасеро иҷро мекунанд. Ҳангоми навиштани барнома бо чунин забон, барномасоз, агар лозим ояд, модулҳои мавҷудаи барномаро истифода мебарад. Дар натиҷа барномаи сохташаванда ба модели аз конструктори кӯдакона ҷамъоварда монанд мешавад, яъне амалу унсури эҷодкорӣ мавҷуд аст, вале ҳамаи ҷузъҳои аслӣ аз ҷониби дигарон сохта шудаанд. Ғайр аз он, ҷузъҳои аслӣ махсус барои чунин истифода тарҳрезӣ шудаанд ва онҳо барои чизи дигар кор фармуда намешаванд.

Дар назари аввал, муқоисаи матнҳои барнома барои муайян кардани асардуздӣ душвор аст. Бо вуҷуди ин, агар матнҳои барномаи ибтидоӣ бо айни ҳамон забони барномасозӣ мавҷуд бошад, дар ин ҳолат муқоиса кардан мушкилии зиёде пеш намеорад. Ду барнома, агар яке аз онҳо аз нусхаи тағйирдодашудаи аввала бошад, аввалан бо сохторҳои гуногуни синтаксикӣ барои иҷрои як амал фарқ мекунанд ва сонияи, бо номҳои гуногуни тағйирёбандаашон дигаргун мебошанд. Ба ақидаи Л. И. Подшибихина, "набудани асолати барномаи компютерӣ метавонад бо исботи аслии алгоритм ва қоидаҳои расмии муаррифии он дар шакли татбиқи барнома"[94] муқаррар карда шавад, ки метавонад далели истифода бурда шудани натиҷаи пешина гардад.

Инчунин бояд қайд кард, ки чунин ҳолатҳои монандшавӣ (ё фарқиятҳо) ҳам дар барномаҳо ба назар мерасанд, ки яке нусхаи андак коркардшудаи дигаре мебошад, вале хеле кам содир шудааст. Матни ибтидоии барномаро

[94] Ниг.: Подшибихин Л.И., Сулоев А. Перспективы регулирования отношений в области программного обеспечения в стране // Человек и компьютер. – 1990. – №1. – С. 7.

одатан муаллиф ифшо намекунад (ба истиснои барномаҳое, ки дар доираи ҳаракати Open Source навишта шудаанд), ҳар як соҳиби нусхаи барнома дар ихтиёри худ рамзи объектӣ, яъне барнома дар шакле дорад, ки барои хониши мошинӣ муқаррар шудааст. Эҳтимол, ягон мутахассисе набошад, ки ба барнома (хусусан аз ҷиҳати ҳаҷм бузург бошад), ки дар шакли рамзи объекти пешниҳодшуда тағйире ворид кунад. Тағйир додани як барнома (яъне баргардонидани коди объект ба аслӣ) низ кори душвор аст ва барнома ҳар қадар фарогиртар шавад, мураккабӣ низ ба ҳамон андоза зиёд мегардад. Бесабаб нест, ки дар адабиёти махсус зуд–зуд чунин қайдҳо пайдо шуда меистанд: "Чунин ширкат инак матнҳои ибтидоии барномаи худро, ки даҳ сол қабл бароварда шуда буд, дастрас мегардонад". Аз ин ҷост, ки аксаран аз варианти аслӣ танҳо консепсияашро ба иқтибос гирифта, аз нав навиштани барнома осонтар аст. Аз ин рӯ, шумораи барномаҳо – "дугона" хеле кам аст. Паҳн шудани барномаҳои қалбакӣ, ки бо барномаҳои аввалия шабеҳ ҳастанд, вале онҳое ки бе розигии соҳиби ҳуқуқи муаллиф бозистеҳсолӣ ва паҳн карда мешаванд[95].

Барномаҳои компютерӣ хусусиятҳои иттилоотӣ ва натиҷаи фаъолияти эҷодиро муттаҳид мекунанд. Дар ҳақиқат, ҳама гуна барномаро ба маълумот ва фармонҳо тақсим кардан мумкин аст, дар айни замон ҳардуро ба ҳайси маълумот баррасӣ кардан лозим аст. Аз тарафи дигар, барнома аз ҷониби муаллифе навишта мешавад, ки малакаҳои муайян, ҳунармандӣ, касбият ва услуби хоса дорад. Аз ин лиҳоз, барномаи компютерӣ бештар ба як навъ “корти тозашуда” шабоҳат дорад, ки барои навохтани пианинои механикӣ маҷбур мекунад. Чунин корт аз як тараф иттилоот буда, маълум менамояд, ки кадом болғача кай ба кадом тор бояд занад, аз ҷониби дигар мисли бо нотаҳо сабт кардани мусиқист.

Дар натиҷаи таҳлили адабиёти махсуси ҳуқуқӣ дар қисми мазкури рисола чунин хулосаҳоро ҷамъбаст намудан мумкин аст:

[95] Ниг.: Абдулин А.И. Новое Российское законодательство и Европейский опыт в сфере правовой охраны интеллектуальной собственности // Вестник экономики, права и социологии. – 2007. – № 1. – С. 64-69.

1. Ҷанбаи фарққунандаи барномаҳои компютерӣ аз дигар объектҳои моликияти зеҳнӣ дар раванди таҳияи барномаҳо муайян мешавад. Раванди сохтани барномаҳои компютерӣ хеле мураккаб аст. Аввалан, барои бунёди он, чун қоида, дигар барномаҳо–афзорҳо, ба мисли низоми амалиётӣ ва компилятор (гирдоварандаи)–и забони барномасозӣ, истифода мешаванд. Низоми амалиётӣ асоси кори компютер ва ҳамкории ҷузъҳои он (чӣ барномавӣ ва чӣ дастгоҳӣ) – ро ташкил медиҳад;

2. Дар раванди сохтани барномаи компютерӣ натиҷаҳои асосии зеринро ҷудо кардан мумкин аст, ки аҳаммияти махсус доранд; 1) алгоритми муфассали барномавӣ, ки барои истифода ба яке аз забонҳои барномасозӣ омода аст; 2) интерфейси корбарии барнома; 3) матни ибтидоӣ; 4) мавод, ҳуҷҷатҳои ҳамроҳикунанда; 5) рамзи объект. Ҳар яке аз ин объектҳо дорои маънои мустақил буда, метавонанд новобаста аз ҳамдигар арзи вуҷуд намоянд;

3. Барномаҳои компютерӣ моҳиятан хусусиятҳои иттилоотӣ ва натиҷаи фаъолияти эҷодиро бо ҳам мепайвандад. Воқеан, ҳама гуна барномаро ба маълумот ва фармонҳо тақсим кардан мумкин аст, дар айни замон ҳардуро ба ҳайси маълумот баррасӣ кардан лозим аст. Илова бар ин, барномаи компютерӣ аз тарафи муаллифе навишта мешавад, ки малакаҳои муайян, ҳунармандӣ, касбият ва услуби махсусро доро мебошад. Пас, барномаи компютерӣ бештар ба як навъ "корти тозашуда" шабоҳат дорад, ки барои навохтани пианинои механикӣ маҷбур мекунад. Чунин корт аз як тараф иттилоот буда, маълум менамояд, ки кадом болғача кай ба кадом тор бояд занад, аз ҷониби дигар мисли бо нотаҳо сабт кардани мусиқист.

### 1.3 Барномаи компютерӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқи гражданӣ

1. Дар радифи дигар масъалаҳои дар ҷараёни таҳқиқи табиати ҳуқуқии барномаҳои компюретӣ бавуҷудоянда, инчунин масъалаи мавқеи барномаҳои компютерӣ дар байни объектҳои ҳуқуқи гражданӣ аҳаммияти хоса пайдо менамояд.

Маҷмуи муаммои ҳуқуқии гражданӣ, ки дар Интернет ба миён меоянд, боиси афзоиши нақши ҳуқуқҳои мутлақ мегарданд ва бо ёрии онҳо муносибатҳои муносиб ташаккул меёбанд. Худи ҳуқуқи гражданӣ ҳам акнун на танҳо аз моликияти анъанавӣ ва ҳуқуқҳои ҳатмӣ – ин ду ҷузъи асосӣ таркиб меёбад. Ҳоло ба ин рӯйхат ҳуқуқҳои мустасноӣ ё худ моликияти зеҳнӣ низ шомил аст.

Таҳти моликияти зеҳнӣ, ҳуқуқи граждании муосир маҷмуи ҳуқуқҳои мустасноии ҳам шахсӣ ва ҳам моликиятиро дар назар дорад, ки дар робита бо як қатор объектҳои ғайримоддӣ – натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, эҷодӣ ва воситаҳои фардикунонӣ ба вуҷуд меоянд.[96] Тақрибан чунин таърифи моликияти зеҳнӣ дар м. 1235 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст[97].

Ба маънои васеи худ, моликияти зеҳнӣ ҳуқуқҳои бо қонун мустаҳкамкардашударо ифода менамояд, ки натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ дар соҳаҳои саноат, илм, адабиёт ва санъат мебошад. Кишварҳо оид ба ҳифзи моликияти зеҳнӣ бо сабабҳои асосии зерин қонунҳо қабул мекунанд. Аввалан, онҳо мекӯшанд, ки тибқи қонун ҳуқуқҳои моликиятӣ ва ғайримолкиятии эҷодкоронро ба асарҳои худ ва ҳуқуқи ҷомеаро ба ин асарҳо ба расмият дароваранд. Сониян, ҳукуматҳо қасдан эҷодкорӣ, паҳн ва истифодаи натиҷаҳои меҳнати эҷодӣ ва мусоидат ба тиҷорати озод барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоиро ҳавасманд гардонанд.

Офаридаҳои зеҳни инсонӣ, аз қабили ғоя дар бораи ихтироъ, осори мусиқӣ ё тамғаи молӣ, баръакси объектҳои моддӣ наметавонанд танҳо бинобар аз тарафи касе соҳибӣ карданашон объекти муҳофизат аз истифодаи онҳо аз ҷониби ашхоси сеюм гарданд. Пас аз он ки чизи офаридаи зеҳни инсон ба моликияти ҷомеа табдил ёфт, офарандаи он дигар имкони назорати истифодаи онро гум мекунад. Ин далели асосиест, ки танҳо бинобар соҳибмол буданаш имконнопазирии муҳофизат кардани объект маҳаки асосии қонунгузорӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ маҳсуб меёбад.

---

[96] Ниг.: Право интеллектуальной собственности / Под ред. Близнеца А.И. – М.: Проспект, 2013. – С. 3.
[97] Ниг.: Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Садои мардум. – № 1-9 (4584-4592) аз 2 январи соли 2023. – С. 34.

Умуман ва дар маҷмуъ, қонунгузории моликияти зеҳнӣ ҳимояи манфиатҳои офарандагони асарҳо ва дигар эҷодгарони маҳсулоти зеҳниву хизматрасониҳои дигарро тавассути додани ҳуқуқҳои муайяне маҳдуд карда, фаъолияти онҳоро зери назорати доимӣ қарор медиҳад. Гузашта аз ин, ин ҳуқуқҳо на танҳо ба объекти моддӣ, ки натиҷаи меҳнати эҷодӣ метавонад дар онҳо таҷассум ёбад, балки ба эҳёи ақли инсон низ дахл доранд.

Бо вуҷуди ин, таҳлили доираи мушкилоти марбут ба моликияти зеҳнӣ ва ба ҳам пайвастани онҳо бо сатҳи муносибатҳои интернетӣ таҳлил карда, муҳаққиқон қайд мекунанд, ки доираи ниҳодҳои моликияти зеҳнӣ барои ин мушкилот хеле фарох аст.

Дар робита ба ин, вақтҳои охир муқаррароти консептуалӣ оид ба институти нави ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ – дар бораи ниҳоди объектҳои ғайрианъанавии моликияти зеҳнӣ ва мушкилоти марбут ба муаллифӣ ҳамчун маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие ба вуҷуд омаданд, ки муносибатҳоро оид ба офаридан ва истифодаи маҳсулоти барномавӣ барои компютерҳо ба танзим медароранд. Бо ин сабабҳо, муассисаи ҳифзи объектҳои ғайрианъанавии моликияти зеҳнӣ ба яке аз чор ниҳоди нисбатан мустақили ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ шомил карда шудааст[98].

Мушкилтарин проблемаи танзими муносибатҳои интернетӣ мушкилоти муаллифӣ мебошад.

Тибқи муқаррароти моддаи 136 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ба яке аз намудҳои объектҳои ҳуқуқи гражданӣ дохил мешаванд. Объектҳои ҳуқуқи гражданӣ метавонанд бо тартиби универсалии ворисии ҳуқуқӣ ё ба тариқи дигар бегона карда шаванд ё аз як шахс ба шахси дигар гузаранд (моддаи 137 КМ ҶТ).

Барномаи компютерӣ дар муомилоти гражданӣ бечунучаро ҳамчун объекти хариду фурӯш муқаррар шудаанд (масалан, гирифтани бозиҳои компютерӣ). Барои кори муътадили компютер истифодабарандаро лозим аст, барномаҳои муайянро харидорӣ намуда, дар компютер ворид намояд.

[98] Ниг.: Гражданское право / Под ред. Суханова Е.А. – М.: «Волтерс Клувер», 2006. – Т. 2. – С. 262.

Ин далели раднопазирии он аст, ки барномаи компютерӣ дар муомилоти ҳуқуқӣ ҳамчун моли объекти хариду фурӯш мебошад.

Имконияти технологияҳои компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ мушкилоти ҷиддии ҳуқуқи муаллифро ба вуҷуд овearданд, зеро нусхабардории электронӣ ба як чизи маъмулӣ табдил ёфт. Асоси ҳатмии ҳимояи ҳуқуқи муаллиф ин дар шакли моддӣ муқаррар кардани ғоя маҳсуб меёбад. Иттилооти пахши барнома худ аз худ қайди онро ифода намекунад. Аз ин рӯ, то он даме, ки иттилоот ҳамзамон бо интиқол сабт карда мешавад, он бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифз карда намешавад.

Аммо таваҷҷуҳи бештар нисбат ба асоснок кардани номҳои объектҳои моликияти зеҳнӣ дар моддаи 1236 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи компютерӣ ё "барномаи мошинҳои электронии ҳисоббарор» чун истилоҳоти Кодекси маданӣ исифода шудааст. Ба андешаи мо, ин яке аз мавқеъҳои пурихтилофи модда мебошад[99]. Дар натиҷаи таҳлили истилоҳот маълум мегардад, ки ифодаи "Мошини электронии ҳисоббарор» нисбат компютер қобили истифода нест, ба МЭҲ колкулятори муқаррариро мансуб донистан мумкин аст.

Барномаҳои компютерӣ объекти махсуси ҳифзи ҳуқуқие мебошанд, ки аз бисёр ҷиҳат танҳо шартан ба асарҳои бадеӣ баробар карда шудаанд, аслан бо онҳо ягон муносибате надоранд. Махсусияти барномаҳои компютериро пеш аз ҳама таъиноташон муқаррар менамояд, ки аз таъмини амалкарди дастгоҳҳои компютерӣ, амалӣ кардани алгоритму равандҳои муайян, ноил гардидан ба натиҷаҳои хусусияти техникидошта иборат аст[100].

Яке аз муҳаққиқони Интернет М. С. Дашян чунин мешуморад, ки барномаи компютерие, ки яке аз намудҳои осори адабӣ маҳсуб меёбад, яқинан объекти ҳуқуқи муаллифӣ мебошад[101].

---

[99] Ниг.: Абдуджалилов А. К вопросу о компьютерной программе как объекте интеллектуальной собственности // Сборник статей научно-теоретической конференции преподавателей и студентов Финансово-экономического института Таджикистана. – Душанбе, 2013. – С. 43-49.

[100] Ниг.: Право интеллектуальной собственности: учебник / И.А. Близнец, Э.П. Гаврилов, О.В. Добрынин и др.; под. ред. И.А. Близнеца. – М.: Проспект, 2013. – С. 152.

[101] Ниг.: Дашян М.С. О некоторых аспектах правового регулирования отношений в сети Интернет в Канаде. / Современное право. – 2003. – № 8. – С. 19-28.

Чунин нуқтаи назарашро М. С. Дашян бо моддаи 4 Муоҳидаи умумиҷаҳонии Ташкилоти моликияти зеҳнӣ оид ба ҳуқуқи муаллифӣ (WIPO COPYRIGHT TREATY) аз 20–уми декабри соли 1996 асоснок менамояд, ки «Барномаҳои компютерӣ» номида шуда, муқаррар намудааст, ки барномаҳои компютерӣ чун осори адабӣ муҳофизат карда мешаванд.

Муқаррароти мазкури М. С. Дашян аз таърифи Низомномаи асосии Муоҳидаи умумиҷаҳонии Ташкилоти моликияти зеҳнӣ оид ба ҳуқуқи муаллифӣ (ММТМ–ВОИС–WCT) дар хусуси муҳофизати барномаҳои компютерии соли 1998 чопшуда фарқи зиёд надорад: «барнома ин маҷмуи супоришотест (команда), ки ҳангоми ба доираи коркарди мошинӣ ворид намудан, мошини коркарди мухобиротро водор менамояд, ки амалкарду вазифаи муайянеро иҷро намуда, натиҷаи муайянеро ба даст оварад ва аз ин хусус маълумот диҳад»[102].

Аммо, вақтҳои охир дар адабиёти ҳуқуқӣ нуқтаи назари дигар бартарӣ пайдо карда истодааст, ки мувофиқи он барномаҳои компютерӣ бечуну чаро мутааллиқи объектҳои моликияти зеҳнӣ буда, на чун осори адабӣ, балки чун объекти моликияти саноатӣ бояд муҳофизат карда шаванд[103].

Барои аниқ кардани ин масъала моро лозим аст, ки барномаро ба қисмҳои таркибӣ ҷузъбандӣ кунем, то ки мақоми он дар байни системаи объектҳои муҳофизати ҳуқуқи муаллифӣ муайян карда шавад. Коркарди барномаҳои компютерӣ якчанд марҳала дорад.

Барномаро офарандагони он (барномасоз ё гурӯҳи барномасозон) бо забони барномасозӣ, яъне бо забони сунъии аз рамзҳои махсуси барои навиштани барномаҳои компютерӣ иборатбуда, меофаранд. Ин шакли барномаро одатан «рамзи ибтидоӣ» меноманд ва он дар мошин истифода бурда намешавад, аммо бояд ба маҷмуи супоришот баргардонида шавад, то ки протсессори марказӣ онро фарқ карда тавонад. Чунин супоришот маъмулан

---

[102] Ниг.: Кусова Е.А. Нормативно-правовое регулирование общественных отношений в информационной сфере // Вестник Тамбовского государственного университета. – 2011. – №6(98). – С. 237-241.
[103] Ниг.: Ерёмин А.В. Договор по авторскому праву Всемирной Организации Интеллектуальной Собственности: основные положения / Государство и право. – 2002. – № 10. – С. 76-82.

аз ду унсури мухталифи бо «О» ва «1» ишора кардашуда иборат буда метавонад ва онҳо барои бо қувваи барқ идора кардан (ҷудо ё пайваст кардан) истифода мешаванд. Дар ин шакли коркарди мошинии барнома, ки одатан «рамзи объектӣ» меноманд, супоришот аз комбинатсияҳои дарози ин ду рақам таркиб меёбад.

То замони аз тарафи барномасоз тартиб дода шудани барнома зарур аст, ки вазифаҳои компютер муайян карда шавад (масалан, нишон додани ғалатҳои имлоӣ дар матн ва муқаррар намудани амалҳои мантиқӣ, ки асоси барнома – «алгоритм» – ро ташкил медиҳанд). Вале муайян кардани вазифаҳою алгоритм қисми таркибии барномаҳо ҳисобида намешаванд[104].

Таҳлили овардашуда нишон медиҳад, ки барномаи компютерӣ чун объекти ҳуқуқи муаллиф баррасӣ намешавад, зеро он бе иштироки одам маълумоте дода наметавонад. Барнома танҳо воситаи техникиест байни истифодабаранда ва компютер (дастгоҳи электронӣ) баҳри ба ҷо овардани амалиёти муайян. Масалан, тарзи интихоби андозаи ҳарф (шрифт), раванди гузаштан ба ҳуруфи англисӣ ё автоивази ҳарфҳо ҳангоми истифодаи компютерро ба объекти ҳуқуқи муаллиф нисбат додан мумкин нест. Чунин амалиётро компютер ҳангоми фаъолшавии ин ё он барнома дар дисплейи ишорашуда (экрани монитор) ба ҷо меоварад. Худи барнома, ки ба ворид намудани ҳамкории ин ё он қимсҳои техникӣ равона карда шудааст, ба истифодабаранда ягон маълумоте намедиҳад. Масалан, касе даъво надорад, ки нақшаи интихоби литер барои чопи саҳифаҳои рӯзнома ё китобе дар чопи офсетӣ объекти ҳуқуқи муаллиф қарор мегирад. Дар чунин маврид маҳз чунин айният бамаврид аст. Аз ин сабаб, дар ин гуна мавридҳо патент на ба худи барнома, балки ба системаи таъминоти барномавӣ (яъне тарзи кор аз рӯи синфи барнома, масалан, «Windows») дода мешавад.

Мисоли дигар меорем. Маълум аст, ки асари муаллиф аз инъикоси алифбоии маҷмуи калимаҳое иборат аст, ки дар якҷоягӣ ягон навъ маълумот-

[104] Ниг.: Меликов У.А. Правовой режим объектов гражданских прав в интернете. – Душанбе: «Эр-граф», 2017. – С. 104-110.

ро дар бораи ҳодисаи воқеӣ ё тахаюлотӣ дода метавонад[105]. Бинобар он ибораи «Барномаи компютерест, ки бечунучаро маълумот ба ҳисоб меравад, мазмуни он бошад, объекти муҳофизати ҳуқуқи муаллиф шуда метавонад; ва рамзи 100111001010001…, ки ба ҳарфчинак (клавиатура)–и компютер барои ба дисплей баровардани ҳарфҳо ёрӣ мерасонад, ба ин объект мувофиқ намеояд. Дастрасии беҳад ба барномаи компютерии «Microsoft Word» ба дастрасии ба баста шудан (блокирование) метавонад оварда расонад, дастрасии беҳад ба маълумоти дар ин компютер буда, имкон медиҳад, ки ба дастовардҳои ғайриимконӣ ё мақсадҳои ғайриҳуқуқӣ ноил гардад[106].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи муқоисаи дағалона оид ба айнияти компютер ва мошини чопкунак метавон гуфт, ки тартиби ҷойгиршавии ҳуруф дар клавиатураи мошини чоп наметавонад объекти ҳуқуқи муаллиф гардад, ҳарчанд ки чунин тартиб маънои психологӣ дорад. Ҳамчунин дар компютер тарзи ба дисплей даровардани маълумот (барнома, ки таъмин менамояд) низ объекти ҳуқуқи муаллиф намебошад.

Аз гуфтаҳо метавон ҷамъбаст намуд, ки барномаи компютерӣ тибқи хусусиятҳои ҳуқуқиаш бояд на ба объекти ҳуқуқи муаллифӣ, балки ба объекти моликияти зеҳнӣ мансуб дониста шавад. А.И Близнетс ба ин муносибат қайд мекунад: «Дар хусуси барномаҳои компютерӣ талаб карда мешавад, ки ба ҳуқуқи муаллифӣ як қатор имтиёзҳо ворид карда шавад»[107].

Аз махсусияти объективии муқарраркардашудаи барномаҳои компютерӣ, – қайд мекунад А.И. Близнетс, – бевосита хусусиятҳои амалкунандаи муҳофизати чунин барномаҳои ҳуқуқи муаллифӣ бармеояд. Дар нисбат барномаҳои компютерӣ як қатор гузашту имтиёзҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи муаллифӣ татбиқ карда намешавад, масалан амали принсипи умумӣ роҷеъ ба имконнопазирии барқарорсозӣ бо мақсадҳои шахсӣ аз ҳамин қабил аст.

---

[105] Ниг.: Шрейдер Ю.А. О семантических аспектах теории информации // Информатика и кибернетика. Сб. статей / Под ред. А.И.Берга. – М., 1967. – С. 20-21.
[106] Ниг.: Яшков С.А. Некоторые вопросы совершенствования УК РФ, касающиеся понятия «информация» // Государство и право. – 2004. – № 12. – С. 82-83.
[107] Ниг.: Близнец А.И. Асари номбурда. – С. 153.

Оид ба муҳофизати барномаҳои компютерӣ бо истифода аз ҳуқуқи муаллифӣ, пеш аз ҳама бояд ба ҳисоб гирифта шавад, ки: оё баррасии барномаҳои компютерӣ ба ҳайси «асар»–и муҳофизатшаванда чун қонун дар бораи ҳуқуқи муаллиф мумкин аст ё не? Ин шубҳанок аст, зеро қонун дар бораи ҳуқуқи муаллиф одатан феҳрасте дорад, ки дар он категорияҳои асарҳои муҳофизатшаванда нишон дода мешавад ва ин феҳрастҳо маъмулан фарогири барномаҳои компютерӣ нестанд. Онҳоро ба категорияҳои «асарҳои хаттӣ», «китобҳо», ё «корҳои илмӣ» (категорияи асарҳои бо ҳуқуқи муаллифӣ муҳофизатшаванда) ворид кардан мумкин нест[108].

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст карда, метавон хулоса намуд, ки азбаски барномаи компютерӣ аз лиҳози хусусиятҳои ҳуқуқӣ нисбат ба ҳуқуқи муаллифӣ ба объектҳои моликияти саноатӣ наздиктар аст, онро мансуби объектҳои моликияти саноатӣ донистан лозим аст. Чунин тағйироти ҳолати ҳуқуқии барномаи компютерӣ ба қонунгузор имкон медиҳад, ки муносибати ҳуқуқии соҳаро ҳарчи самараноктар ба танзим дарорад, ҳуқуқи муаллифӣ бошад, аз ҳимояи объектҳои ба он хоснабуда озод менамояд.

2. Истилоҳи «объект» (лат. «objectum» – предмет, ашё, чиз) дар фалсафа чизи муқобили фаъолияти предметию амалӣ ва маърифатӣ фаҳмида мешавад. Объект на танҳо бо воқеияти ҳақиқӣ айният дорад, балки ҷузъи ҳаммуносибати субъект дарк карда мешавад[109].

Объекти умумии танзими ҳуқуқии ҳар як соҳаи ҳуқуқ муносибати ҷамъиятӣ маҳсуб меёбад. Аммо, мухтавои қонун бо вуҷуди ҳар қадар фарогиру амиқ маънидод шуданаш, наметавонад тамоми муносибати ҳуқуқии ҳаёти воқеиро дар бар гирад. Бинобар он, барои ҳуқуқ ҳалли масъала объекти муносибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ аз ҳама муҳим аст.

Категорияи «объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ» дар илми ҳуқуқ хеле доманадор таҳқиқ шудааст, вале то ҳол доир ба он фикри ягона мавҷуд нест. Дар

---

[108] Ниг.: Корнеев В.А. Субъекты авторского права на программы для ЭВМ, базы данных, топологии интегральных микросхем // Законодательство. – 2007. – №1. – С. 52-60.
[109] Ниг.: Ильичев Ф., Федосеев П.Н. Философский энциклопедический словарь. – М.: Сов. Энциклопедия, 1983. – С. 453.

адабиёти ҳуқуқшиносӣ таърифи гуногуни муносибати ҳуқуқӣ мавҷуд аст. Вале дар раванди мубоҳисаи тулонӣ ду консепсияи асосӣ ташаккул ёфт: монистӣ (ягонафаҳмӣ) ва плюралистӣ (гуногунфаҳмӣ).

Тибқи консепсияи аввал объекти муносибати ҳуқуқӣ танҳо амали субъектҳо шуда метавонад. Тибқи ақидаи дуюм, ҳар кадар ки мисли муносибатҳои ҳуқуқӣ гуногун бошад, ҳамон андоза объекти муносибати ҳуқуқӣ мухталиф буда метавонанд[110].

Оид ба консепсияи ягонафаҳмии муносибатҳои ҳуқуқӣ Я.М. Магазинер изҳори назар карда буд: «Объекти ҳуқуқ амал, амали ғайр маҳсуб меёбад»[111].

А.П. Сергеев дар доираи ҳамон консепсияи ягонафаҳмӣ, аз мавқеаи фалсафии «объект – субъект», яъне азбаски дар муносибати ҳуқуқӣ таъсиргузори субъект объект ҳисобида мешавад, рафтори иштирокчиёни муносибати ҳуқуқии гражданиро объекти он муайян кардааст[112].

О.С. Иоффе объекти муносибатҳои ҳуқуқиро муайян карда, чунин таъкид доштааст: «Объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳамонест, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ ба он равона шудааст ё ба он таъсир мекунад». Объекти моддии муносибатҳои ҳуқуқӣ ба андешаи О. С. Иоффе, ин бунёд ё таҳкимбахши муносибати ҷамъиятӣ мебошад[113].

Бо он ақида, ки «объекти ҳуқуқ доимо рафтори ашхоси мувазэаф маҳсуб меёбад», розӣ шуда, О.С. Иоффе аз таркиби объект ҳуқуқи ашёро истисно кард, ба пиндори он ки «ашёҳо ва хусусияти табиии онҳо гоҳҳо на ба ҳайси объекти ҳуқуқ, балки чун ҳолати берунӣ (зоҳирӣ) буда наметавонанд ва ба ҳайси ҳолати берунӣ (зоҳирӣ)–и ҳатмие баромад мекунанд, ки барои танзими мувофиқи рафтори ашхоси мувазэаф хизмат мекунанд».

Тафсири муосири мафҳуми «объекти муносибати ҳуқуқӣ», ки чун ақидаи плюралистӣ (гуногунфаҳм) баҳо дода мешавад, аз тарафи Е.А. Суха-

---

110 Ниг.: Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права. – М.: Дело, 2009. – С. 391.
111 Ниг.: Магазинер Я.М. Объект права. Очерки по гражданскому праву. Сборник статей. Изд-во Ленинградского университета. – Ленинград, 1957. – С. 78.
112 Ниг.: Гражданское право / Под ред. А.П.Сергеева. – М.: Велби. – Т.1. – С. 121.
113 Ниг.: Иоффе О.С., Шаргородский М.Д. Вопросы теории права. – М., Гос. изд-во юр. Литературы, 1961. – С. 230-231.

нов сурат гирифтааст: «Объекти муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ ин манфиати (хайр, некӣ) моддӣ (аз ҷумла ашё) ва ғайримоддӣ (маънавӣ) ё раванди бунёди онҳоест, ки асоси фаъолияти субъекти ҳуқуқи гражданиро ташкил медиҳанд»[114].

Н.И. Мутузов низ дар муайян кардани муносибатҳои ҳуқуқӣ тақрибан чунин мавқеъ дорад: "Объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳамон аст, ки ба он ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои юридикии иштирокдорони он равона карда шудааст, ба ибораи дигар ин ҳамонест, ки барояш муносибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд»[115].

Назарияеро, ки мутобиқи он ягона объекти ҳар як муносибати ҳуқуқии граждании рафтори инсон мебошад, В.П. Мозолин танқид кардааст. «Ин назария, – қайд мекунад В.П. Мозолин, – дар натиҷаи тасаввуроти ғалат дар бораи табиати робитаи муносибатҳои ҳуқуқӣ ва амалҳои субъектҳои ин муносибатҳо ба вуҷуд омадааст. Он аз мафҳуми худи муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки яке аз қисматҳои таркибии онҳо мебошад, ба таври сунъӣ ҷудо карда шудааст». Таърифи объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки В.П. Мозолин додааст, амалан аз таърифи Н.И. Матузов фарқ надорад: "Объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ, – меҳисобад В.П. Мозолин, – ҳамонест, ки муносибати ҳуқуқӣ ба он равона карда шудааст"[116].

В.С. Нерсесянтс мафҳуми объекти муносибатҳои ҳуқуқиро бо меъёрҳои ҳуқуқ пайвастааст: «Объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ ин муҳтавои меъёри татбиқшавандаи қонуни мавҷудаи воқеӣ мебошад, яъне муқаррароти абстрактии он, гипотеза, диспозитсия, санксия мебошанд"[117].

Тибқи андешаҳои М.Н. Марченко дар асарҳои аввалаи худ зери мафҳуми объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ бояд чун " неъматҳои моддӣ ва маънавӣ, ки пешниҳод ва истифодаи онҳо манфиатҳои ҷониби ваколатдори муносибатҳои ҳуқуқиро қонеъ мекунанд" фаҳмида шавад[118].

---

[114] Ниг.: Гражданское право / Под ред. Е.А.Суханова. – М.: Волтерс Клувер, 2006. – Т.1. – С. 393.
[115] Ниг.: Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права. – М.: Дело, 2009. – С. 390.
[116] Ниг.: Гражданское право / Под ред. В.П.Мозолина. – М.: Проспект, 2014. – С. 92.
[117] Ниг.: Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства. – М.: Инфра-М, 2010. – С. 508.
[118] Ниг.: Теория государства и права. Курс лекций / Отв. ред. Марченко М.Н. Т. 2. – М., 1995. – С. 10.

Чунин тафсири нисбатан фарогир муфассали мафҳуми "объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ" ба М. Дашян имкон дод, ки падидаеро, чун Интернет, ба объектҳои ҳуқуқ шомил донад[119].

Мо баъдтар таҳлил хоҳем кард, ки бо ҷанбаи ҳуқуқии муносибат бо Интернет чӣ гуна бояд муносибат кард, аммо ҳоло ба нуқтаи назари М.Н. Марченко баргашта, қайд менамоем, ки баъдтар ӯ мафҳуми объекти муносибатҳои ҳуқуқиро тавсеа бахшид. "Тасаввуроти муосир дар бораи объектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун неъмат, инчунин роҳҳои қонеъ гардонидани манфиатҳои тарафи ваколатдор, ҳарчанд маъмул шудааст, аммо фаҳмиши ягона ғоя нест", – менависад баъдтар М. Н. Марченко. Ӯ намудҳои зерини объекти муносибатҳои ҳуқуқиро муайян кардааст: а) неъматҳои моддӣ, предмети олами моддӣ – ашё мебошад; б) натиҷаҳои эҷодиёти маънавӣ, зеҳнӣ; в) рафтори одамон – амал ё беамалии муайяни онҳо; г) манфиатҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва дигар неъмати иҷтимоӣ, ки тарафҳо оид ба онҳо уҳдадориҳои қонунӣ ва ҳуқуқҳои субъективӣ доранд[120].

Роҷеъ ба бисёрзинагии объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ қаблан И.Л. Брауд низ дар ин назар изҳори андеша карда буд: «Объекти муносибатҳои ҳуқуқии граждание дар баробари натиҷаҳои амали инсон бояд ҳамчун ашё, маҳсули эҷодиёти маънавӣ ва манфиатҳои шахсӣ эътироф карда шаванд».

В.П. Мозолин бо ақидаҳо дар бораи объекти бисёрзинагии муносибатҳои ҳуқуқӣ розӣ нашудаш, қайд мекунад, ки "Нуқсони асосии назарияи объекти бисёрзинагии муносибатҳои граждании интихоби роҳҳои нодурусти фардисозии муносибатҳои гражданӣ дар низоми умумии муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад, ки вай бо он ба таври робитаи ҷудонопазир қарор дорад ва бо он бояд ҳамкорӣ кунад".

Чунин гуногуниву парокандагии андешаҳо доир ба объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ, тасаввуроте ба вуҷуд меорад, ки дар ин ҳолат бояд ду мафҳуми бунёдии ҳуқуқӣ – объекти ҳуқуқ ва объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ ҷудо

---

119 Ниг.: Дашян М.С. Право информационных магистралей. – М.: Волтерс Клувер, 2007. – С. 39.
120 Ниг.: Марченко М.Н. Проблемы теории государства и права. – М.: Проспект, 2011. – С. 624.

карда шавад, чунки ин тарзи тақсимот барои муайян кардани хусусиятҳои падидаҳои ҳуқуқӣ дар фазои маҷозии Интернет аҳаммияти муҳим касб мекунад.

Барои мушкилоти объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ дар Интернет, ки мавриди таҳлили мо қарор дорад, мавриди чунин тақсимот, ба фикрамон кифоя аст, чунки неъматҳои моддӣ дар фазои маҷозӣ вуҷуд надоранд. Муносибатҳои ҳуқуқӣ дар фазои маҷозӣ дар натиҷаи амали субъектҳои ҳуқуқ ба миён меоянд, аммо ин муносибатҳои ҳуқуқӣ барои пайдоиш, тағйир ва қатъ гардидани ҳуқуқҳои амволию ғайримолумулкӣ ба ин неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ равона карда шудаанд.

Моддаи 136–и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба объектҳои ҳуқуқи гражданӣ инҳоро мансуб донистааст: ҳуқуқу манфиатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии шахсӣ; ашё, аз ҷумла пул ва коғазҳои қиматнок; амволи дигар, аз ҷумла ҳуқуқи амвол; корҳо ва хизматрасониҳо; натиҷаҳои ҳифзшавандаи фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои инфиродисозии ба онҳо баробаркардашуда (моликияти зеҳнӣ); молҳои ғайримоддӣ.

Тақрибан чунин консепсияи объектҳои ҳуқуқи гражданӣ дар м. 128 Кодекси граждании Федератсияи Россия низ инъикос ёфтаанд. Чунин объектҳои ҳуқуқҳои гражданӣ сабаби амалҳои фаъол дар Интернет мебошанд, яъне сабаби ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқӣ дар муҳити маҷозӣ мегарданд[121].

Ҳоло бо мақсади ҳаматарафа асоснок кардани масъала муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқиро оид ба фаъолият (ё ба истилоҳи ба Олимпиада Соломонович, "рафтори шахсони вазифадор") дар Интернетро таҳлил менамоем.

Қабл аз ҳама бояд муайян кард, ки оё худи Интернет метавонад ҳамчун як падидаи ҷудонашавандаи ҳуқуқӣ ё чун унсури муносибатҳои ҳуқуқӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор гирад ё гирифта шавад? Дар илми ҳуқуқшиносӣ оид ба ин масъала афкори мухталифи зиёд мавҷуданд.

[121] Ниг.: Абдулин А.И. Новое Российское законодательство и Европейский опыт в сфере правовой охраны интеллектуальной собственности // Вестник экономики, права и социологии. – 2007. – № 1. – С. 64-69.

И.Л. Бачило бар он аст, ки «барои ҳуқуқ, ҳадафи фаҳмидан, ба даст овардани «дониш» дар бораи далел, асосан аз пайдо кардани тасаввурот дар бораи субъектҳо мушаххасу вобаста аст. Дар ин замон ин ҳолат барои падидаи зерини мавриди баррасӣ хеле муҳим аст: дар фазои Интернет кадом соҳаҳои фаннӣ муайян карда шудаанд; дар он кадом амалҳо (фаъолиятҳо) иҷро карда мешаванд; муносибатҳои субъектҳоро дар ин фазои иттилоотӣ кадом вобастагиҳо муайян мекунанд ва навгониҳои ин ҷузъҳо дар чӣ зоҳир мегардад дар доираи кадом меъёрҳо ба таърифи меъёрии ин субъектҳои нав наздик шуда, талабот ва шартҳои усулҳои танзими ҳуқуқиро муттаҳид кардан мумкин аст? Агар падидаҳои ҳадафҳои номбаршуда ҳамчун мақсади дарки моҳияти он аз тарафи ҳуқуқ баҳо дода шавад, пас ин рӯйхати тахминии саволҳоро ташкил медиҳад, ки ба он бояд ҷавоби возеҳ дода шавад, то гуфта тавонем, ки: «Интернет ва далелҳое (ҳодисаҳо), ки дар фазои он рух медиҳанд, объектҳои қонунанд"[122].

М.С. Дашян, андешаи И.Л. Бачилоро идома дода, дар асоси таърифи объекти ҳуқуқие, ки М.Н. Марченко додааст, чунин хулоса баровардааст: «Дар асоси формулаи паҳншуда метавон гуфт, ки объектро «неъмати моддӣ ва ғайримоддие меҳисобад, ки қобилияти қонеъ кардани манфиати ваколатдоронро дорад» (М. Марченко), тамоми асосҳо мавҷуд аст, ки Интернет ҳамчун шабакаи ҷаҳонии телекоммуникатсияи компютерӣ ва ҳамчун фазои киберӣ дар байни объектҳои ҳуқуқ ҳисобида шавад»[123].

Маълум аст, ки шабакаи ҷаҳонии Интернети ҷаҳонӣ («Interconnected network» – муттаҳидшавии шабакаҳо) баҳре нест, ки дар он шахс бехатар ғӯтавар шавад (гарчанде ки баъзе муҳаққиқон чунин муқоиса низ мекунанд). Системаи Интернет, ба монанди ҳама системаҳои дигар, маҷмуаи муташаккилонаи дастгоҳҳои техникӣ барои дастрасӣ ба фазои виртуалӣ (маҷозӣ) мебошад. Кори маҷмуи қисмҳо бо ҳам мувофиқа карда шудааст, бинобар ин, онро вайрон кардан, шабакаро шикастан ва қисмҳои дигар зарар нарасонида

[122] Ниг.: Бачило И.Л. Информационное право. – М.: Юринформцентр, 2003. – С. 211
[123] Ниг.: Дашян М.С. Право информационных магистралей. – М.: Волтерс Клувер, 2007. – С. 39.

қисмашро аз он ҷудо кардан ва дигар қисмҳоро гузоштан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ он Интернет ҳамчун як системаи ягонаву яклухт фаҳмида мешавад. Аммо ягонагии система ҳанӯз барои эътирофи он ҳамчун як объекти қонун асос шуда наметавонад. Илова бар он, Интернет чун шахси ҳуқуқӣ ба таври қонунӣ ба ягон ҷо вобаста карда нашудааст; он соҳиби (соҳибони) худро надорад. Барои дастрасӣ ба Интернет, ғайр аз дониши муайян дар соҳаи технологияҳои компютерӣ ва малакаҳои компютерӣ, субъект бояд як қатор амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳимро ба иҷро расонад, ба мисли харидани компютер (ё дигар дастгоҳи техникӣ, ки хусусиятҳои муайяни техникӣ дорад – телефони мобилӣ, i–phone ва ғайра.); сахтафзор (модем); барномаҳои компютерии мувофиқ (барномаҳо барои ворид кардани браузерҳои интернетӣ ва IP–протоколҳо). Илова бар ин, субъект бояд дар аксари ҳолатҳо бо шабакаи телефонӣ шартномаи иҷора бандад. Ҳамчунин, ӯ бояд бо провайдер (провайдери хидматрасони Интернет) барои пешниҳоди хизматҳои хостинг шартнома бандад. Ҳамчунин ибораи дигар, ӯро лозим аст, ки барои расонидани хизмати хостингӣ бо провайдер (иҷрокунандаи хизматҳои хостингӣ) шартномаи дигар бандад. Ба таври дигар, раванди дастрасӣ ба Интернет тавассути бастани шартномаҳои хариду фурӯш, иҷора ва инчунин то андозае бо риояи меъёрҳои ҳифзи ҳуқуқҳои мустасноӣ ба барномаи пешниҳодшуда амалӣ карда мешавад (онро бе сабти корбари нав дар компютери дигар насб кардан мумкин нест).

Ҳамин тавр, раванди дастрасӣ ба Интернет аз нигоҳи ҳуқуқ мушкилие пеш намеорад, дар ин раванд асосан мафҳуми назарияи коркардшудае ба мисли хариду фурӯш, иҷора ва ғайра истифода мегардад, зеро муносибати ҳуқуқии дар раванди дастрасӣ ба Интернет бавуҷудомада воқеан ҳам рӯй медиҳад. Аммо бевосита худи дастрасӣ ба Интернет, яъне ворид шудан ба он ҳанӯз асос намедиҳад, ки ин шабака объекти муносибати ҳуқуқӣ эътироф гардад, чунки ҳуқуқ мустақиман ба амали субъекти худи шабака равона нашудааст. Такрор менамоем, ки дар ин ҷода мураккабие нест.

Ҳамин тавр, раванди дастрасӣ ба Интернет аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мушкилот надорад – дар ин раванд мафҳумҳои назариявии мукаммал ба мисли шартномаи хариду фурӯш, иҷора ва ғайра истифода мешаванд, зеро муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар раванди дастрасӣ ба Интернет ба миён меоянд, асоси воқеӣ доранд. Аммо худи дастрасӣ, яъне вуруд ба Интернет ҳанӯз барои эътирофи ин шабака ҳамчун объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ асос шуда наметавонад, зеро амалҳои субъекти ҳуқуқ мустақиман ба худи шабака равона карда нашудаанд. Такрор мекунем, ки дар ин раванд ҳеҷ мушкилие вуҷуд надорад.

Мушкилот бевосита дар раванди кор дар худи Интернет ба вуҷуд меояд. Дар назари аввал, ҳамаи амалиёте, ки тавассути Интернет сурат мегирад, аз ҷиҳати назариявӣ коркард шуда, моҳияти ҳуқуқии онҳо равшан аст ва дар қонунӣ будани онҳо шубҳа надорад. Ин шубҳаҳо аз хусусиятҳои хоси Интернет – бефосилагӣ, саривақтӣ ва умумимиллӣ сарчашма мегиранд. Мо баъдтар ба таҳлили онҳо бармегардем, аммо ҳоло ба мақсадҳои аниқ кардани заминаи моддии фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ дар Интернет баргашта, гуфта метавонем, ки объектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ худи Интернет на ҳамчун шабакаи компютерӣ (ҳатто дар миқёси ҷаҳонӣ), балки амалҳои субъектҳои ҳуқуқ, бо ин ё он тарз мебошанд, ки бо ин шабака алоқаманд аст (масалан, мағозаҳои виртуалӣ ё фаъолияти таблиғотӣ дар шабака). Танзими ҳуқуқии Интернет ба муносибатҳое, ки дар дохили шабака байни субъектҳо ба вуҷуд меоянд, асос ёфтааст, на худи он, ки мавзуъ дар фазои виртуалии шабака аст. Ба ибораи дигар, Интернет як навъ муҳит нави квази технологӣ, фазои навест ва амалҳо, муносибатҳои субъектҳои ҳуқуқ дар ин муҳит таҳти танзими ҳуқуқӣ қарор доранд. Интернет ҳамчун шабакаи технологии компютерӣ, мисли шабакаи роҳи оҳан дар тамоми ҷаҳон паҳн шуда, ягон ашё ё молҳои нав ба вуҷуд намеорад; он танҳо барои эҷод, ҷойгиркунӣ ё татбиқи онҳо дар байни корбарони худ имконият фароҳам меорад.

Далелҳои боло имкон медиҳад, изҳор намоем, ки худи Интернет («Interconnected network» – баҳампайвндии шабака) наметавонад мустақиман ҳамчун як падидаи ҷудонашавандаи ҳуқуқӣ мавриди таҳлили ҳуқуқӣ қарор

дода шавад. Дар ин ҳолат, мо бо бисёр унсурҳои қонунӣ ва ғайриқонунӣ дучор меоем – худи компютер (ё дигар дастгоҳи техникӣ) ҳамчун унсури ибтидоии шабака, дастгоҳҳои техникии сахтафзор (аз ҷумла моҳвораҳои алоқа) ҳамчун пайвандҳои шабакавӣ, ҷузъҳои граждании шартномаҳои хариду фурӯш ва иҷора ва ғайра, ки дар шабака содир шудаанд. Дар ин ҳолат, объекти таҳқиқот дар назди мо ҳамчун як системаи ноустувор бо унсурҳои мухталиф падид меояд. Ҳангоми ҳама гуна кӯшиши таҳлили ҳуқуқӣ, ин объект ба бисёр ҷузъҳои мустақили таркибӣ тақсим мешавад. Масъалаи дигаре ҳаст, ки ин арзёбии амалҳои шахсони ҳуқуқӣ дар Интернет мебошад: дар ин ҷо чунин ҷузъҳо ба назар намерасанд, зеро фазои виртуалӣ ба тарзи дигари фазои ягона яклухт зуҳур мекунад. Аз ин рӯ, танҳо бо Иллария Лаврентьевна қисман розӣ шудан мумкин аст: объектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ (на ҳуқуқҳо) далелҳое (ҳодисаҳо) мебошанд, ки дар фазои Интернет ба амал меоянд, аммо дар худи Интернет ҳамчун иттиҳодияи бузурги шабакаҳои компютерӣ наметавонанд, бошанд.

Мураккабӣ мустақиман дар раванди кори худи Интернет ба вуҷуд меояд. Дар назари аввал, ҳамаи муомилоте, ки тавассути Интернет сурат мегирад, аз лиҳози назариявӣ коркард шудааст, табиати ҳуқуқии онҳо фаҳмо, қонуниву ошкоро буданашон шубҳае надорад. Ин шубҳаҳо аз хусусиятҳои вижаи Интернет, яъне фавқулфазо, фавқулзамон ва фавқулмиллӣ будани он бармеоянд. Баъдтар мо бо таҳлили онҳо машғул хоҳем гашт, ҳоло бошад, ба мақсади муқаррар намудани асоси бунёдии фаъолияти субъектҳои ҳуқуқ дар Интернет баргашта, метавон қайд кард, ки объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ на худи Интернет чун шабакаи компютерӣ (ҳатто миқёси ҷаҳонӣ), балки амали субъектҳои ҳуқуқӣ ба ягон тарзе бо шабака вобастабуда (масалан, мағозаҳои маҷозӣ, ё фаъолияти рекламавӣ дар шабака) объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ шуда метавонад. Асоси танзими ҳуқуқии Интернетро робитаи дар дохили шабака бавуҷудомадаи байниҳамдигарии субъектҳо ташкил медиҳанд, ки барои дар фазои маҷозии шабака қарор доштани субъектҳо сабабе шуда наметавонад. Ба ибораи дигар, Интернет ин муҳити нави квазитехнологӣ дар фа-

зои нав аст, танзими ҳуқуқӣ бошад ба амалу муносибатҳои субъектҳои ҳуқуқ дар ҳамин муҳит дахл дорад. Интернет чун шабакаи технологияи компютерӣ мисли шабакаи роҳи оҳан дар тамоми олам паҳн гардида, ҳеҷ гуна объект ё моли нав боз намекунад; балки танҳо барои бунёд, ҷойгирсозӣ ё дар байни истифодабарандагон фурӯхтани он имконият фароҳам меорад.

Далелҳои овардаамон кифоя аст, қайд намоем, ки Интернет («Interconnected network» –шабакаи муттаҳида) худ бевосита наметавонад ҳамчун равияи яклухту мустақил мавриди таҳлил қарор бигирад. Дар ин маврид мо ба унсурҳои ҳуқуқиву ғайриҳуқуқии зиёд ба мисли худи компютер (ягон дастгоҳи техникии дигар) чун нахустунсури шабака, сохтори дастгоҳҳои техникӣ (аз ҷумла ҳамсафари маснуи алоқа) чун ҷузъи шабака, шартномаҳои гражданию ҳуқуқӣ дар бораи хариду фурӯш ва иҷора, ки дар шабака сурат гирифтааст ва ғайра дучор мегардем. Дар ин ҳолат объекти таҳқиқот дар назди мо чун системаи ноустувор бо унсурҳои гуногунаш падид меояд. Бо вуҷуди ҳама гуна таҳлили ҳуқуқӣ ин объект ба ҷузъҳои гуногуни бисёр тақсим мешавад. Агар мо амалҳои субъектҳои ҳуқуқии Интернетро бидиҳем, гапи дигар аст. Аз ин ҷост, ки бо И.Л. Бачило танҳо қисман розӣ шудан мумкин аст: объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ (на ҳуқуқ) далел (рухдод)–и фазои Интернет аст, вале худи Интернет низ чун шабакаи муттаҳидаи азими компютерӣ чунин буда метавонад.

В.А. Копилов оид ба ин масъала ақидаи И.Л. Бачилоро рад карда, одилона қайд менамояд, ки: «Оё Интернет умуман объекти ҳуқуқ буда метавонад, яъне он объекте, ки барояш муносибатҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд?». Тамоми маҷмуи таҷҳизот, захираҳои мухобиротӣ, воситаҳои алоқа ва телекоммуникатсия, ки ҳамагӣ Интернетро ташкил медиҳанд, махсус гардонида нашудааст, он соҳиби махсусе надорад. Интернет мансуби касе нест, бинобар он ҳам объекти ҳуқуқ шуда наметавонад»[124].

---

[124] Ниг.: Копылов В.А. Информационное право. Учебник. Пер. и доп. – М.: Юристь, 2002. – С. 236-237.

Ҳамин тавр, объектҳои ҳуқуқи граждании, новобаста аз дар куҷо қарор доштанашон, хоҳ дар доираи моддӣ (ашё, пул, моликият) бошад, хоҳ дар фазои Интернет (субъекти моликияти зеҳнӣ, хизматрасонӣ) мавқеи ҳуқуқиашонро дигар намекунанд. Хусусияти объекти муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ вижагиҳои фазои маҷозии Интернет ба ҳисоб мераванд.

Объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ, тавре ки қайд кардем, метавонанд ашё ё амал бошанд. Дар сурати таълифи китоб, ин ҳуқуқи воқеӣ аст, дар ҳолати иҷора, ин ҳуқуқи уҳдадориҳост. Аммо вақте ки сухан дар бораи робитаи Интернет меравад, чунин муносибат кор намеояд. Мушкилот дар хусусиятҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ дар Интернет, дар худи раванди эҷоди далелҳои ҳуқуқӣ, ки дар натиҷаи он ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои гражданӣ нисбат ба объекти ҳуқуқ ба миён меоянд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд. Масалан, харидани таъминоти барномавӣ аз фирмаи Microsoft мустақиман дар Интернет ҳуқуқи муаллифии ин барномаро дигар намекунад. Таркиби ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии тарафҳо аз қабили уҳдадории харидор оид ба пардохти арзиши мол (маҳсулоти барнома) ва ҳуқуқ ба дархости ирсоли ин маҳсулот (нусхаи электронӣ) ба суроғаи почтаи электронии ӯ ва уҳдадории фурӯшанда оид ба фиристодани маҳсулоти барномаи компютерӣ ба харидор ва ҳуқуқи талаб кардани пардохт низ тағйир намеёбад.

Эҳтимол, бо назардошти чунин мулоҳизаҳо, И.М. Рассолов ба сифати объектҳои муносибатҳои ҳуқуқии иттилоотие (муносибатҳои ҳуқуқӣ дар Интернет дар назар аст)–ро муқаррар кардааст, ки "ҳама неъматҳои моддӣ, маънавӣ ва дигар неъматҳои иҷтимоӣ, амалҳо (худдорӣ аз амалҳо), маҳсулоти эҷодӣ (натиҷаҳои фаъолияти муаллифӣ, ихтироъкорӣ ва ғайра), ки субъектҳо дар бораи онҳо муносибатҳои ҳуқуқии иттилоотӣ барқарор мекунанд ва манфиату ҳуқуқҳо, уҳдадориҳои онҳоро дар бар мегиранд"[125].

Мо таърифи И.М. Рассоловро аз муқаррароти парадигмаи хусусияти иттилоотии муносибатҳо дар Интернет баррасӣ намуда, модели тахминии мафҳуми плюралистии объекти муносибатҳои ҳуқуқиро дар Интернет ба даст

[125] Ниг.: Рассолов И.М. Информационное право. Учебник для магистров. – М.: Юрайт, 2013. – С. 119.

меорем, ки онро худи ӯ низ рад намекунад. Дар ин ҳолат, сохтори мундариҷаи муносибатҳои ҳуқуқӣ, тавре ки мебинем, тағйир намеёбад. Усул ва шартҳои пайдоиш, тағйир ва қатъи ҳуқуқҳову ӯҳдадориҳои граждании тарафҳо, ки дар қонун тавсиф шудаанд, дигар мешаванд. Ин ҳама дар таърифи И.М. Рассолов зикр нашудааст, зеро дар ин ҳолат ҷузъи иттилоотии таъриф зарар мебинад. Чунин усулҳо ва шартҳо гузаронидани тамоми давраи муносибатҳои ҳуқуқиро дар бар мегиранд, масалан, муомилот дар муҳити ғайримоддӣ (маҳалли шартнома), шакли электронӣ (шакли шартнома) ва номуайянии маҳалли ҷойгиршавии тарафҳои шартнома, муайян кардани қонунеро, ки нисбати ин шартнома татбиқ мешавад, душвор месозад.

Инак, объекти муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ дар Интернет маҳз кадом аст?

– инҳо ҳамаи неъматҳои моддии дар моддаи 136 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 128 Кодекси граждании Федератсияи Россия номбаршуда мебошанд: ашё, аз ҷумла пул ва коғазҳои қиматнок, амволи дигар, аз ҷумла ҳуқуқи амвол, ки дар фазои виртуалии Интернет объектҳои шатномаҳои мушаххаси гражданӣ мегарданд;

– инҳо корҳо ва хидматҳо мебошанд, яъне рафтор ва амали шахсони ҳуқуқӣ дар фазои Интернет;

– инҳо натиҷаҳои ҳифзшудаи фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонии ба онҳо баробаркардашуда аз қабили моликияти зеҳнӣ мебошанд.

Ҳамин тавр, барои тавсиф кардани объекти муносибатҳои гражданӣ дар фазои маҷозии Интернет, бо назардошти гуногунии муносибатҳои иҷтимоие, ки дар он рушд мекунанд, консепсияи плюралистии объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ қобили қабул аст.

# БОБИ II. ҲИФЗИ ҲУҚУҚИИ БАРНОМАИ КОМПЮТЕРӢ

## 2.1 Мафҳуми низоми воситаҳои ҳифзи гражданӣ–ҳуқуқии барномаи компютерӣ

Дар адабиёти ҳуқуқӣ, зимни баррасии масъалаи воситаҳои ҳуқуқи гражданӣ оид ба ҳимояи барномаҳои компютерӣ, инчунин масъалаи воситаҳои ҳуқуқи граждании ҳимояи барномаҳои компютерӣ таҳқиқ мешавад. С.Н. Биков қайд мекунад, ки воситаҳои муомилоти ҳимояи граждании барномаҳои компютерӣ “тарзу усулҳо (воситаҳо)–и дорои хусусияти ҳуқуқие мебошанд, ки барои татбиқи ҳуқуқҳои субъектҳои онҳо ба барномаҳои компютерӣ равона шуда, амнияти ин объектҳо ва ҳуқуқҳо ва манфиатҳои онҳо аз амалҳои ғайриқонунии ашхоси дигар таъмин карда мешаванд»[126].

Тафовути василаҳои аввалия ва воситаҳои мумилотии ҳуқуқи гражданӣ барои ҳифзи барномаҳои компютерӣ аз имконоти онҳо вобаста аст. Агар василаи аввалияи ҳимояи барномаи компютерӣ барои ба соҳибҳуқуқ додани имконоти муайяни ҳуқуқии марбут ба эҷоди барномаҳои компютерӣ нигаронида шуда бошад, пас воситаҳои муомилотии ҳуқуқи граждании муҳофизати барномаҳои компютерӣ бо дарназардошти майлу иродаи соҳиби амал, мумкин аст, он мусодира карда шавад, ё нисбаташ чораи дигаре андешида шавад. Робитаи воситаҳои мумилотии ҳуқуқи граждании ҳифзи барномаҳои компютерӣ ва воситаҳои ҳуқуқи субъектии ҳуқуқи граждании ҳифзи барномаҳои компютерӣ маҳз дар ҳамин зоҳир мегардад. Фарқи воситаҳои мумилотии ҳуқуқи граждании ҳифзи барномаҳои компютерӣ асосан на дар шакл, балки дар хусусиятҳои он ифода мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври қонунӣ ҳуқуқи муаллиф ба имконпазирии маҳрумсозӣ аз ҳуқуқ ба осори адабӣ ё намуди дигари асар му-

[126] Ниг.: Быков С.Н. Система гражданско-правовых средств охраны компьютерных программ: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2013. – С. 155.

шаххасан муқаррар карда шудааст ва тавассути шартнома дар бораи маҳрумсозӣ аз ҳуқуқи мустасноӣ татбиқ карда мешавад[127].

Бояд қайд кард, ки шарти чунин шартнома маҳрум кардани ҳуқуқи мустасноӣ ба объект дар ҳаҷм маҳсуб меёбад ва чунин маҳрумсозӣ тибқи созишномаи дахлдор ба амал баровавда мешавад.

Мавзуи шартномаро ҳуқуқи мустасноӣ ба асарҳо ба ҳаҷми пурра муайян мекунад. Агар аз муқаррароти меъёри овардашудаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон сар кунем, муаллифи барномаи компютерӣ дар асоси ин шартнома тамоми ваколатҳоро ба истифодаи барномаи компютерӣ месупорад (маҷмуи воситаҳои ҳуқуқи граждании таъмини ҳифзи ин объект дар назар аст, ки дар навбати худ ба мундариҷаи ҳуқуқи мустасноӣ ба барномаи компютерӣ чун асар шомил мебошад).

Аммо, илова ба созишномаи зикршуда, дар амал усули нисбатан маъмултари таҳвил додани ҳуқуқ ба барномаи компютерӣ, яъне шартномаи литсензионӣ вуҷуд дорад. Тибқи ин шартнома, интиқоли ҳуқуқи истифодаи барномаи компютерӣ ба сифати объекти асар анҷом дода мешавад.

Тавассути истифодаи чунин воситаҳои мумилотии ҳуқуқи граждаӣ барои ҳифзи барномаҳои компютерӣ, дорандаи ҳуқуқи муаллифӣ ба барномаи компютерӣ метавонад мустақилона ҳудуди истифодаи асарро аз ҷониби шахсони сеюм муайян кунад ва дар сурати зарурӣ бо онҳо шартномаҳои алоҳидаи литсензионӣ бандад. Бояд қайд кард, ки бастани шартномаи иҷозатдиҳӣ боиси иваз шудани соҳиби ҳуқуқи муаллиф намегардад. Вақти додани шартнома баробари мавзуи шартнома нарх ва шакли шартнома низ яке аз унсурҳои асосӣ ба ҳисоб меараванд.

Зимни таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ ва муаммоҳои дар онҳо номбаршуда, ки ба пажӯҳиши қонунгузории давлатҳои хориҷиро дохиланд, барои қиёс ва ошкор кардани механизмҳои зарурии танзими ҳуқуқӣ баррасии чанде аз онҳоро лозим медонем. Аз ҷумла, мутобиқи моддаи 1286–уми Кодекси граж-

[127] Ниг.: Моддаи 1243 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Садои мардум. – № 1-9 (4584-4592) аз 2 январи соли 2023. – С. 33.

дании Федератсияи Россия, дар шартномаи литсензионӣ бояд андозаи подош ё ройгон будани он нишон дода шавад, чунки агар ин шартҳо риоя карда нашаванд, шартнома метавонад беэътибор дониста шавад.

Дар шартномаи литсензионӣ бояд тарзи истифодаи асар (барномаи компютерӣ дар назар аст) нишон дода шавад. Ба фикри мо як нуктаи муҳим он аст, ки шартномаи литсензионӣ оид ба истифодаи барномаи компютерӣ бақайдгирии давлатиро талаб намекунад. Дар ин масъала таҷрибаи судии Федератсияи Россия ҷолиби диққат аст. Пленуми Суди Олии Федератсияи Россия, аз 26 марти 2009 № 29, тавзеҳотро оид ба масъалаи бақайдгирии давлатии барномаи компютерӣ пешниҳод кардааст. Қайд гардидааст, ки танҳо ҳангоми ба барномаи компютерӣ гузаштани ҳуқуқи мустасноӣ, ки ба ҳамин сифат ба қайд гирифта шудааст, ба қайди давлатӣ лозим аст.

Қарори боло таъкид дорад, ки танҳо барномаҳои компютерии ба ҳамин сифат аз қайди давлатӣ гузашта, дар навбати худ тибқи шартномаи маҳрум кардан аз ҳуқуқҳои мустасноӣ ва ё бидуни шартнома бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд. Дар навбати худ, қарори мазкур ҳамробитагии воситаҳои муомилотии ҳуқуқи граждaниро нишон медиҳад, масалан, шартномаи литсензионӣ ё шартнома дар бораи маҳрум кардан, бо ҳуқуқи воситаҳои субъективӣ (Масалан, бақайдгирии давлатии барномаи компютерӣ ё усулҳои истифодаи барномаи компютерӣ) таъмини ҳифзро мисол овардан мумкин аст.

Таҳлилҳо моро ба хулосае мерасонанд, ки дар амалия ҳамробитагӣ ва таъсири воситаи ҳифзи барномаи компютерӣ ба интихоби василаҳои муомилот ба назар мерасад. Чунин таъсир дар шартномаи маҳрум кардан ба назар мерасад, ки он ҳангоми маҳрумсозӣ тибқи ҳамин шартномаи ҳуқуқи мустасноии барномаи компютерӣ ба қайд гирифта шавад.

В. А. Хохлов қайд мекунад, ки дар қонунгузории Федератсияи Россия (моддаи 1286 Кодекси гражданӣ) бастани шартномаи литсензиониро дар бораи додани ҳуқуқи истифодаи барномаи компютерӣ ва пойгоҳи маълумот, махсус қайд мекунад. Ҳамчунин иҷозат дода мешавад, ки ба шакли махсус тавассути қарори шартномаи литсензионӣ дар шакли махсус оид ба он, ки ҳар

як корбар тавассути дар нусхаи додашуда сабтёфтаи барномаи компютерӣ ва пайгоҳи маълумот дар бораи ҳамроҳшавӣ шартнома баста мешавад[128].

Дар ин замина, бояд қайд кард, ки бо оғози истифодаи барномаи компютерӣ ё пойгоҳи маълумот аз ҷониби корбар, розигии ӯ оид ба бастани шартномаи ҳамроҳшавӣ пешбинӣ шудааст. Қарорҳои дар боло зикршудаи судҳои Россия шарҳ додааст, ки чунин шартнома барои ба барномаҳои компютерӣ пешниҳод намудани бозистеҳсолии озод ва аксулталфифи барномаи компютерӣ равона карда шудааст. Ғайр аз он, он имкон медиҳад, ки дигар амалҳои марбут ба фаъолияти барнома иҷро карда шаванд ва амал то фурӯш ё маҳрум кардан аз нусхаи барномаи компютерӣ қонунӣ ҳисоб мешавад.

Шартномаи литсензионӣ дар бораи пешниҳоди асар ба истифода бо хусусиятҳои хеш аз шартномаи муқаррарии литсензионӣ фарқ мекунад. Тафовут дар таркиби мавзуи шартнома ба назар мерасад. Шартномаи литсензионӣ бевосита байни корбар ва дорандаи ҳуқуқи муаллиф баста мешавад ва дар ин ҳолат аҳаммият надорад, ки маҳрум кардани нусхаи барнома ба корбар аз кадом шахс сурат гирифтааст. Инчунин, лаҳзаи фарққунандаи дигар он аст, ки шакли бастани шартнома бо иҷрои амалҳои дахлдор мегузарад. Тавре ки А.А. Криженовская қайд мекунад, ин намуди шартномаи литсензионӣ шартномаи ҳамроҳшавӣ мебошад ва аз ин рӯ корбарон наметавонанд ба шартҳои мавҷудаи шартнома таъсир расонанд[129].

Ҳамин тавр, шартномае, ки оид ба пешниҳоди ҳуқуқи истифодаи барномаҳои компютерӣ иҷозат додааст, ҳамчун воситаи муомилотии ҳуқуқи граждании ҳимояи барномаҳои компютерӣ ҳисобида мешавад ва дар аксари кишварҳои ҷаҳон эътироф шудааст[130].

---

[128] Ниг.: Хохлов В.А Авторское право: законодательство, теория, практика. – М.: Городец, 2008. – С. 226-227.

[129] Ниг.: Крыжановская А.А. Гражданско-правовая ответственность за вред, причиненный в связи с использованием сложных программных продуктов: научно–практическое исследование. – М.: Контракт-Волтер Клувер, 2010. – С. 80.

[130] Ниг.: Гаврилов Э.П. Совершенствование законодательства об интеллектуальной собственности: есть проблемы // Патенты и лицензии. – 2015. – №12. – С. 2-8.

Таҳлили таҷрибаи истифодаи шартномаи литсензионӣ оид ба додани ҳуқуқи истифодаи барномаи компютерӣ барои ташкили корхонаҳои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил карда, метавон гуфт, ки хусусиятҳои зикршудаи ин намуди шартнома имкон дод, ки аз нигоҳи шартномабандӣ соддатарину маъмултарин эътироф шудааст ва боиси афзоиши талабот ба шартномаи литсензионӣ ҳам аз соҳибони он ва ҳам аз ҷониби корбарони маҳсулоти барномавӣ гардидааст.

Ғайр аз ин, таҷрибаи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рафъи вайронкуниҳои истифодаи ғайриқонунии Интернет бо истифодаи барномаҳои компютерӣ ҷолиб аст.

"Сафаров П.Р. якҷоя бо шаш шиносонаш, ки дар байнашон барномасозони компютерӣ низ буданд, бо истифодаи таҷҳизоти махсус ва барномаҳои дахлдори компютерӣ, бидуни мувофиқаи шартномаи литсензионӣ бо мақомоти иҷозатномадиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастрасии ғайриқонунии шаҳрвандони Тоҷикистонро ба Интернети ҷаҳонӣ ташкил карда як сол истифода бурданд. Таҷҳизоти аз ҷониби Сафаров П.Р. ва гурӯҳи ӯ истифодашуда бо барномаҳои махсуси компютерӣ муҷаҳҳаз буд, ки ба корбарон дастрасӣ ба Интернети ҷаҳонӣ ва тавассути воситаҳои техникии провайдерҳои расмӣ – ширкати ТТ «ҶСП ТТ Мобайл» ва «ҶСШК Таком» – ро таъмин менамуд. Зарари амалҳои шахсони мазкур ба ин ширкатҳо расида, мутаносибан 7 668 216 сомонӣ ва 229 234 сомониро ташкил дод.

"Ҳукми суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Сафаров ва шаш шарикошро барои соҳибкории ғайриқонунӣ маҷмуан ба 98 сол аз озодӣ маҳрум сохт»[131].

Бинобар ин, зарур аст, ки шартҳои шартномаи литсензионӣ оид ба пешниҳоди ҳуқуқи истифодаи барномаи компютерӣ ба таври муфассал баррасӣ карда шавад. Ба ҳайси мавзуи шартномаи мазкур барномаи мустақим чун натиҷаи моликияти зеҳнӣ ва инчунин ба сифати ҳуқуқи моликият исти-

[131] Ниг.: Ҳукми суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе аз 14.06.2017 с. Маводҳои бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе барои соли 2017.

фода мегардад, ки хусусият ва ҳудуди истифодаи онро ба литсензионӣ нишон медиҳад.

Ҳамчун шарти навбатӣ, нархи шартнома ё хусусияти ройгонии онро эътироф кардан мумкин аст. Дар ҳақиқат, шартнома аз рӯйи табиати худ ғайрироййгон (подошдор) аст. Аз ин ҷиҳат, ин омил метавонад ҳамчун воситаи таъмини ҳимояи ҳуқуқии манфиатҳои амволии дорандаи ҳуқуқи муаллиф амал кунад, зеро имконияти гирифтани подош мавҷуд аст. Усулҳои гирифтани подош чунинанд: пардохти устувор, (якбора ё марҳилавӣ), тарҳ кардан аз даромади иҷозатномагиранда дар шакли фоиз.

Дар ин бобат таҷрибаи судӣ ҷолиб аст. Муайян карда шудааст, ки агар иҷозатномагиранда маҳсулоти барномавиро, ки дар асоси шартномаи литсензионӣ дода шудааст, истифода набурда бошад, пас маблағи ҳисоб кардани фоиз боқӣ мемонад ва он на тибқи шартнома, балки дар асоси нархе, ки метавонад дар ҳолатҳои муқоисавӣ барои истифодаи қонунии асар ситонида шавад, муайян карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки қонунгузории граждании Федератсияи Россия дар муқоиса бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор фарқиятҳо дорад, аз ҷумла дар робита бо нишон додани шартҳои муайяни шартномаи литсензионӣ, яъне қоидаҳоеро дарбар мегирад, ки воситаҳои ҳуқуқи гражданиро барои ҳифзи барномаҳои компютерӣ истифода мебаранд. Ин ҳолат бояд чун бартарӣ эътироф карда шавад ва зарурати оҷилан қабул кардани қисми чоруми Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад.

Дар қонунгузории Россия, ба ҳайси шартҳои иҷозатномадиҳӣ шартҳои зерин нишон дода шудааст: шарти ҳудуде, ки дар доираи он истифодаи барномаи компютерӣ иҷозат дода шудааст; шарти мухлати бастани шартномаи литсензионӣ ва ғайра[132].

Дар асоси таснифи умумии воситаҳои ҳуқуқии граждании муҳофизати барномаи компютерӣ, воситаҳои зикршуда, вобаста аз хусусиятҳояшон бояд

[132] Ниг.: Гаврилов Э.П. Комментарий и части четвертой Гражданского кодекса РФ. – М.: Экзамен, 2009. – 973 с.

ба воситаҳои муҳофизати ҳуқуқи граждании маҳсулоти барномавӣ дохил карда шаванд. Аммо, вобаста ба шаклашон онҳо чун унсурҳои воситаҳои муомилотӣ ва ҳифзи ҳуқуқи граждании шартномаи литсензиони баррасишаванда амал мекунанд.

Бо дарназардошти ҳанӯз танзим нашудани масъалаҳои шартномаи литсензионӣ оид ба додани ҳуқуқи истифодаи барномаҳои компютерӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ин масъала бояд ба муқарраротти адабиёти ҳуқуқӣ муроҷиат карда шавад. Аз ҷумла, С.Н. Биков ба моддаи 1236 Кодекси граждании Федератсияи Россия такя карда, қайд мекунад, ки тибқи он ҳангоми бастани шартномаҳои литсензионӣ иҷозатномадиҳанда ҳақ дорад иҷозатномаро бидуни нигоҳ доштани чунин ҳуқуқ ба иҷозатномадиҳанда (истисно) ба ашхоси дигар низ диҳад (литсензияи оддӣ, ғайриистисноӣ)[133]. Аз маънои мақолаи баррасишаванда бармеояд, ки иҷозатномаи пешфарз бояд ғайримустасноӣ (оддӣ) ҳисобида шавад. Ҳадафи чунин муносибати қонунгузор дар он ифода мегардад, ки манфиатҳои соҳиби ҳуқуқи муаллиф ҳимоя гардад, то ки ӯ имкони ба шахсони сеюм додани ҳуқуқ ба натиҷаи фаъолияти зеҳниро нигоҳ дошта бошад. Дар асоси гуфтаҳои боло, метавон гуфт, ки муқаррароти қонунгузории Россия дар бораи шартномаи литсензионӣ тадбири навбатии воситаҳои амниятӣ барои ҳифзи ҳуқуқи гражданӣ ва манфиатҳои қонунии муаллифони барномаи компютерӣ мебошад. Муҳим он аст, ки ин васила дар доираи воситаҳои муомилоти ҳифзи ҳуқуқҳои граждании барномаҳои компютерӣ, яъне дар доираи шартномаи литсензионӣ кор мекунад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, бояд қайд кард, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими ҳуқуқии маҷмуи воситаҳои муомилоти ҳуқуқи гражданӣ барои ҳифзи барномаҳои компютерӣ камбудиҳо ҷой доранд ва бинобар он қисми чоруми Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳарчи зудтар таҳия ва қабул карда шавад. Дар ин бобат таҷрибаи Феде-

[133] Ниг.: Быков С.Н. Асари номбаршуда. – С. 160.

ратсияи Россия ҷолиб аст. Дар қисми чоруми Кодекси граждании он маҷмуи мазкур, ки ҷавобгӯи манфиатҳои муаллифон ва ё дорандагони ҳуқуқи муаллифии барномаҳои компютерист, тақсим карда шудааст[134].

Дар ҳоли имрӯз системаи механизми дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он" пешбинишуда ва баъзе моддаҳои қисми сеюми Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳифзи ҳуқуқи муаллифии барномаҳои компютерӣ кифоя нестанд. Ғайр аз он, ба сифати воситаҳои муомилотии ҳуқуқи гражданӣ доираи васеи шартномаҳои гражданӣ, ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, метавонанд ҳамчун воситаҳои муомилоти гражданӣ амал кунанд, ба шарте ки мавзуи воситаи мазкур барномаҳои компютерӣ бошанд.

Таҳлили Кодекси граждании Федератсияи Россия нишон медиҳад, ки қонун масъалаи ҳамкориҳои воситаҳои муомилоти ҳуқуқи граждании ҳифзи барномаҳои компютерӣ бо воситаҳои техникии дорои хусусияти ғайриҳуқуқӣ танзим мегардад. Аз ҷумла, ба ҳайси чунин воситаҳои ҳифзи техникӣ технологияҳо, дастгоҳҳои техникӣ ва қисмҳои онҳо, ки тавассути онҳо дастрасӣ ба асар назорат карда мешавад, инчунин амалҳои маҳдудкунанда, ки фаъолияти муаллиф ё шахси дигарро нисбат ба барномаҳои компютерӣ манъ кардааст, эътироф мекунанд. Бо дарназардошти афзоиши миқёси истифодаи ғайриқонунии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, аз ҷумла барномаҳои компютерӣ воситаҳои техникии ҳимоят аз қонуншиканон, беш аз пеш тавсеа пайдо карда истодаанд.

Аз ин рӯ, гуфта метавонем, ки дар шароити муосир мушкилоти татбиқи қонун ва муайян кардани ҳудуди истифодаи воситаҳои техникӣ барои ҳифзи барномаҳои компютерӣ ба миён омадааст. Чунин ба назар мерасад, ки тадбирҳои ҳамаҷониба андешида, робитаи байни корбар ва дорандаи ҳуқуқи муаллифии барномаи компютериро ба роҳ мондан зарур аст. Дар ин замина, пешниҳод менамоем, ки тибқи принсипҳои кории дигар чунон барномаҳо

[134] Ниг.: Ғаюров Ш.К., Расулов Б.Р., Каримзода Ш.К., Ғаффорзода И.Ғ., Қосимов Ф.А. Ҳуқуқи моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2018. – С. 113-120.

таҳия карда шаванд, ки дар сурати онҳоро кор фармудан, корбар ба тамоми барнома дастрасӣ дошта натавонад, балки дар доираи муайяни бо шартномаи дахлдор муқарраркардашуда, маҳдуд бимонад.

Дар асоси баррасии воситаҳои муомилотии ҳуқуқи гражданӣ оид ба ҳифзи барномаи компютерӣ, хулосаҳои зерин баровարда мешаванд:

1. Воситаҳои муомилотии ҳуқуқи граждании ҳимояи барномаҳои компютерӣ бо дарназардошти нишонаҳои системавии қиёспазирӣ ва сохторӣ: онҳоро вобаста ба намудҳои амалиёт барои додани ваколати истифодаи барномаи компютерӣ ба гурӯҳҳо тақсим кардан мумкин аст.

Ин амалиётҳо иборатанд аз:

– шартномаи литсензионӣ дар бораи ҳуқуқи истифодаи барномаи компютерӣ;

– шартнома дар бораи маҳрум кардан аз ҳуқуқҳои мустасноӣ;

– шартнома барои сохтани барномаҳои компютерӣ бо фармоиш.

2) Воситаҳои муомилотии ҳуқуқи граждании ҳимояи барномаҳои компютерӣ бо воситаҳои ҳуқуқи граждании соҳибҳуқуқӣ алоқаманд мебошанд. Воситаҳои ҳуқуқи граждании ҳуқуқию субъектӣ бо ҳаҷму мазмуни худ объекти мундариҷаи воситаҳои муомилотии ҳуқуқи граждании ҳимояи барномаҳои компютериро муайян мекунанд.

Нуктаи дигаре ҳаст, ки мехостем дар доираи ин кор баррасии парвандаҳои гражданиро барои вайронкунии ҳуқуқҳои зеҳнӣ ба барномаҳои компютерӣ таъкид намоем. Аз таҳлили корҳои илмӣ, мо ба хулосае расидем, ки ҳуқуқи зеҳнӣ ба барномаҳои компютерӣ дар ҳама ҷо поймол карда мешавад. Аз ин рӯ, бо дарназардошти бесамар будани гурӯҳҳои қаблии ҳимояи воситаҳои ҳуқуқи гражданӣ, соҳибони ҳуқуқ маҷбур мешаванд, ки ба воситаҳои ҳимояи ҳуқуқӣ муроҷиат кунанд.

Ба ҳайси воситаҳои ҳифзи ҳуқуқи гражданӣ, ки ҳуқуқи зеҳнӣ нисбати барномаҳои компютерӣ риоя нашудааст, низоми ҳифзи ҳуқуқи гражданӣ амал менамояд, ки барои ҳифзи ҳуқуқи барномаҳои компютерӣ равона карда шудааст.

В.В. Бутнев оид ба механизми ҳифзи ҳуқуқии ҳуқуқҳои субъективӣ изҳори андеша менамояд, ки он систематикӣ мебошад ва дар он ҳамкории унсурҳои вазифаҳои ягонаи муҳофизати ҳуқуқ ба назар мерасанд. Таҳти мафҳуми механизми ҳифзи ҳуқуқҳои субъективӣ низоми ягонаи воситаҳои ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки тавассути он ҳуқуқҳои субъективии поймолшуда таъмин карда мешавад, ҳимояи манфиатҳои қонунии дорандагони ҳуқуқи муаллиф ва ҳаллу фасли масъалаҳои баҳснок, барҳам задани монеаҳои дар раванди татбиқи ҳуқуқҳои субъективӣ баамаломада сурат мегирад[135].

Умуман, ҳифзи ҳуқуқҳои зеҳнӣ ба барномаҳои компютерӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонун бо истифодаи усулҳои дахлдори муҳофизат амалӣ карда мешаванд. Бинобар он, минбаъд воситаҳои ҳифзи ҳуқуқи граждании риоянашуда оид ба барномаҳои компютерӣ баррасӣ хоҳад шуд. Таҳлили моддаи 12–уми Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад хулоса намоем, ки ҳимояи ҳуқуқи граждании муаллифи барномаи компютерӣ танҳо дар доираи усулҳои пешбиникардаи Кодекси маданӣ метавонад амалӣ карда шавад. Ҳамин тариқ, қонун метавонад барои татбиқи баъзе амалҳои муҳофизатӣ маҳдудиятҳо муқаррар намояд.

Қоидаҳои дар боло зикршуда дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин тафсир карда мешаванд, ки истифодаи маҳдудиятҳо ё манъкунӣ ҳангоми корбурди усулҳои муҳофизат на танҳо аз усули муайяни ҳифз, балки аз маҳдудкунии амале, ки ба ҳимоя бо ягон усули дигари танзимкунии ҳуқуқ бармеояд.

Ба ҳисоб гирифтани ҳамаи усулҳои муҳофизат комилан имконнопазир аст, аммо амалҳои муҳофизатӣ метавонанд ба оқибатҳои манфии тарафи дигари муносибат оварда расонанд. Дар робита ба ин, онҳо ба ин ё он маҳдудият ниёз доранд.

[135] Ниг.: Бутнев В.В. Понятие механизма защиты субъектов гражданских прав // Механизм защиты субъективных гражданских прав: С.б. науч. тр. – Ярославль, 1990. – С. 6-10.

М.М. Брагинский ва В.В. Витрянский, бо назардошти натиҷаҳои интизорӣ, ки метавонад ба истифодаи усулҳои ҳифзи ҳуқуқи гражданӣ оварда расонад, онҳоро чунин гурӯҳбандӣ карданд:

1) Усулҳои ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ, ки тавассути онҳо ҳуқуқҳои ҳифзшаванда тасдиқ ё уҳдадориҳои дахлдори субъектро тағйир (қатъ) дода мешаванд, масалан, эътирофи ҳуқуқ, қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқӣ, рад кардани муроҷиати мақомоти давлатӣ дар сурати ихтилофи он ба қонун ва ғайра.

2) Усулҳои ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ, ки тавассути онҳо вайронкунии қонун пешгирӣ мешаванд ва ба қонуншиканӣ роҳ дода намешавад. Ба онҳо пешгирии амалҳое, ки ба вайрон кардани қонун ё таҳдиди вайронкунии он нигаронида шудаанд, дохил мешаванд; татбиқи ҳимояи худидоракунии қонун, ситонидани товони зарари расонидашуда мебошад.

3) Роҳҳои ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ, ки ба барқароркунии ҳуқуқҳои поймолшуда равона карда шуда, ба ин васила зарари қонуншиканӣ ҷуброн карда мешавад. Ба онҳо эътироф накардани муомилоти баҳснок ва татбиқи оқибатҳои беэътибории он, ҷуброни зарар, бартараф намудани зарари маънавӣ дохил мешаванд[136].

Масъалаи ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 48–уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он" танзим карда мешавад ва он бо пешниҳоди талаботи зерин амалӣ мегардад:

1) эътирофи ҳуқуқ – ба шахсе равона карда шудааст, ки ин ҳуқуқро эътироф намекунад ва бо ҳамин манфиатҳои дорандаи ҳуқуқи муаллифро поймол менамояд;

2) пешгирии амалҳое, ки ба қонуншиканӣ ва таҳдиди қонуншиканӣ нигаронида шудаанд – ба шахсе, ки ин амалро содир мекунад ё ба қонуншиканӣ тайёрӣ мебинад.

[136] Ниг.: Брагинский М.М., Витрянский В.В. Договорное право: общие положения. – М., 1998. – С. 578.

3) Ҷуброни зиён ба шахсе дахл дорад, ки натиҷаи моликияти зеҳнии дорандаи ҳуқуқи муаллифро ғайриқонунӣ истифода бурда, бидуни бастани созишномаи дахлдор ё ба тариқи дигар, манфиатҳои соҳиби ҳуқуқи муаллифро поймол кардааст.

Воситаҳои ҳимояи мазкур василаҳои умумии ҳуқуқи гражданӣ мебошанд, ки дар моддаи 11–уми Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ инчунин усулҳои махсуси ҳимояи ҳуқуқи мустасноии муаллифони барномаҳои компютерӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, таҳлили моддаи 1252–уми Кодекси граждании Федератсияи Россия С.Н. Биков ба усулҳои хусусияти ҳуқуқи гражданӣ дошта, ки ба ҳифзи ҳуқуқҳои дорандагони ҳуқуқи муаллифии барномаҳои компютерӣ нигаронида шуда, инҳоро мансуб медонад:

– мусодираи ноқилаҳои моддӣ. Он ба шахсе фиристода мешавад, ки истеҳсолкунанда, воридкунанда, нигаҳдоранда, интиқолдиҳанда, фурӯшанда ё дорандаи бевиҷдони ҳуқуқи мустасноӣ ба барномаҳои компютерӣ фиристода мешавад.

– интишори қарори суд дар бораи вайронкунӣ бо зикри соҳиби воқеии ҳуқуқи муаллиф – вайронкунандаи ҳуқуқи мустасноӣ[137].

Усулҳои дар боло номбурда бешубҳа хусусияти муносибатҳои баррасишавандаро доро буда, таваҷҷуҳи қонунгузорро ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои зеҳнии муаллифони барномаҳои компютерӣ ҷалб менамоянд. Ба пиндори мо ин механизмҳо бояд ба консепсияи рушди қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шаванд.

Мо зарур мешуморем, ки усулҳои мушаххаси муҳофизат, ки дар моддаи 11–уми Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, муфассалтар баррасӣ намоем. Нахуст номгӯи ин меъёр эътирофи қонун омадааст. Аз муҳтавои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» бармеояд ва Д. Салнова ва С.Е. Гурбанова низ ба ин ишора мекунанд, ки ба дорандаи ҳуқуқ дар муҳлати амали ҳуқуқи

[137] Ниг.: Быков С.Н. Асари номбаршуда. – С. 174-175.

муаллиф ба барномаҳои компютерӣ имкон дода мешавад, то барномаи мазкурро дар мақомоти дахлдор аз қайд гузаронад[138].

Азқайдгузаронӣ далели эътимоднокии иттилоот оид ба маводи барномаҳои компютерӣ мебошад. Ғайр аз он, далели бақайдгирӣ муносибатҳои тарафҳоро ҳангоми бастани шартномаи литсензионӣ ё созишнома дар борам маҳрум кардан аз ҳуқуқ ба барномаи компютериро осон мекунад. Бояд қайд кард, ки далели бақайдгирии барномаи компютерӣ асоси далелҳои моликияти ҳуқуқи муаллифии ин шахсро беҳтар мегардонад.

Ба чунин усули ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ, ба монанди эътирофи ҳуқуқҳои субъективӣ баргашта, мехоҳам зикр намоям, ки зарурати ин ҳолат метавонад дар мавриди баҳс қарор гирифтани ҳуқуқи муаллифии барномаи компютерӣ ё таҳдиди чунин амал, ба вуҷуд ояд. Вазъият бо таҳдиди баҳсҳои муаллифӣ дар сурати пинҳонӣ нашр шудани барнома ба назар мерасад. Чӣ тавре ки қайд карда шуд, дар сурати ихтиёран сабти ҳуқуқи муаллиф ба барномаи компютерӣ, раванди эътирофи ҳуқуқи субъективии муаллиф метавонад содда карда шавад. Бархилофи дигар усулҳои ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ, усули мавриди баррасӣ ба суд равона карда шудааст ва дар навбати худ, ӯ вазифадор аст, ки доштан ё надоштани ҳуқуқи шахсеро, ки муаллифи асар ҳисобида мешавад, расман тасдиқ кунад.

Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси воситаи чораи минбаъда барқароркунии вазъе, ки қабл аз вайронкунии ҳуқуқҳо ба вуҷуд омада буд, қайд карда шудааст. Зарурати истифодаи ин усул ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқи субъективӣ ба миён меояд ва онро метавон танҳо пас аз рафъи оқибатҳои қонуншиканӣ барқарор кард. Ин усулро дар якҷоягӣ бо чунин усулҳо, ба мисли ситонидани талафот ва ғайра татбиқ кардан мумкин аст.

Дорандаи ҳуқуқи муаллифии барномаи компютерӣ дар интихоби васила ҳифзи ҳуқуқи граждании поймолшуда мустақил мебошад. Бинобар он, ӯ

[138] Ниг.: Сальнова Д.Е., Гурбанова С.Э. Авторский право на программы для ЭВМ в свете IV части Гражданского кодекса РФ // Закон. – 2007. – №10. – С. 86-90.

метавонад товони зарари ба асар расонидашуда ё ҷубронпулиро талаб кунад. Муқаррароти адабиёти ҳуқуқиро, ҷамъбаст намуда, қайд кардан лозим аст, ки соҳибҳуқуқ дар суд бояд интихоби худро мутобиқ ба воситаи ҳифзи ҳуқуқи гражданӣ асоснок кунад.

Муқаррароти Кодекси граждании Федератсияи Россияро таҳлил карда, бояд қайд намуд, ки дар Федератсияи Россия бо ворид намудани қисми чоруми Кодекси гражданӣ аз 1 январи соли 2008 чунин воситаи ҳимояи ҳуқуқҳо ба барномаи компютерӣ ҳамчун изҳорот дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ, дар бораи қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ арзи вуҷуд кард. Чунин изҳорот ба суд танҳо аз ҷониби прокурор пешниҳод карда мешавад. Муаллифи барномаи компютерӣ ё дигар дорандаи ҳуқуқи муаллиф метавонад ба прокурор ариза пешниҳод намояд ва он барои оғози мурофиа аз ҷониби прокурор асос шуда метавонад.

Дар хулосаи баррасии масъалаи воситаҳои ҳифзи ҳуқуқи граждании барномаҳои компютерӣ, қайд кардан зарур аст, ки дар айни замон бояд рушди ҳамаҷонибаи қонунгузорӣ оид ба воситаҳои ба низом даровардани василаҳои ҳифзи ҳуқуқи гражданӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии аллакай танзимшавандаи шахси ҳуқуқӣ, ҳимояи воситаҳои муомилот, инчунин усулҳои наве, ки дар амалияи мақомоти судӣ пайдо мешаванд, аксаран иҷозатнома, чун воситаи ҳифзи ҳуқуқии хусусияти муомилотидошта идома дода шавад.

Бо вуҷуди он ки аз 1 июли соли 2023 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав мавриди амал қарор мегирад, дар он ҳамагӣ боби 68, ки 16 моддаро фаро гирифтааст, ба масъалаи моликияти зеҳнӣ бахшида шудааст. Ҳол он ки дар қисми 4 Кодекси граждании Федератсияи Россия зиёда аз 300 модда ба ин масъала бахшида шуда, ба таври алоҳида танзими ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ пешбинӣ гардидааст. Маврид ба зикр аст, ки чунин бандубасти Кодекси мадании имконияти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ бо истифода аз барномаҳои компютерӣ ва инчунин ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои дорандаи ҳуқуқи муаллифӣ ба ин объектро таъмин мекунад.

## 2.2 Ҳифзи хуқуқӣ–патентии барномаи компютерӣ

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мубоҳисаҳо дар атрофи ҳифзи барномаи компютерӣ бо ҳуқуқи муаллиф ё имконот ва мувофиқати истифодаи ҳифзи патентии ҳуқуқ идома дорад[139]. Дар ин асос, мувофиқи мақсад аст, ки дар доираи рисолаи мазкур таҳлили хусусиятҳои ҳифзи барномаи компютерӣ ба воситаи қонунгузории патентӣ анҷом дода шавад. Боварӣ ҳосил кардан лозим аст, ки муҳофизат бо кадом мақсад тавассути қонунгузории патентӣ ба роҳ монда шудааст ва кадом доираи объекти патентпазир ва маҳз кадом меъёрҳо бояд ҳангоми арзёбии патентпазирии объектҳо ба назар гирифта шаванд.

Бино ба таъкиди И.А. Близнетс, қонунгузории патентӣ ҳуқуқи зеҳнӣ ба ихтироот, моделҳои судманд ва намунаҳои саноатӣ, ки ҳуқуқи мустасноӣ, амволӣ ва ғайра доранд[140].

Ҳадафи эҷоди системаи ҳуқуқи патентии ҳифзи объектҳои моликияти зеҳнӣ дар пешниҳод намудани ҳифзи сармоягузорӣ ва риояи баробарию тавозуни манфиатҳои ихтироъкор аз як тараф ва ҷомеа дар маҷмуъ аз тарафи дигар ифода мегардад. Тасаввур кардан мумкин аст, ки агар барои таҳия ва татбиқи ягон маҳсулот ё усули муайян хароҷоти молиявӣ содир шуда бошад, аз рӯйи инсоф мебуд агар ба ӯ бо роҳи дар фазову вақти муайян инҳисор муқаррар намуда имкони баргардонида гирифтани саҳмаш дода шавад. Бар ивази чунин имтиёз, ба ӯ дар фазову вақти муайян инҳисор муқаррар намуда, ҷомеа имкон пайдо мекунад, ки аввал бо ихтироъ шинос шуда, баъди гузаштани замоне аз он озодона истифода барад.

Додани инҳисор ба соҳиби иҷозатнома барои дар вақти муайян татбиқ намудани ихтироот, пӯшонидани хароҷоти ихтироъ ва барои ба гардиш даровардани маҳсулот ва ба даст овардани фоидаи муайяни молиявӣ зарур аст.

---

[139] Ниг.: Зенин М.А. Право интеллектуальной собственности. Учебник. – М.: Юрайт, 2011. – С. 55.
[140] Ниг.: Право интеллектуальной собственности: Учебник / И.А. Близнец, Э.П. Гаврилов, О.В. Добрынин [и др.]; под. ред. И.А. Близнеца. – М.: Проспект, 2013. – С. 241-242.

Таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ ба хулосае меоварад, ки низоми ҳуқуқи иҷозатномавии ҳифзи объектҳои моликияти зеҳнӣ танҳо ба объектҳои моддӣ нигаронида шудааст. Маченов Н.Ю. тасдиқ мекунад, ки ба сифати объектҳои патентпазир дастгоҳҳо, моддаҳо, тамғаҳои микроорганизмҳо, фарҳангҳои ҳуҷайра ё усулҳо, яъне раванди дар объектҳо истифода бурда шудани воситаҳои моддӣ истифода шуда метавонанд[141].

Розӣ бояд шуд, ки объектҳои ишорашуда, ба ғайр аз унсурҳои мазкур, инчунин меъёрҳо ба мисли навоварӣ, дараҷаи ихтироъкорӣ ва татбиқпазирии саноатӣ низ дошта бошанд. Агар ба ҳисоб гирем, ки мафҳумҳои «навгонӣ» ва «нояқинӣ» каму беш равшану возеҳ буда, ба дарки пурра ниёз надошта бошанд, мафҳумҳои «татбиқпазирии саноатӣ» бояд муфассал баррасӣ гарданд.

Ба андешаи И.А. Близнетс, "Ихтироъ ҳамон вақт саноатпазир ҳисобида мешавад, ки он дар саноат, хоҷагии қишлоқ, тандурустӣ, соҳаҳои дигари иқтисодиёт ё иҷтимоиёт истифода гардад"[142].

Тафсири тасвияи (формулировка) болоиро баррасӣ карда, муқаррар кардан мумкин аст, ки ихтироъ метавонад дар саноат (ё дигар раванд) чун восита истифода шавад. Ин хулоса аз таҳлили калимаҳои «истифода» ва «татбиқ» бармеояд. Аммо, муҳим он аст, ки агар ин маъно қабул карда шавад, натиҷаи ниҳоӣ патентнопазир мегардад, зеро вай ҳамчун воситаи истеҳсолот истифода намешавад. Дар ин ҳолат, танҳо ба усули истеҳсоли он патент дода шуданаш мумкин аст. Аз ин ҷост, ки ба меъёри саноатпазирӣ (агар мутобиқати онҳо ба дигар меъёрҳои патентпазирӣ ба эътибор гирифта шавад) чунин ашёҳои маъмул, ба мисли ручкаҳои шарикӣ, модем, лампаи тасфдиҳӣ ва силоҳ ҷавоб намедиҳанд. Зиёда аз ин, ба ин маъно, объектҳое, ки воситаи истеҳсоли ягон маҳсулоти шахсианд, патентпазир ҳисобида намешаванд. Дар ҳақиқат, дар саноат миксерҳои дастии ошхона, принтер,

[141] Ниг.: Маченов Н.Ю. Правовая охрана программ для ЭВМ: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2007. – С. 84-86.

[142] Ниг.: Право интеллектуальной собственности: Учебник / И.А. Близнец, Э.П. Гаврилов, О.В. Добрынин [и др.]; под. ред. И.А. Близнеца. – М.: Проспект, 2013. – С. 244.

афзори сарпӯшсахткунакро чӣ тавр истифода бурдан мумкин аст? Чунин ба назар мерасад, ки тафсири зайл шумораи объектҳои патентпазирро ба таври назаррас коҳиш медиҳад.

Агар моддаи қонун дар асоси мафҳуми «ва дигар соҳаҳои фаъолият» муфассал тафсил дода шавад, пас ба ин маъно ҳама гуна объектҳое, ки бо мақсади мушаххас истифода мешаванд, дар сурати мутобиқат бо аломатҳои дигар патентпазир буда метавонанд, ба шарте ки онҳо вазифаи муайянеро, ки бо ихтирои алоқаи сабабию тафтишотӣ марбутро ичро карда тавонанд. Ба ибораи дигар, ихтироъ дар сурати мавҷуд будани шароити фарзӣ ҳатман вазифаи худро иҷро хоҳад кард, ки ин фарқи куллии байни объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқи патентӣ мебошад: муҳаррик ҳамеша кор мекунад, агар сӯзишворӣ дошта бошад, мусиқӣ дар сурати мавҷуд будани сомеъ–одаме, ки онро дарк кунад, метавонад ба вай таъсири мусбат ё манфӣ бахшад. Натиҷаи ихтироъ ҳамеша моддӣ ва андозашаванда аст, натиҷаи асар дорои ҳеҷ кадоме аз ин аломатҳо нест, онро бояд бо зеҳн дарк кард.

"Қоидаҳои таҳия, пешниҳод ва баррасии ариза барои додани патент ба намунаҳои саноатӣ", ки бо фармони Директори Маркази илмӣ ва лоиҳакашӣ, фармони № 10–ФА аз 19 ноябри соли 2005 тасдиқ шудааст ва ҳангоми тафтиши саноатпазирӣ, доштан ё надоштани таъинот, имконпазирии татбиқ ва иҷропазирии таъиноти дар ариза нишондодашуда мавриди санҷиш қарор мегирад. Аввалан, пешбинӣ гардидани ихтироъ барои истифодаи саноат, кишоварзӣ, тандурустӣ ва дигар соҳаҳо; дуюм, оид ба имконияти татбиқи ихтироъ дар шароити мушаххас ва истифодаи усулу воситаҳои муайян доштани тасдиқнома ва савум, иконпазирии ноил шудан ба натиҷаи дар ариза нишондодашуда аз назар гузаронида мешавад[143].

Аз ин рӯ, истилоҳи " саноатпазирӣ" бояд чун имконияти воқеии ихтироъкорӣ – маҳсулот ё фурӯхтани ихтироъ – усули аз шароити якхела истифо-

---

[143] Ниг.: Боз ҳам муфассал доир ба «Қоидаҳои тартиб додан, пешниҳод ва дида баромадани дархост барои гирифтани патент барои намунаҳои саноатӣ», ки бо Фармони директори Более подробно о «Правила составления, подачи и рассмотрения заявки на выдачу патента на промышленный образец», утвержденные Приказом директора Маркази Миллии патенту иттилоот, фармоиши №10-ФА аз 19 ноябри соли 2005[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.ncpi.tj/ (санаи муроҷиат: 30.09.2017).

да бурда худсарона зиёд кардани шумора фаҳмидан лозим аст, ки маҳсулот ё усул барои татбиқи равандҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонии ниёзҳои ғайри-истеҳсолии ҷомеа татбиқ карда мешавад ва қобилияти ноил шудан ба ҳадафҳои мушаххасро дорад.

Меъёрҳои иловагии ифодагари ихтироъ такрорият мебошад ва «дар он зоҳир мешавад, ки эҳтимолияти офаридани айни як объекти муҳофизати па-тентӣ аз ҷониби ашхоси гуногун ва новобаста аз якдигар хеле зиёд аст". Маҳз ҳамин маҳак вақте пайдо мешавад, ки баҳсҳо дар бораи ихтирооти аввалияи касе ба миён меояд, масалан, баҳс дар атрофи аз тарафи Попов ё Маркони ихтироъ карда шудани радио, аз ҳамин қабил аст.

Бо вуҷуди ин, баъзе муҳаққиқон зери мафҳуми «такрорият» падидаи та-моман дигар, маҳз имконияти бозистеҳсолии ихтироъро мефаҳманд. Чунин ба назар мерасад, ки ин нуқтаи назар он қадар асоснок нест. Ба осонӣ мета-вон дид, ки имконияти бозихтироъкунӣ (дурусттараш – «амалисозӣ») ман-тиқан аз саноатпазирӣ сарчашма мегирад. Дар ҳақиқат, агар татбиқи ихти-роъ бо риояи шартҳои муайяне имкон дошта бошад, дар ҳолат ва вазъияти мувофиқ ҳатман имкони зиёд кардани шумораи дилхоҳи он низ мавҷуд аст. Яъне, имконоти мазкур бо саноатпазирӣ робитаи бевосита дорад ва онро бо истилоҳи дигар ном бурдан ҷоиз нест. Ҳамин тавр, чунин мешуморем, ки такрорият ихтироъкориест, ки аз ҷониби ашхоси гуногун новобаста аз ҳам-дигар сурат мегирад.

Мавҷуд будани такрорият рӯйдоди муқаррарист. Гап дар сари он аст, ки ҳар як ихтироъ як навъ фармоиши муайяни пинҳонӣ ё ошкорои иҷтимои-ро иҷро мекунад[144]. Барои дарёфти роҳи иҷрои чунин фармоиши иҷтимоӣ ихтироъкор маҳдудияти зиёди маблағӣ дорад, ӯро хусусияти вазифаи гу-зошташуда, хусусиятҳои мавод ва қонунҳои табиат маҳдуд мекунанд. Яъне ҳамеша як қатор арзишҳои доимию муайяне мавҷуданд, аз як тараф, ба хусу-сиятҳои тартиботи иҷтимоӣ ва аз тарафи дигар, ба хусусиятҳои воситаҳо ва

---

[144] Ниг.: Ревинский О.В. Что считать техническим решением при оценке изобретений и полезных моделей // Патенты и лицензии. – 2004. – №6. – С. 12.

маводҳои истифодашаванда мансубанд ва ихтироъкор бояд маҷмуи ин арзишҳоро ба ҳисоб гирад. Маҳз чунин чаҳорчӯбаҳои қатъӣ мавҷудияти TRIZ – Назарияи ҳалли вазифаҳои ихтироъкориро (НҲВИ–ТРИЗ) муайян мекунад. Бинобар он метавонанд ду объекти якхелаи патентонӣ мустақилона новобастаи ҳамдигар ихтироъ гарданд, мисли он, ки ин ё он роҳи ҳалли вазифаи муайяне дар вазъияти гуногун аз тарафи ашхоси мухталиф бехабар аз ҳамдигар ёфта шавад[145].

Такрорият ба объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ тамоман хос нест, чунки муаллифи асар дар эҷодиёти худ маҳдудияте надорад (на дар мақсаду на дар восита ё маблағ). Мувофиқан, ҳар як муаллиф асари беназире меофарад.

Дар гурӯҳи патентпазир мавҷудияти танҳо объектҳои моддии патентнокшаванда бо тақсимоти ибтидоии ҳама объектҳо ба воқеӣ ва ғайримоддӣ алоқаманд аст ва агар аввалиҳо муҳити оламро дарбар мегирифта бошад, дуюмиҳо аз тафаккур, тасвирҳо ва таассурот иборатанд. Он гоҳ татбиқи объекти инҳисори ҳуқуқӣ ба объекти нав ихтироъшудаи олами моддӣ бамаврид ва воқеӣ мебошад. Ҷорӣ намудани инҳисор ба фикрҳо, тасвирҳо, таассурот на танҳо имконпазир аст, балки ба манфиатҳои ҷамъиятӣ мухолиф аст. Инҳисори шакл, ифшои фикрҳо, эҳсосот, образҳо зарур нест, зеро ҳар кадоми чунин объект беназир аст ва такрор кардани он имконнопазир буда, ба манъ кардани амалҳое, ки такроран иҷро карданашон мумкин нест, бурда мерасонад.

Патентпазирии объектҳои моддӣ бо он алоқаманд аст, ки низоми патентӣ аз ибтидо ба принсипе асос ёфтааст, ки танҳо объекти моддӣ – маҳсулоти саноатро фурӯхтан мумкин аст ва танҳо як объекти моддӣ метавонад дар саноат барои истеҳсоли маҳсулот истифода шавад[146]. Дар ин бора Ҷ. Барлоу хеле ҷолиб гуфтааст: “То ба наздикӣ патент тавсифи шакле буд, ки

[145] Ниг.: Егорова М.А. «Нетрадиционные» объекты авторского права: критерии охраноспособности, механизмы защиты // Вестник Самарской гуманитарной академии. Серия «Право». – 2014. – № 1 (15). – С. 21-28.
[146] Ниг.: Шербакова Л.В. Проблемы и перспективы правовой охраны компьютерных программ // Вестник Московского университета МВД РФ. – 2016. – №5. – С.134-137.; Арзуманян А.Б. Охрана компьютерных программ в международном и националном праве // Вестник юридического факультета ЮФУ. Т. 8. – 2021. – №3. – С. 33-39.

барои иҷрои вазифаи мушаххас бояд маводи патентӣ ё тавсифи раванди ташаккул дода шавад. Ба ҳар сурат, диди консептуалии патент натиҷаи моддӣ буд. Агар аз сабаби тағйирпазирии мавод, истеҳсоли ашёи қобили истифода ғайриимкон бошад, пас патент дода намешуд. На шишаи Клейн ва на белаки абрешимӣ патентнок шуда натавонистанд. Барои патенткунӣ ба чиз ва чизе даркорӣ лозим аст.

Ҳамин тавр, ҳуқуқи ихтироъ ва муаллифӣ ба фаъолияти ҷаҳони моддӣ алоқаманд аст. На барои ғоя, балки барои қобилияти баргардонидани онҳо пардохт карданд»[147]. Ба ибораи дигар, аз ибтидо «дастони механикӣ»–и косиб ва маҳсулоти бо «дастҳо» офаридашуда бо патент ҳифз карда мешуданд.

Дар миёнаи асри гузашта, дар саноат мошинҳое баромаданд, ки қобилияти иваз кардани мағзи сари ҳунармандро доштанд. Инҳо мошинҳои коркарди иттилоот – МЭҲ ва компютерҳо буданд. Фоидаи кори ин мошинҳо аз дастгоҳҳое, ки бевосита маҳсулот истеҳсол мекунанд, камтар набуд. Аммо, компютерҳо худ ба худ қобилияти "тафаккур кардан" надоранд, онҳо мисли майнаи муқаррарии амалкунанда буда, фикр карда наметавонанд. Компютерҳо бо фикрҳои инсонӣ мусаллаҳанд. Танҳо тафаккури берунии шахс, ки ба шакли махсус оварда шудааст, метавонад компютерро "зинда гардонад", онро супориши мақсадноки воридкардаи инсон «ҷону руҳ» мебахшад, вай мисли одам ба ҳаракат даромада, амал мекунад, гӯё тафаккур мекунад, вале берун аз супориш коре карда наметавонад.

Албатта, истилоҳҳои "андеша кардан", "зинда гадонидан" ба маънои рамзӣ истифода шудаанд. Компютер, тавре ки дар боло гуфта шуд, мустақилона фикр намекунад, балки мувофиқи дастури шахс танҳо маълумотеро коркард мекунад, ки ба он ворид карда шудааст. Аз ин ҷо саволе бармеояд, ки чӣ гуна чизи ғайримоддӣ, яъне фикри ба объекти дигар гузаронидаи инсонро ҳифз кардан мумкин аст, дар ҳолате ки самараи бо мошин кор-

---

[147] Ниг.: John Perry Barlow. Selling Wine Without Bottles: The Economy of Mind on the Global Net И http: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: //www .wired .com/wired/archive/2.03/economy. ideas.html (санаи муроҷиат: 04.03.2021).

кардшудаи онро на танҳо дар саноат, балки дар тамоми соҳаи фаъолияти одам истифода бурдан имконпазир бошад.

Маълум аст, ки худи мошин ихтироъ аст, ҳарчанде ки протсессори марказӣ – қалби МЭҲ – дар он коркарди маълумот сурат мегирад ва дар асоси қонун дар бораи ҳифзи топологияи микросхемаҳои интегралӣ ҳифз карда мешавад. Маҳсулоти бо истифодаи МЭҲ истеҳсолшуда низ ихтироъ маҳсуб меёбад. Ҳатто, усули истеҳсоли чунин маҳсулотро низ ихтироъ метавон ҳисобид. Аммо кори МЭҲ, ки таҳти назорати барнома сурат мегирад, ё аниқтараш, иҷрои барнома, ё шояд худи барнома, оё бояд ҳифз карда шавад ё не? Пас аз дар боло таҳлил кардани меъёрҳои патентпазирӣ ва ҳадафҳои патентонӣ, мо мекӯшем, ки хулосаҳоямонро оид ба объектҳое чун барномаҳои компютерӣ иброз менамоем.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ихтироъ" аз 28 феврали соли 2014, № 17[148] яқинан барномаҳои компютериро аз қатори объектҳои патентӣ истисно мекунад. Аммо, ҳангоми иҷрои барномаҳо аз ҷониби дастгоҳҳои компютерӣ имконияти ба даст овардани натиҷаи техникиро қайд карда, қонунгузор дар банди 2 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ихтироъ" таъкид кардааст, ки «ба ихтироот объектҳои ишорагардида (барномаҳои МЭҲ) дохил карда намешаванд, ҳатто дар мавриде, ки нисбати объекти мазкур муроҷиат оид ба гирифтани патенти ихтироот пешниҳод гардида бошад». Ба ибораи дигар, қонуни мазкур патентпазирии объектҳоро, ки барномаи МЭҲ қисми ҷудонашавандаи он мебошад, истисно намекунад. Патентнопазирии барномаҳои компютерӣ аён аст. Аввалан, барнома бинобар ғайримаводӣ буданаш, маҳсулот ҳисобида намешавад. Ҳеҷ гуна даъвову эътироз ё асоснокунӣ барномаро мавод карда наметавонад, агар барнома ноқила сабт шуда бошад, ба он патент додан мумкин аст. Сониян, барномаро «усул» низ ҳисобидан имкон надорад, зеро «усул» тибқи банди 1, моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ихтироъ» – ин раванди тадбиқи амал оид ба объ-

[148] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ихтироот” 28 феврали соли 2004, № 17 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004, №2, мод. 49.

ектҳои моддӣ бо ёрии воситаҳои моддӣ мебошад. Барномаи компютерӣ чараёни иҷрои амалҳоро бо ашёи ғайримоддӣ – иттилоот тасвир мекунад ва бо хусусияти воситаҳо мушаххас карда намешавад. Он далел, ки дар яке аз шаклҳои он – дар шакли рамзи объект – барномаро метавонад дастгоҳ иҷро намояд, он хулосаро асоснок намекунад, ки барнома бояд танҳо бо истифодаи компютер иҷро карда шавад. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки ин восита, яъне компютер ё «мағзи сар» – дар ҳар ҳол моддӣ хоҳад шуд.

Сарфи назар аз хусусияти ғайримоддии барномаҳо, баъзе муҳаққиқон мувофиқати комили барномаҳо ва воситаҳои истеҳсолот (яъне объектҳои патентпазир)–ро қайд мекунанд. Масалан, ба он ишора карда мешавад, ки дилхоҳ барномаро чун маҳсулот дар дастгоҳ, яъне дар протсессори махсусонидашуда таҳия кардан мумкин аст[149]. Ҳам барнома ва ҳам протсессор ба айни як принсип асос ёфтаанд ва танҳо аз ҷиҳати моддӣ ва ғайримоддӣ буданашон фарқ мекунанд. Яъне пайдарпайии амалҳои мантиқӣ метавонад дар барнома навишта мешавад ё ҳамчун транзисторҳо иҷро карда шавад, ки оддитарин воҳидҳои протсессор мебошад. Дар асоси ин далел, хулоса дар бораи имконияти патентгузории барномаҳо ба даст омадааст ва пешниҳод карда мешавад, ки мутобиқи он ба қонунгузорӣ тағйирот ворид карда шавад. Илова бар ин, қайд карда мешавад, ки барномаҳои компютерӣ тибқи назарияи барномасозӣ, назарияи автоматонии барномасозӣ, дар саноат бо роҳи технологӣ офарида шуда, аз сохтани маҳсулоти истеъмолӣ фарқ надоранд.

Дар ин далелҳо бешубҳа мантиқи муайяне ҳаст. Дар ҳақиқат, барномаҳо бо технологияҳои саноатӣ робитаи зич доранд; ҳангоми сохтани онҳо барномасозон на ҷиҳатҳои эстетикӣ, балки ҷиҳати илмӣ ва технологии онро ба инобат мегиранд. Бо вуҷуди ин, барномаҳо ҳалли хуби вазифаҳои гузоштташуда буда, ҳатто супориши коркарди ашёи ғайримоддӣ, яъне иттилоот мебошанд. Яке аз хусусиятҳои эҷоди барномаҳо, мисли дигар объектҳои ҳуқуқи муаллиф, ки онҳоро аз объектҳои ҳуқуқи патентӣ фарқ мекунонад, аз инҳо иборат аст. Вазифаи асосии

---

[149] Ниг.: Середа С.А. Правовой подход к программному обеспечению: требуются изменения // Патенты и лицензии. – 2004. – №1. – С. 44.

муаллиф эҷод кардани ғоя ва амалигардонии якмаротибагии он мебошад, яъне кор бо амалӣ кардани ғоя анҷом меёбад. Хусусияти асосии офаридани объектҳои ҳуқуқи патентӣ дар он аст, ки ғоя миқдори номаҳдуди амалисозии якхеларо дар бар мегирад, яъне кор танҳо аз лаҳзаи амалӣ шудани идея оғоз мегардад. Барномаҳо, бо вуҷуди мавҷудияти назарияи барномасозӣ, ба миқдори зиёд сохта наметавонанд ва ин фарқи асосии онҳо аз маҳсулоти истеъмолӣ мебошад.

Маҳз бинобар меъёрҳои мазкур объектҳои ҳуқуқи муаллиф дар соҳаи ба истилоҳ «индустрияи фароғат», сарфи назар аз истифодаи дақиқи калимаи «саноат», наметавонанд натиҷаи фаъолияти саноатӣ номида шаванд. Яъне, бунёди объектҳои ҳуқуқи муаллиф бо тамоми имконоти муосири автоматонӣ ҳамоно ҷузъи фаъолияти эҷодкорона мемонад, яъне он  дар саноат татбиқ намешавад. Инчунин бояд қайд кард, ки чунин  объекти моддӣ  мисли протсессори махсусгардонидашуда ҳам ҳамгуни барнома буда, иттилоотро коркард мекунад, аз ин рӯ, он тибқи речаи  махсуси ҳуқуқӣ ҳифз карда мешавад (ҳадди ақал дар ҷойгиршавии мутақобилаи унсурҳо). Ҳамин тавр, монандии барномаҳои компютерӣ бо протсессори ҳамгун, имкон намедиҳад, ки он ба қатори  моликияти саноатӣ шомил дониста шавад.

Ҳоло ҷузъҳои барномаҳоро барои МЭҲ баррасӣ карда, кӯшиш мекунем, ки ҳар кадоми онҳоро аз нигоҳи патентпазирӣ таҳлил созем. Ҷузъҳои зерини барномаҳоро номбар кардан мумкин аст:

– матни манбаъ ё рамзи объект (худи барнома);

– интерфейс;

– алгоритм;

– ғояҳо ва принсипҳое, ки ба интерфейс ва алгоритм асос ёфтаанд;

– маводи тайёрӣ;

– тасвири аудиовизуалӣ

Матни ибтидоӣ низ мисли рамзи  объект мавриди  ҳуқуқи патентӣ буда наметавонад, чунки  онҳо на ба муқаррароти  маҳсулот, на ба усул, на ба дастгоҳ ё

ҳалли эҷодии бадеӣ мувофиқ намеояд. Ғайр аз он, реҷаи низоми патентӣ ба шакли объектҳо дахл надорад[150].

Интерфейси барнома ҳангоми муқоиса бо объектҳои ҳуқуқи патентӣ бештар бо намунаи саноатӣ нишонаҳои умумӣ пайдо мекунад, яъне бо ҳалли бадеӣ – конструктории маснуоти саноатӣ ё косибӣ шабоҳат дорад, ки намуди зоҳирии онро муайян мекунад. Дар ҳақиқат, интерфейс намуди зоҳирии экрани компютер ва маҷмуи унсурҳои идоракуниро муайян месозад.

Намунаҳои саноатӣ хусусияти навгонӣ ва беҳамтоӣ доранд. Навгонӣ дар он зоҳир мегардад, ки "маҷмуи хусусиятҳои муҳиме, ки дар тасвири маҳсулот инъикос ёфтаанд ва дар рӯйхати аломатҳои асосии намунаи саноатӣ номбар кардашуда маълумотҳои наве сабт гардидаанд, то ин вақт дар ягон маҳсулоти ҳамгуни дигари ҷаҳонӣ дида намешуд". Намунаи саноатие беҳамто ҳисобида мешавад, ки «аломатҳои аёнии он хусусияти эҷодии маснуотро муайян намояд». Албатта намуди зоҳирии объект танҳо интерфейси корбарро ифода менамояд. Бояд қайд кард, ки интерфейс на ҳамеша танҳо ба хотири таъмин кардани кори барнома таҳия карда мешавад[151]. Аксар вақт, ҳадафи ягона танҳо он аст, ки барнома ҳангоми иҷроиш ба назар намоён буда, маҷмуи стандартии унсурҳои идоракунӣ дошта бошад на ин ки ба ҷои ба назар намоён будан танҳо маълумоти хушку холӣ дода шавад ва аз он корбар ба осонӣ дар кадом марҳилаи кори худ қарор доштани барномаро муқаррар карда тавонад, дарк намояд, ки онро чӣ гуна идора кардан мумкин аст ва дар айни замон истифодаи барнома дар кадом амалҳо имконпазир аст. Қариб ҳамаи интерфейсҳои корбари ҳозиразамон дар ҳамон як маҷмуи хурди ғояҳо сохта мешаванд: сохтори дарахтмонанди маҷмуа (меню), чун нишонаи муаррифӣ кардани дастгоҳҳои инфиродӣ ва вазифаҳои онҳо, гурӯҳбандии нишонаҳои якхела дар "равзана", таъсиррасонӣ ба ҷузъҳои барномавӣ ва дастгоҳии компютер тавассути амалиёти нишонаҳо.

---

[150] Ниг.: Козубекно Ю.В. О понятии «программ для ЭВМ» и информации как родовом понятии по отношению к программам для ЭВМ // Электронная приложение к Российскому юридическому журналу. – 2015. – №2. – С. 34-37.
[151] Ниг.: Илюшкин А.А. Программы для ЭВМ, базы данных и сайты в сети интернет в системе права интеллектуальной собственности // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/ (санаи муроҷиат: 04.11.2020).

Яъне, сухан танҳо дар бораи усули таҷассуми иттилоот ва тағйиротҳои ба он вобаста меравад ва байни экрани компютеру интерфейси барномаи мушаххасе, ки дар он намоиш дода мешавад, робитае дида намешавад. Имконияти патентонидани интерфейсҳо борҳо аз ҷониби коршиносон баррасӣ гардидааст, патентгузорӣ дар шакли намунаҳои саноатӣ пешниҳод карда шуд, аммо на ҳамаи ин пешниҳодҳо ба робитаи интерфейс бо воситаи намоиши он (экран ё проектор) асос ёфтаанд. Аслан интерфейсро қонунгузории дохилӣ мансуби барномаҳо барои МЭҲ ҳисобида, онро объекти патентпазир эътироф намекунад.

Алгоритмҳо, аз ҷумла алгоритмҳои барномаҳои компютерӣ, аз объектҳои патентпазир мустақиман бароварда нашудаанд. Аз ҷониби дигар, дар қонунгузории ҷорӣ муқаррароти ҳуқуқӣ мавҷуд нест, аз ин рӯ, масъалаи патентпазирии он ҳалношуда мондааст. Муқаррароти умумии алгоритмро чун "пайдарҳамии амалҳо, ки аз шароити тағйирёбандаи ибтидоӣ ба натиҷаи дилхоҳ мебарад," фаҳмидан мумкин аст.

Аз ин ҷо, метавон чунин хулоса баровард, ки алгоритм мафҳуми хеле фарогирест, ки шаклҳои патентпазир ва ғайри патентпазир дорад. Аз ин мавқеъ, алгоритмро метод ва усули риёзӣ ва методи фаъолияти зеҳнӣ ё хоҷагӣ номидан мумкин аст.

Маъмулан дар асарҳои муҳаққиқон алгоритмро маҷмуи амалҳо ҳисобида, онро аз татбиқи чунин амалҳо фарқ мекунанд. Пешниҳод карда мешавад, ки алгоритм чун маҷмуи амалҳои намунавӣ, як навъ номгӯи онҳо баррасӣ гардад, ки бо қонуни патент ҳифз карда намешавад ва раванди татбиқи алгоритм – чун амалҳои воқеие фаҳмида шавад, ки ба натиҷаи шартӣ оварда мерасонад ва ҳамчун усул ҳифз карда мешаванд. Аммо, чунин тақсимот беасос менамояд. Аввалан, аён аст, ки раванди патентпазирии амалҳо дар объекти моддӣ бо ёрии воситаҳои моддӣ (усул) раванди идеалӣ мебошанд, ба маънои он, ки амалҳои тавсифшуда ба ҳама гуна объекте, ки ба шартҳои муайян мувофиқат мекунад, татбиқ карда мешаванд. Дар дархости патентӣ, масалан, оид ба усули нави коркарди метал, сухан дар бораи амалҳо на барои варақи алоҳидаи металлӣ, балки дар бораи ҳама гуна варақаҳои намуди муайян меравад. Дар ин ҳолат пай-

дарҳамии амалҳое, ки аз шароити аввала ба натиҷаи дилхоҳ меоварад (алгоритм) комилан бо муқаррароти усул мувофиқат мекунад.

Пас, фарқ байни алгоритми патентпазир ва ғайрипатентпазир дар чист? Фарқ дар он зоҳир мегардад, ки алгоритми патентпазир тавассути воситаҳои моддӣ амалӣ гардида, пайдарҳамии амалҳоро дар объектҳои моддӣ муайян мекунад ва дар натиҷаи иҷрои он вазифаи барномавӣ ҳал карда мешавад. Илова бар ин, алгоритм метавонад андаке муфассалтар бошад. Аён аст, ки танҳо алгоритми муфассал патентпазир аст, дар акси ҳол ифшои татбиқи пурраи он имконнопазир мегардад. Ҳамин тавр, ҷудо кардани алгоритм ва татбиқи патентпазирии он саҳеҳ нест[152].

Метавон хулоса намуд, ки якчанд намуди алгоритмҳо мавҷуданд ва баъзе аз онҳо, ки ба муқарароти методҳо дохил мешаванд, патентпазиранд. Чунин нуқтаи назар имкон медиҳад, ки алгоритмҳо аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ муайян карда шаванд ва алгоритмҳоеро, ки бевосита бо риёзӣ алоқаманд нестанд, тасниф карда, амалҳоро бо объектҳои моддӣ тасвир созем. Зиёда аз ин, масъалаи имкони ҳифзи ҳуқуқии алгоритмҳо ҳалли худро меёбанд: ҳама намуди онҳо бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифз карда мешаванд, агар онҳо дар натиҷаи эҷодкорӣ дар шакли объективӣ вуҷуд дошта бошанд ва онҳое, ки амалҳоро бо объектҳои моддӣ тавассути воситаҳои моддӣ –ҳатто бо қонунгузории патентӣ ҳифз карда мешаванд (дар сурати риояи шартҳои дигари патентпазирӣ) тасвир мешаванд.

Ҷузъи дигари барномаи компютерӣ ғояҳо ва принсипҳое мебошад, ки асоси интерфейс ва алгоритмро ташкил медиҳанд. Қонунгузории патентӣ ғояҳо ва принсипҳои ба объектҳои он асосёфтаро ба таври зерин муҳофизат мекунад. Объекти ҳуқуқи патентӣ объектҳои моддие мебошанд, ки ҳар кадомашон ягона ифодаи имконпазири ғояи мушаххасе мебошанд ва дар асоси он ифода ёфтаанд[153]. Мазмуни романи «Ғуломон»–и С. Айниро бо ҳар васила (филм, рақс,

[152] Ниг.: Мирских К.Ю. Новеллы в области правового регулирования результатов интеллектуальной деятельности // Вестник Пермского университета. – 2014. – 4 (26). – С. 152-158.
[153] Ниг.: Мирских И.Ю. Правовое регулирование интеллектуальной собственности как условия развития инноватционных процессов // Исторические, философские, политические и юридические науки, культурногия и исскуствоведение. Вопросы теории и практики. – 2013. – №10-1 (36). – С. 141-143.

опера, драма, расм) ифода кардан мумкин аст ва ин асарҳо комилан мустақил мешаванд, вале усули бо фишор рехтани металл танҳо дар як шакл – тавассути рехтани метал дар шароити мувофиқ амалӣ карда мешавад. Ҳамин тавр, ба ин усул патент гирифта, соҳиби он ғояи мушаххаси чунин усули рехтани металро низ ҳимоя мекунад. Татбиқи айни ин ғоя дар чаҳорчӯбаи худи ҳамин усул, вале ба тариқи дигар, дар шакли дигар (мисли объектҳои ҳуқуқи муаллиф) имконнопазир аст. Ғояҳоеро, ки асоси интерфейсро ташкил медиҳанд, ба таври ғайримустақим тавассути қонуни патентӣ ҳифз кардан мумкин аст, агар ба шакли ихтирои нишонаҳои мансуби татбиқи дастгоҳии интерфейс ворид карда шаванд.

Бояд қайд кард, ки асаре, ки дар шакли воқеӣ, дар моддаи 5–уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он" ифода ёфтааст, бешубҳа ба барномаҳо барои МЭҲ дахл доранд. Бо вуҷуди ин, эҳтимол дорад, ки ҳангоми таҳияи барнома ихтирое, масалан, усули нав ба вуҷуд оварда шавад. Вале гап дар сари он аст, ки оё ин ихтироъ ҳамзамон патентпазир шуда ва маводҳои тайёрӣ тааллуқдор буда метавонад? Не. Дар ин ҳолат, сухан дар бораи ду объект хоҳад рафт: оид ба матни муайян (новобаста аз мундариҷаи он), ки маводи тайёрии дар шакли мушаххаси объективӣ ифодаёфта мебошад ва роҷеъ ба усуле, ки аз шакл вобастагӣ надорад. На варақи коғаз бо тавсифи усул, балки худи усул ҳамчун маҷмуи пешниҳодшудаи амалҳо, новобаста аз шакли ифодакунандаи он, патентпазир шуда метавонад. Ҳамин тавр, худи маводи тайёр патентпазир буда наметавонад.

Намоишҳои аудиовизуалӣ худ патентпазир нестанд. Қонун оид ба патент ягон объекте, ки то андозае ба тасвироти аудиовизуалӣ шабеҳ бошад, таъкид намекунад. Бо вуҷуди ин, намоишҳои аудиовизуалӣ метавонанд ифодагари зоҳирии интерфейс бошад, аммо албатта, аз инҳо патентпазир намешаванд.

Ҳамин тавр, аз ҳама қисмҳои барномаи компютерӣ, фақат интерфейси корбар ба объектҳои патентӣ наздиктар аст, вале он ҳам патентпазир шуда наметавонад. Азбаски қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти патентонии объектҳоро, ки қисми ҷудонашавандаи он барномаи компютерӣ мебошад,

истисно намекунад, баррасӣ ва таҳлили ин объектҳо ва хусусиятҳои патентонии онҳоро мувофиқи мақсад меҳисобем .

Дар байни маъмултарин объектҳои қонунгузории патентӣ –ихтироотро, ки барномаи МЭҲ ҷузъи ҷудонашавандаи он мебошад, усулҳо номидан мумкин аст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ихтироъ" муқаррар мекунад, ки ихтироъ, аз ҷумла, «хулосаи техникӣ дар ҳамаи соҳа, дахлдор ба тарзи (раванди татбиқи оид ба объекти моддӣ бо ёрии воситаҳои моддӣ)». Усулҳо дорои хусусиятҳои зерин мебошанд: 1) мавҷудияти амал ё маҷмуи амалҳо; 2) тартиби иҷрои саривақтии амалҳо (пайдарпай, ҳамзамон, дар намудҳои гуногун ва ғайра; 3) шартҳои иҷрои амалиёт; реҷа; истифодаи моддаҳо (ашёи хом, реагентҳо, катализаторҳо ва ғайра), дастгоҳҳо (лавозимот, афзор, асбобҳо, таҷҳизот ва ғайра), штаммҳои микроорганизмҳо, хатҳои ҳуҷайраҳои растанӣ ё ҳайвонот.

Чун анъана се навъи усулҳоро фарқ мекунанд: 1) усулҳое, ки ба истеҳсоли маҳсулот нигаронида шудаанд; 2) усулҳое, ки ба табдили ҳолати объектҳои олами моддӣ нигаронида шудаанд, бидуни ба даст овардани маҳсулоти мушаххас; 3) усулҳои муайян кардани ҳолати предметҳои олами моддӣ[154]. Агар МЭҲ ё дастгоҳи дигари компютерие, ки ягон барномаи муайянро иҷро карда, ба натиҷаи муайяни моддӣ ноил гардад, маҳсулотро коркард кунад ё нишондиҳандаҳои муайяни ҳолати онҳоро чен кунад, пас мувофиқати пурраи чунин фаъолият бо муқаррароти мазкур **усул** яқин аст[155].

Патенте, ки ба **усул** дода мешавад, нисбати маҳсулоте низ татбиқ карда мешавад, ки бо ин роҳ истеҳсол карда шудааст. Мафҳуми **усул** инчунин истифодаи дастгоҳҳои маълумро бо мақсадҳои нав фаро мегирад. Дорандаи патент аз ҷониби шахси сеюме, ки амалҳои бо усули патентбуда тавсифшударо иҷро мекунад, метавонад бекор кардани ин амалҳоро талаб кунад. Муайян кардан лозим аст, ки кадом объектҳо ба таърифи дар боло зикршудаи усул таҳти истилоҳи «воситаҳои моддӣ» мувофиқ меояд. Агар ба сифати воситаи моддӣ модели сод-

[154] Ниг.: Сергеев А.П. Право интеллектуальной собственности Российской Федерации. – М.: ПБОЮЛ Гриженко Е.М., 2001. – 752 с.
[155] Ниг.: Мотавилова Д.А. Перспективы авторско-правовой защиты результатов, созданных системами искусственного интеллекта, с позиции американского права // Журнал Суда по интеллектуальным правам. – 2019. – № 23. – С. 56-67.

дакардашудаи компютери универсалӣ (яъне протсессор, хотира ва системаи вуруду хуруҷро, ки имкон медиҳад маълумот ворид карда, натиҷа бароварда шавад) тасаввур карда шавад, пас чунин восита наметавонад бевосита ба объектҳои моддӣ таъсир расонад. Он танҳо ба битҳо ва байтҳо, ки воҳидҳои иттилоот мебошанд, бевосита таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, дастгоҳи миёнараве лозим аст, ки ба компютер имкон диҳад, то ки амалҳоро бо объектҳои моддӣ иҷро кунад ва маҳз маҷмуи МЭҲ бо дастгоҳи миёнарав усули патентониро амалӣ месозад. Ғайр аз он, мавҷудияти объекти моддӣ низ зарур аст, ки дар он амалҳо амале гузаронида мешавад. Ҳамин тавр, барномае, ки дар назари аввал раванди таъсиррасонии объекти моддиро муайян мекунад, дар занҷираи компютер – дастгоҳ–миёнаравӣ – объект аллакай дар истиноди аввал «гум мешавад».

Барои пайвастани барнома ба таъсири мустақими он ба объект, танҳо роҳи пешниҳодкардаи Лео Линник имконпазир аст: «иттилооте, ки дар шакли импулсҳои электромагнитӣ рамзгузорӣ шудааст, бо объектҳои моддӣ баробар карда мешавад ва дар натиҷа занҷираи компютер – объекти моддӣ (иттилоот), пайвандгари барномае мебошад, ки дар ин ҳолат пурра бо усул баробар карда мешавад. Маълум мешавад, ки агар дар формулаи чунин ихтироъ ҳамаи амалҳои компютер (яъне онҳое, ки барнома тасвир мекунад) нишон дода шаванд, пас дигар барномаҳое, ки ин қадамҳоро такрор мекунанд, патентро вайрон менамоянд»[156].

Чунин нуқтаи назар дар бораи имконияти патентонидани усулҳо ва барномаҳо ҳадди ақал ду камбудии назаррас дорад. Аввалан, тавре ки қаблан зикр гардид, кӯшиши шинохтани иттилоот ҳамчун объекти моддӣ бо нишонаҳои хоси иттилооти ба объектҳои моддӣ бегона мувофиқат намекунад (имконияти мавҷуд будани шаклҳои гуногун, ғайриимкон будани бегона кардани он ва ғайра). Сониян, барномаро бо чунин муносибат метавон дар формулаи ихтироъ бо камтарин ҷузъиёт ифода кард, ки баъд аз он ҳар як барномаи он қадамҳоро

[156] Ниг.: Болтуева М.Ё. К вопросу авторско-правовой охраны компьтерной программы // Маводҳои конференсияи илмию амалии анъанавии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ бахшида ба эълон гаштани солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» таҳти унвони “Илм ва инноватсия баҳри иҷрои ҳадафҳои миллӣ”. – Хуҷанд: Дабир, 2019. – С. 227-231.

такроркунанда самараноку беҳамто дар муқоиса бо ибтидо патентро вайрон мекунад. Яке аз хусусиятҳои асосии барнома дар ҳамин зоҳир мегардад: дар асоси айни ҳамон як алгоритм мумкин аст шумораи номаҳдуди барномаҳои гуногунсамарро навиштан мумкин аст. Ғайр аз он, имкон дорад, ки барномаҳои дар асоси айни ҳамон як алгоритм сохташудаи гуногунтаъинот маҷуд бошанд: масалан, дар асоси алгоритми муқоисаи тасвири рақамӣ бо намунаҳо, барномаҳоеро барои шинохтани матн, штрих–код, изи ангуштҳо ва ғайра офаридан мумкин аст.

Ҳамин тавр, соҳиби патент метавонад дар доираи хеле васеъ инҳисор пайдо намояд, ки ба пешрафти технологӣ таъсири манфӣ расонад. Дар асоси гуфтаҳои боло, метавон хулоса баровард, ки ҳангоми патентонидани усуле, ки ба кори барнома асос ёфтааст, компютерҳои универсалиро ба сифати воситаи моддӣ ва иттилоотро ба ҳайси объекти моддӣ баррасӣ кардан, дуруст нест[157].

Вақте ки варианти муҳофизати патентии дар боло баррасишуда пайдарҳамии амалҳои маҷмуи ҷузъҳои компютеркунонидашудаеро, ки қодир аст, ба объекти моддӣ таъсири қонунӣ расонад, ба сифати усул баррасӣ мекунад, бе камбудӣ набуда наметавонад. Аввалан, бозистеҳсолӣ ва паҳн кардани нусхаҳои барнома аз ҷониби шахсони сеюм вайронкунии патент ҳисобида намешавад. Агар шахсони воқеӣ чунин нусхаҳоро дар компютерҳои хонагӣ ва амалан бо усули патентнокшуда, барои мақсадҳои шахсӣ истифода баранд, дар доираи ҳуқуқи патентӣ на паҳнкунандагон ва на шахсони хусусӣ ҷавобгар дониста намешаванд. Сониян, алгоритм дар тавсифи ихтироъ ифшо карда мешавад ва дорандаи патент наметавонад азхудкунии алгоритмро манъ кунад.

Чунин ба назар мерасад, ки механизмҳои ҳам қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳам патент метавонанд ин камбудиҳоро бомуваффақият бартараф кунанд. Аввалан, муаллифи барнома, ки мумкин аст усули патентнокшударо татбиқ намояд, ҳақ дорад ба ҳар шахс бидуни розигии ӯ паҳн карданибарномаро манъ кунад. Аз ин рӯ, вазъияти баамаломада дар доираи ҳуқуқи

[157] Ниг.: Гайсин Ф.Ф. Зарубежный опыт реформирования авторского права // Вестник Марийского государственного университета. Серия «исторические науки. Юридические науки». – 2018. – Т.4. – №1. – С. 47-52.

муаллиф ҳамчун риоя накардани қонун эътироф карда мешавад. Сониян, дар мавриди аз они худ кардани алгоритм, истифодаи он дар доираи усули патентонидашуда вайронкунии ҳуқуқҳои дорандаи патент ҳисобида мешавад ва аз худ кардани консепсияи умумӣ, ғояҳо чун усул ва барнома, ҳифз карда намешавад ва набояд ҳифз карда шавад. Ҳамин тавр, ҳимояи ҳуқуқии барномаҳое, ки дар асоси усул вуҷуд дорад, кофӣ аст ва мавҷуд набудани инҳисори пурраи дорандаи патент оид ба ҳама гуна қарорҳои марбут ба ғояи барномавӣ комилан қобили қабул аст.

Дигар объекти марбут ба ихтироъҳо, ки метавонанд қисми таркибии он барномаи МЭҲ бошад, маҳсулот аст. Маҳсулот ин дастгоҳҳо, моддаҳо, штаммҳои микроорганизмҳо, намудҳои ҳуҷайрҳои растаниҳо ё ҳайвонот дониста мешавад. Албатта, танҳо дастгоҳ метавонад барномаи МЭҲ дошта бошад. Интихоби объекте чун дастгоҳ одӣ буда, дар мавриди зарурати патентонидани механизми компютерикунонидашуда ё маҷмуи механизмҳои нави таҳти назорати барномаи дахлдор амалкунанда истифода мешавад. Чунин дастгоҳ ба тамоми меъёрҳои патентпазирӣ мувофиқ аст: навгонӣ, мавҷудияти дараҷаи ихтироъкорӣ ва татбиқшавандагии саноатӣ. Саволе ба миён меояд, ки оё компютери универсалӣ, ки бо барномаи нав кор карда вазифаҳои навро иҷро менамояд, ихтироъ (дар шакли дастгоҳ) ба ҳисоб меравад? Мувофиқи қонунгузории патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ихтироъ ба ҳисоб намеравад, зеро меъёри навоварӣ қонеъ карда намешавад. Барои риояи меъёри мазкури ихтироъ ба ҷуз МЭҲ –и универсалӣ, қисмҳои нави ғайримуқаррарӣ низ лозим аст[158].

Намунаи дастгоҳи патентпазирӣ хатти нави ихтироъшудаи автоматӣ шуда метавонад, ки бо барнома кор мекунад. Барнома метавонад ҳам мустақиман дар хати васлкунӣ ва ҳам дар компютери универсалӣ татбиқ карда шавад, агар хат тавассути он идора карда шавад.

[158] Ниг.: Азизян В.Г., Журавлева Н.И. Защита прав авторов компьютерных программ и изготовителей баз данных в судебном порядке // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/ (санаи муроҷиат: 04.11.2020).

Объекти навбатии қонунгузории патентӣ, ки қисми ҷудонашавандаи он барномаи МЭҲ мебошад, намунаи судманд ба ҳисоб меравад. Модели муфид ба дастгоҳҳо тааллуқ дорад, ки ҳамчун унсурҳои фоиданок ё маҷмуи чунин унсурҳо фаҳмида мешавад ва дар иртибот бо ҳамдигар кор мекунад. Дар "Қоидаҳои таҳия, пешниҳод ва баррасии аризаҳо барои додани патент барои ихтироъ" дастгоҳҳо бо хусусиятҳои зерин тавсиф карда мешаванд:

– мавҷудияти унсурҳои созанда (созанда);

– мавҷудияти робита байни унсурҳо;

– ҷойгиршавии мутақобилаи унсурҳо;

– шакли унсур (унсурҳо) ё дастгоҳ дар маҷмуъ, аз ҷумла шакли геометрӣ;

– шакли иртибот байни унсурҳо;

– нишондиҳандаҳо ва дигар хусусиятҳои унсур (унсурҳо) ва робитаи онҳо;

– маводе, ки тибқи унсурҳо ё дастгоҳҳо дар маҷмуъ сохта шудааст;

– муҳите, ки вазифаи унсурро иҷро мекунад.

Хусусияти дастгоҳи патентпазире, ки ба сифати моделҳои судманд ҷорӣ гардидаанд, дар он зоҳир мешавад, ки онҳо наванд, дар саноат татбиқ карда мешаванд, вале дараҷаи ихтироъкорӣ надоранд.

Баъзе муҳаққиқон монандии ноқила (носитель) бо барномаи тавассути модели муфид дар он сабтшударо қайд менамоянд. Дар воқеъ, ноқила (масалан, диски паймон) объекти моддӣ мебошад, ки ҳангоми фаъолсозӣ (васлшавӣ бо компютер) сигналҳои назоратие медиҳад, ки аз тарафи компютер амалӣ карда мешавад. Аз ин нуқтаи назар, онро метавон ҳамчун дастгоҳе баррасӣ кард, ки тарҳи муайяне дошта, аз маҷмуи бахшҳои рӯшноифизову рӯшноигири дар сатҳи диски поликарбонатӣ ҷойгиршуда иборат аст. Чунин ноқила нав ва саноатпазир аст. Аз ҷониби дигар, барои мутахассиси соҳаи дахлдори дониш маълум аст, ки имкони сабт дар ноқилаҳои барномаҳои гуногун барои таъмини кори муътадили компютер, яъне чунин ноқила дараҷаи ихтироъкориро доро нест. Аз он бармеояд, ки вай дар шакли модели судманд патентпазир аст[159].

[159] Ниг.: Данилина Е.А., Карпова А.В. Программы для ЭВМ: проблемы терминологии и охраны // Патенты и лицензии. – 2002. – №6. – С. 30-46.

Бо ин даъво розӣ шудан душвор аст. Аввалан, бояд қайд кард, ки ноқила унсурҳои манфиатбахши асосноксозандаи коршоямии онро надорад. Маҷмуи бахшҳои шуопошу шуогир танҳо воситаи пешниҳоди иттилоот буда, тарроҳӣ ба ҳисоб намеравад. Коршоямии ноқила ба он вобаста аст, ки компютер тавассути дастгоҳ барои хондани иттилоот қобилияти қабул ва таҳлил (иҷрои)–и маводи ноқиларо дорад.

Дар ҳақиқат, агар тасаввур кунем, ки дастае (блок) мавҷуд аст ва он имкон медиҳад, ки барнома ба компютер дар шакли чопи рамзи объектӣ дар коғаз чопшуда ворид карда шавад, пас мувофиқи мантиқи муҳаққиқони дар боло зикршуда, бояд чунин чопҳои коғазиро ҳамчун дастгоҳ, тарроҳӣ ва рамзҳои дар коғаз чопшуда, яъне унсурҳои созанда эътироф карда шаванд. Албатта, чунин тасаввурот ғалат аст ва аз ин рӯ, ноқиларо бо барномаи дар он сабтшуда дастгоҳ номидан мумкин нест. Сониян, дар ҳоли ҳозир, тамоюли густариши мафҳуми ноқила ва илова бар дискҳои магнитию оптикӣ ба он ворид намудани воситаҳои алоқа (ҳама гуна воситаҳои интиқоли иттилоот – сигналҳои симдор, бесим, акустикӣ, оптикӣ, модуляторӣ) ва ғайра мавҷуданд. Чунин ноқилаҳо метавонанд ягон тарҳе (конструкция), масалан, сигнали фавқулсурх (инфракрасный) надошта бошанд. Дар мавриди чипҳо ва микросхемаҳои барномадор, онҳоро ноқила ҳисобидан мушкил аст, зеро ноқила маълумоти рамзгузоришударо дорост, ки онро компютер тавассути дастгоҳҳои махсус қабул менамояд. Чипҳо ва микросхемаҳо бо компютер мустақиман алоқаманд мешаванд ва бинобар он аз ноқила фарқи куллӣ доранд. Аз гуфтаҳои боло метавонем хулоса барорем, ки ноқила бо барномаи дар он сабтшудааш патентпазир нест.

Оид ба чунин объекти қонуни патентӣ, аз қабили намунаи саноатӣ, тавре ки қаблан зикр шуда буд, баъзе муҳаққиқон пешниҳод менамоянд, ки он ба сифати интерфейси корбар патент дода шавад. Вале, онҳо маҳз маҳсулоти барномавӣ буданду боқӣ мемонанд ва имрӯз танҳо дастгоҳҳое, ки намуди зоҳирии онҳо бо ин ё он интерфейс фарқ мекунад, ҳамчун намунаи саноатӣ ҳифз карда мешаванд. Як мисол овардан мумкин аст, ки намуди зоҳирии

маснуот аз барномаи МЭҲ фарқ мекунад, вале онро интерфейс муайян карда натавонистааст, бинобар ин байни онҳо фарқ гузоштан душвор аст.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили патентпазирии шаклҳои барномаҳои компютерӣ ва қисмҳои алоҳидаи онҳо, инчунин хусусиятҳои ҳифзи объектҳои ҳуқуқи патентӣ, ки метавонанд қисми ҷудонашавандаи барномаи МЭҲ бошанд, хулосаҳои зерин бароварда шуданд. Аввалан, худ ба худ на барномаҳои МЭҲ (дар ҳар намуд) ва на қисмҳои алоҳидаи онҳо тибқи қонунгузории патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда намешаванд. Сониян, «вобаста кардан»–и чунин объектҳо ба ноқилаҳои иттилоот ин воситаро патентпазир намегардонад. Сеюм, патентонии дастгоҳҳо ва усулҳо, ки натиҷаи корашон (ё маҷмуи қадамҳо) тавассути иҷрои барномаи муайяни компютерӣ ба даст омада, самараи техникӣ дорад, тибқи қонунгузории ватанӣ комилан асоснок ва имконпазир аст.

Акнун вазъи патентонии барномаҳоро дар хориҷа баррасӣ хоҳем кард. Мавҷудияти самараи техникӣ як навъ "имтиҳон" барои имконияти патентонии барномаҳо дар Аврупо мебошад. Идораи патентии Аврупо муносибати хосеро барои патентонии барномаҳо таҳия кардааст: азбаски дар моддаи 52 (2)–юми Конвенсияи патентии Аврупо патентнопазирии таъминоти барномавӣ нишон додааст ва моддаи 27–уми Созишномаи TRIPS онро истисно накарда, ба хулосае омадааст, ки таъмини барномавӣ ин чизест, ки ҳангоми иҷрояш самараи иловагии техникие намедиҳад. Пас, агар барнома ҳангоми иҷроиш самари иловагии техникии берун аз вазифаҳои муқаррарии компютербударо таъмин кунад, патентпазир мешавад. Азбаски иҷрои ҳама гуна барнома дар компютер бо фаъолияти қисмҳои дастгоҳ алоқаманд аст, мафҳуми "самари иловагии техникӣ" бояд ҳамчун ҳалли масъалаи алоҳидаи техникӣ фаҳмида шавад. Палатаи апелятсионии идораи патентии Аврупо мафҳуми самари техникиро, аз ҷумла, мувофиқии кори оператор ва дигар объектҳои ба ин монандро хеле муфассал шарҳ медиҳад. Бо ёрии ин меъёр, барномаи патентпазирро аз он барномаҳое фарқ кардан мумкин аст, ки иҷрояшон барои қонеъ сохтани ниёзҳои эстетикӣ ва маънавии шахс равона шуда-

аст, инчунин аз онҳое, ки дараҷаи ихтироъкорӣ надоранд. Албатта, барои ба даст овардани патентпазирӣ, барномаҳо бояд дорои вижагиҳои навгонӣ, ғайримуқаррарӣ ва қобилияти саноатпазирӣ дошта бошанд.

Бояд қайд кард, ки дар муҳокимаи боло танҳо дар бораи амалияи Идораи патентии Аврупо сухан мерафт. Кӯшиши қонунӣ кардани чунин амалия дар саросари Аврупо тавассути қабули Дастур оид ба патентонии ихтироъҳои марбут ба компютер ноком гардид: парлумони Аврупо ин дастурро рад кард[160].

Дар мавриди ИМА, амалияи судии ин кишвар дар ҳолатҳои вобаста ба барномаҳои патентӣ як қатор принсипҳои патентпазирии онҳоро таҳия кардааст. Аввалан, Diamond v. Dier (1981) пешниҳод мекунад, ки се категорияи зерини объектҳо патентнопазир мебошанд: қонунҳои табиат, зуҳуроти табиӣ ва ғояҳои абстрактӣ. Сониян, суд бо қарори парвандаи Алаппат (1994) муайян кард, ки таъминоти барномавие, ки барои кор дар компютери универсалӣ таъин шудааст, патентпазир мебошад, зеро дар ин ҳолат ба дастгоҳи махсус табдил меёбад. Сеюм, дар қарор оид ба парвандаи State Street Bank v. Signature Financial Group (1998) қайд карда шуд, ки интиқоли ин мошинҳо (масалан, бо компютер) бо роҳи як қатор ҳисобу китоби риёзӣ татбиқи амалии алгоритми риёзӣ ва табиист, ки патентпазир аст, зеро натиҷаи муфид, мушаххас ва боэътимод медиҳад[161]. Ҳамчунин, нишон дода шудааст, ки ҳангоми таҳлили патентпазирии қарор бояд аз ба ин ё он қарор мувофиқ омадани категорияи қарор ба ин ё он намунаи предметҳои тасвир (раванд, мошин, усули истеҳсолот ва таркиби мавод) ва аз хусусияти объекти ихтироъ, аз равияи натиҷаи амалии муфид вобаста мебошад. Ғайр аз он, чунин натиҷаи муфид метавонад дар рақамҳо, ба мисли фоизҳо, нархҳо, зарар, хароҷот, фоида зоҳир ёбад[162].

---

[160] Ниг.: Гайсин Ф.Ф. Зарубежный опыт реформирования авторского права // Вестник Марийского государственного университета. Серия «исторические науки. Юридические науки». – 2018. – Т.4. – №1. – С. 47-52.
[161] Ниг.: Гаврилов Э.П. Совершенствование законодательства об интеллектуальной собственности: есть проблемы // Патенты и лицензии. – 2015. – №12. – С. 2-8.
[162] Ниг.: Маченов Н.Ю. Правовая охрана программ для ЭВМ: дис. канд. юрид. наук. – М.: РГБ, 2007. – С. 104-105.

Дар асоси инҳо ва як қатор дигар қарорҳои судӣ, барои баҳодиҳии патентпазирии барномаҳо дар ду марҳила санҷиши Фримен–Вальтер–Абеле таҳия карда шуд. Дар марҳилаи аввал савол ҳал карда мешавад, ки оё ихтироъ ба амали руҳӣ, алгоритм ё формулаи риёзӣ алоқаманд аст. Дар сурати ҷавоби манфӣ ихтироъ патентпазир мегардад. Дар ҳолати мусбат будани ҷавоб ба марҳилаи дуюми озмоиш мегузаранд – маълум мешавад, ки оё ихтироъ истифодаи ин алгоритмҳоро ба унсурҳои ҷудогона ё равандҳои мушаххас пешбинӣ мекунад. Агар ҷавоб тасдиққунанда бошад, ихтироъ патентпазир ҳисобида мешавад. Бояд қайд кард, ки на дар Аврупо ва на дар Америко сухан дар бораи патентонидани барнома чун матни ибтидоӣ ё рамзи объектҳо намеравад. Равандҳо ва маҳсулоти анъанавӣ патентонида мешаванд, вале талабот ба моҳиятнокии ҷузъҳои онҳо тадриҷан аз байн меравад, дар натиҷа патентонидани объектҳои алгоритмҳои риёзии барномаи бо дастгоҳ иҷрошаванда, аз ҷумла агар дар натиҷаи татбиқи дастгоҳии онҳо имкони самари муайянро соҳиб шудан пайдо шавад, алгоритмҳои табдили иттилоот, имконпазир мегардад[163].

Дар асоси гуфтаҳои боло, як қатор саволҳои муҳим ба миён меоянд. Аввалан, бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва ҳадафҳои қонунҳои патентӣ тавсия дода мешавад, ки ҳама гуна барномаҳои МЭҲ, ки метавонанд натиҷаи техникӣ ба даст оранд, оё патентпазир эътироф карданашон мувофиқи мақсад буда метавонад? Сониян, патентпазир эътироф кардани барномаҳои компютерие, ки иттилоотро бидуни ягон самараи моддӣ таҳлил мекунад (масалан, айнияти барномавии микрокалкулятор, барнома барои санҷидани имло ва ғайра) оё дуруст аст?. Сеюм, раванди сирф риёзии патентнопазирро аз алгоритми патентпазир чӣ тавр фарқ кардан мумкин аст?

Барои ба саволи аввал ҷавоб додан, пеш аз ҳама бояд фаҳмид, ки «натиҷаи техникӣ» чӣ маъно дорад? Аён аст, таҳти ин мафҳум натиҷаи ҳалли

---

[163] Ниг.: Яковенко Д.А. Договорное оформление передачи прав на программы для ЭВМ в гражданском законодательстве Германии // Ученые труды Российской академии адвокатуры и нотариата. – 2013. – №3 (30). – С. 122-124.

супориши техникии мушаххас бо ёрии воситаҳои техникӣ бояд фаҳмида шавад. Тавре ки дар боло зикр гардид, компютери универсалӣ, ки табдилдиҳии иттилоотро амалӣ менамояд, мумкин аст, чун маҷмуи протсессор, хотира ва низоми вориду хориҷ тасаввур карда шавад. Дар он сурат, барои ҳалли масъалаи техникӣ дастгоҳи иловагӣ – миёнараве, лозим мешавад, ки бо объектҳои моддӣ «сарукор» дошта бошад.

Азбаски таъвизаи (формула) ихтироъ бояд бандҳоеро фарогир бошад, ки ба объектҳои моддӣ марбутанд, таҳияи барномае, ки қадамҳои асосиаш ҳамаи бандҳои таъвизаро дар бар мегирифта бошад, имконнопазир аст, онҳо ба барномаи амали объектҳои моддӣ дохил карда намешаванд. Барнома ин алгоритми табдили иттилоотест, ки дар он мафҳумҳои «компютер», «сигнал» вуҷуд надоранд. Маълум мешавад, ки шахсони сеюм метавонанд ҳама гуна барномаҳоро эҷод кунанд, аммо дар ҳолати иҷро шудани ин гуна барнома тавассути компютер ё дастгоҳи дигар, "ба таври автоматӣ усули патентонидашуда истифода гардад", пас компютер ва дастгоҳро бо барномаи қаблан насбкардашудааш ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид кардан, истифода бурдан, фурӯхтан, ба муомилоти гражданӣ гузаштан ё барои ин мақсадҳо нигоҳ доштан манъ аст, ба истиснои ҳолатҳое, ки ин амалҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироот» ҳамчун вайронкунӣ эътироф карда нашудаанд[164].

Ҳамон тавре ки пештар қайд карда шуд, амалҳое, ки бар зарари манфиатҳои дорандаи патент равона шудаасту аммо қонунгузории патентӣ манъ намекунанд, ё бар хилофи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» аст, вайрон мекунад (масалан, истифодаи барномаи МЭҲ бе розигии дорандаи ҳуқуқи муаллиф) ё ба мувозинати манфиатҳои ҷомеа ва дорандаи патент хизмат мекунад.

Агар барномаҳои қобилияти самараи техникидошта, патентпазир эътироф гардад, истифодаи ҳама гуна барномаҳое, ки бо усули якхела самари як-

---

[164] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ихтироот” 28 феврали соли 2004, № 17 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004, №2, мод. 49.

хела медиҳад, инҳисори дорандаи патентро вайрон мекунад. Дар ҳолати аз ҷониби шахсони сеюм дар барномаҳои худ на ҳамаи бандҳои маъвизаи ихтироъ, намунаҳои саноатӣ ё моделҳои судманд истифода шуда бошад, вайронкунии патент ба амал намеояд.

Ба иборои дигар, агар патентпазирии барномаҳо эътироф гардад, қисме аз объектҳо ва ҳуқуқҳои бо ҳуқуқи муаллиф ҳифзшаванда ба соҳаи патентӣ мегузарад. Ҷанбаҳои мусбати чунин гузаришро ин тавр дидан мумкин аст:

1. Таъмини давлатии қонун ҳамеша нисбат ба интишори он эътимодноктар аст.

2. Баланд бардоштани мунтазами дониш тавассути ошкор кардани дорандагони патент.

3. Мутобиқати низоми патентии ватанӣ ба тамоюлҳои ҷаҳонӣ меафзояд.

Ҷанбаҳои манфии гузариши мазкур инҳоянд:

1. Арзиши баланди гирифтани патент.

2. Набудани пойгоҳи усули мукаммал.

3. Набудани далелҳои муътамад ва аз лиҳози иқтисодӣ мувофиқи мақсад будани чунин гузариш.

4. Мушкилоти ворид шудан ба бозор бо барномаи нав бинобар зарурати санҷиши эҳтимолияти вайронкунии ҳуқуқҳои дорандагони патент.

5. Мавҷудияти фарқиятҳои консептуалӣ дар байни барномаи компютерӣ ва объектҳои ҳуқуқи патентӣ, ки ҳифзи патентро нокифоя мегардонад.

Далели охирин шарҳи муфассалтар металабад. Гап дар сари он аст, ки гузариш ба ҳифзи барномаи компютерӣ бо қонунгузории патентӣ бо дарназардошти хусусияти ғайримоддии барномаҳо, мавҷудияти онҳо дар шаклу намудҳои гуногуни барномаҳои компютерӣ, нисбат ба ҷиҳатҳои мусбат муаммову мушкилотро зиёдтар мекунад. Дар воқеъ, барнома бояд дар кадом шакл амалӣ карда шавад, ки татбиқаш самараи техникӣ диҳад? Пайдарҳамии амалҳо дар иттилоот чӣ тавр аст (бе нишон додани компютер чун ҷузъи ҷудонашаванда)? Аммо пас чӣ гуна метавон самараи техникиро тавассути мавҷудияти маълумоти коркардшуда бидуни зикри мошини миёнарав

муайян кард? Ҳифзи барнома ҳамчун пайдарҳамии амалҳо дар сигналҳои барқӣ? Чунин патент ба осонӣ вайрон карда мешавад, зеро дастгоҳҳои гуногуни компютерӣ бо сигналҳои гуногун кор мекунанд. Дар ҳар сурат, имкони фурӯши барномаҳо бо истифода аз як алгоритми якхела аз ҷониби шахсони сеюм мустасно нест (маҷмуи амали патентонидашудаи онҳо татбиқ карда намешавад, аз ин рӯ, патент ҳам вайрон намегардад). Зиёда аз он, доираи амали патентҳо маҳдуд аст ва барномаҳо дар робита бо рушди шабакаҳои компютерӣ "фаромиллӣ" мебошанд. Набудани феҳристи умумии барномаҳои мавҷуда ҷустуҷӯи патентро душвор ва сифати онро паст мегардонад. Имконияти аз тарафи шахсони сеюм истифода бурдани барномаҳо бо матнҳои ибтидоии барамздаровардашуда исботи ғайриқонунӣ будани патенташонро душвор мегардонад.

Аз таҳлили болоӣ бармеояд, ки ба муҳофизати патентӣ гузаштани барномаҳо, ки татбиқашон самараи техникӣ медиҳад, мувофиқи мақсад нест: дар айни замон, миқёс ва имкониятҳои муҳофизати ихтироъҳои марбут ба барномаҳо барои ҳифзи пурраи ҳуқуқҳои ихтироъкунанда кофист ва маҷмуи хусусиятҳои мусбати гузариш аз оқибатҳои манфӣ бартарӣ надорад.

Акнун масъалаи дуюмро баррасӣ мекунем – оё барномаҳои компютериро, ки иттилоотро бе ягон самараи моддии иловагӣ коркард мекунанд (масалан, айниятҳои барномавии микрокалкулятор, барномаи тафтиши имло ва ғайра) патентпазир ҳисбидан равост. Чунин барномаҳо одатан барои ноил шудан ба ду натиҷа нигаронида шудаанд: 1) коркарди иттилоот мисли фаъолияти руҳии инсон; 2) муаррифии натиҷаҳои коркард[165].

Мисли он барномаҳое, ки метавонанд самараи техникӣ диҳанд, ҳифзи чунин барномаҳо бо ёрии қонунгузории патентӣ ҷиҳатҳои манфии бештаре дорад. Ғайр аз он, ҳимояи ғайримустақими барномаҳоеро, ки самараи дурусти моддӣ намедиҳанд, қонунгузориҳои патентӣ пазируфтааст. Аммо, чунин барномаҳо – усулҳои фаъолияти руҳӣ (инчунин усулҳои риёзӣ) дар шакли

[165] Ниг.: Абдуҷалилов А. Болтуева М.Ё. Назаре ба масъалаи патентпазирии барномаҳои компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. – №2. – С. 127-130.

қироати мошинии дугонӣ мебошанд. Патентонии ин гуна объектҳо ба моҳияти қонуни патентӣ мухолиф аст.

Шояд, зимни ташкили низоми патентӣ, алгоритмҳои риёзӣ, кашфиётҳо, назарияҳои илмӣ, қоидаҳои фаъолияти ақлонӣ ва объектҳои амсоли инҳо аз рӯйхати ҳифзшаванда на танҳо аз сабаби мушкилии ҳифз (аслан усули фаъолияти руҳиро чӣ тавр метавон муҳофизат кард?), балки бо зарурати маҳдудсозии оқилонаи инҳисороти ихтироъкор хориҷ карда шуданд. Аз ин рӯ, тамоюли дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико эътироф кардани патентпазирии қариб ҳама гуна ашёе, ки инсон ихтироъ мекунад, қобили қабул нест ва зарур нест, ки қонунгузории дохилӣ онро қабул кунад.

Саволи охирине, ки бояд дар доираи ин боб баррасӣ карда шавад, ин чӣ тавр раванди сирф риёзӣ ва алгоритмро, ки ҳалли техникист (мо онҳоро алгоритмҳои техникӣ меномем) аз ҳам бояд фарқ кард. Ин масъала бағоят муҳим аст, чунки агар қонунгузории патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюлҳои аврупоиро дар соҳаи патентонии барномаҳои МЭҲ қабул кунанд, маҳз мавҷудияти хусусияти техникии онҳо ягона меъёри фарқ кардани объектҳои патентпазир аз объектҳои эҳтимолан ғайрипатентнабуда метавонад. Агар алгоритми техникӣ ҳама гуна амалҳои воситаҳои моддиеро дар бар гирад, ки иҷрояш ба натиҷаи муайян медиҳад, пас ҳар як амали риёзии бо мошин иҷрошаванда (масалан, ҳисоб бо формула), патентпазир хоҳад шуд. Аслан, таҷрибаи патентии ИМА низ ин нуқтаи назарро ҷонибдорӣ мекунад. Бо вуҷуди ин, агар чунин тартиби амал патентнок карда шавад, пас истифодаи он бидуни дастгоҳ бо мақсади ба даст овардани фоида риоя накардани патент ҳисобида мешавад. Ба ибораи дигар, агар алгоритми рамзгузории маълумоте, ки барнома амалӣ кардааст, патентнок карда шавад, дастӣ, яъне бе компютер истифода бурдани ин алгоритм патентро вайрон мекунад. Чунин вазъият бо принсипҳои қонунҳои патенти ватанӣ мувофиқат намекунад (дар робита ба набудани муҳофизати усулҳои риёзӣ, қоидаҳо ва усулҳои фаъолияти зеҳнӣ ва ғайра). Мутобиқан, таҳти мафҳуми алгоритми техникӣ бояд тартиби амали воситаҳои моддӣ дониста шавад, ки дар натиҷаи он

мушкилоти техникӣ ҳал хоҳад шуд. Чунин муқаррарот имкон медиҳад, объектҳои ба ҳалли масъалаҳои техникӣ нигаронидашуда, ба мисли автоматонии ҳисобҳо, рамзгузорӣ, пешниҳоди иттилоот, таҳрири матнҳо ва ғайра, аз қатори объектҳои патентпазир баровварда шавад. Саволе ба миён меояд, ки чаро ин объектҳо бояд аз таркиби объектҳои патентпазир баровварда шаванд? Чунин ба назар мерасад, ки ихтироъкори онҳо, аллакай, бе муҳофизати патентӣ, нисбат ба шахсони сеюм бартарӣ дорад: ба ӯ лозим нест дастгоҳҳое созад, ки алгоритми таҳияшударо татбиқ кунад – фақат нусхаҳои барномаро ба муомилоти гражданӣ ворид кардан лозим асту бас. Ҳамзамон, ба шахсони сеюм зарур аст, ки барои истифодаи ғояҳои ба барнома воридшуда, онро таҷзия намоянд, принсипҳои корашро фаҳмонанд, барномаи худро таҳия карда, онро ба расмият дароранд. Амалҳои нисбатан мураккаб – танҳо нусхабардории бахшҳои рамз, тарҷумаи барнома ба забони дигар, чун риоя накардани ҳуқуқи муаллиф ҳисобида мешавад ва беҷазо нахоҳад монд.

Ҳамин тавр, меъёри арзёбии эҳтимолияти патентпазирии ихтироъ– алгоритм, алоқамандии он ба қарорҳои техникӣ, яъне қобилияти ба даст овардани натиҷаи техникӣ нисбӣ мебошад. Дар айни замон, натиҷаи техникӣ ба чизи дигаре нисбат ба пешниҳоди рақамии иттилоот, коркарди он, тақсим намудан, ҷамъоварӣ наздиктар аст. Коркарди маълумот, бахусус, агар ба ҷуз фаъолияти муштараки барномаву дастгоҳ ва самаранокии коркарди онҳо, ба ягон натиҷаи техникӣ ноил нагардад, техника татбиқ надорад·

Аз ин бармеояд, ки таҳти раванди риёзӣ бояд ҳама гуна амалисозии алгоритми риёзӣ (аз ҷумла алгоритми коркарди маълумот, зеро он ба мантиқи риёзӣ асос меёбад), фаҳмида шавад, агар самараи чунин татбиқ ба эҷоди объектҳои моддӣ ё ҳамкории онҳо бурда нарасонад. Фарқи алгоритм – ҳалли техникӣ ва алгоритми риёзӣ дар он аст, ки аввал ҳалли масъалаи техникӣ (на абстрактӣ, иттилоотӣ ё ташкилӣ) ва мавҷудияти натиҷаи техникиро дар бар мегирад.

Дар асоси гуфтаҳои боло чунин хулоса кардан мумкин аст: Қабл аз ҳама алгоритмро ба маънои васеъ, ҳамчун пайдарҳамии амалҳое бояд фаҳмид, ки

намудҳои патентпазир ва ғайрипатентпазирро фарқ карда, аз шароити тағйирёбандаи ибтидоӣ ба натиҷаи дилхоҳ мерасонад. Сониян, ҳифзи ҳуқуқии барномаи МЭҲ дар таркиби дастгоҳ ё усули патентнокшуда барои пурра мувофиқат кардан ба манфиатҳои дорандаи ҳуқуқи муаллиф кифоя аст ва ба мустаҳкамкунии ҳифзи патентӣ ниёз надорад. Сеюм, ноқила бо сабти барномаро ба муҳофизати қонунгузории патентӣ даровардан мумкин нест.

## 2.3 Ҳифзи ҳуқуқӣ – муаллифии барномаи компютерӣ

Барномаи компютерӣ объекти нисбатан нави муҳофизат мебошад, зеро истеҳсоли оммавии компютерҳои шахсӣ, таҳия ва паҳнкунии барномаҳои компютерӣ барои онҳо танҳо дар охири асри XX оғоз гардид[166].

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими чунин институти ҳуқуқи гражданӣ ба мисли ҳуқуқи муаллиф, бо вуҷуди ворид намудани боби алоҳида ба қисми III Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, алҳол аз камбудиҳо орӣ нест ва такмил металабад.

Дар Консепсияи рушди қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст, ки қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба сатҳи кунунии рушди технологӣ ҷавобгӯ бошад, то ки баробари таъмини ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон, онҳоро ба рушд ва истифодаи васеи технологияҳои нав ҳавасманд созад[167].

Дар асоси гуфтаҳои боло, дар доираи ин параграфи таҳқиқоти диссертатсионӣ, баррасии усули самаранок ва мувофиқи ҳифзи ҳуқуқии барномаи компютерӣ ҳадаф гузошта мешавад.

Тавре ки дар адабиёти ҳуқуқӣ омадааст, масъалаи моҳияти барномаи компютерӣ, яъне барномаи компютерӣ мавзуи баррасии кадом соҳаи ҳуқуқ

[166] Ниг.: Юрлов И.А. Проблемы правового регулирования оборота компьютерных программ [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://lawinfo.ru/catalog/contents-2010/pravovye-voprosy-svjazi/2/ (санаи муроҷиат: 04.11.2020).

[167] Ниг.: Консепсияи рушди қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори шурои илмии Маркази миллии қонунгузорӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели 2014 сол, №4. тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www. http://mmk.tj/ (санаи муроҷиат: 02.10.2017).

аст, он майлони кадом қонунро дорад ва мутаносибан, муайян кардани роҳҳои муҳофизати он нав нест[168].

Аввалин кӯшиши ҳалли ин масъала моҳи ноябри соли 1961 дар ИМА баъди бори аввал дар ҷаҳон ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқ ба қайд гирифта шудани барномаи компютерӣ сурат гирифта буд. Ҳамон вақт даврномаи (циркуляри) № 61 оид ба бақайдгирии барномаи компютерӣ бароварда шуда буд, ки аз ҷониби Идораи ҳуқуқи муаллифии ИМА сабт шудааст. Ниҳоят соли 1980 ҳангоми ворид намудани илова ба қонуни соли 1976 қабулкардашуда дар бораи ҳуқуқи муаллиф, ҳифзи барномаи компютерӣ зам карда шуд. Тибқи он иловаҳо, барномаи компютерӣ маҷмуи маълумот ва дастурҳоест, ки бо мақсади расидан ба натиҷаҳои муайян дар МЭҲ ба таври мустақим ё ғайримустақим истифода мешаванд. Чунин таҳрир имкон медиҳад, ки ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ҳам ба барномаҳои ибтидоӣ ва ҳам ба объектӣ тааллуқдор гардад[169].

Дар Аврупо низ вазъият чунин аст. Барномаи компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи муаллиф эътироф шуда, ба асарҳои адабӣ баробар карда мешавад. Маъмулан таъкид мегардад, ки барномаҳо барои таъмин кардани кори компютерҳо сохта мешаванд.

Ҳамин тавр, дар қонунгузории хориҷӣ тамоюли зерин ба назар мерасад: барномаҳои компютерӣ тибқи стандартҳои ҳуқуқи муаллиф бо ҳимояи ҳуқуқӣ таъмин карда мешаванд. Тавре ки В.И. Еременко ишора мекунад, дигар алгоритмҳо низ худ ба худ дар ҳеҷ куҷое зери муҳофизат қарор намегиранд.

Дар сатҳи байналмилалӣ, имкон ва мақсаднокии ҳимояи ҳуқуқии барномаи компютерӣ бори аввал аз ҷониби Гурӯҳи Машваратии экспедиторони СБМЗ (ВОИС) дар соли 1971 баррасӣ карда шуд. Ин масъаларо Ассотсиатсияи байналмилалии моликияти саноатӣ дар конгресси худ соли 1975 дар

[168] Ниг.: Маченов Н.Ю. Правовая охрана программ для ЭВМ: дис. канд. юрид. наук. – М.: РГБ, 2007. – С. 37-38.

[169] Ниг.: Гайсин Ф.Ф. Зарубежный опыт реформирования авторского права // Вестник Марийского государственного университета. Серия «исторические науки. Юридические науки». – 2018. – Т.4. – №1. – С. 47-52.; Останина Е.А. Административно-правовые и гражданско-правовые способы защиты прав на программу для ЭВМ // Вестник ЮУрГУ. Серия «Право». – 2020. – Т. 20. – №4. – С. 121-126.

Сан–Франсиско низ муҳокима карда буд. Қарор карда шуда буд, ки то коркарди меъёри ҳифзи махсуси таъминоти барномавӣ, аз имконоти қонунгузории миллӣ (асосан дар шакл) истифода бурда шавад.

Қонунгузории минбаъда оид ба ин масъала дар он зоҳир мегардид, ки соли 1978 СБМЗ (ВОИС) "Муқаррароти намунавии ҳимояи барномаи компютерӣ», инчунин аз ҷониби Шурои Иттиҳоди Аврупо Шартнома «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ (91/250 / ЕЕС аз 05/14/1991)" ба имзо расониданд.

Шартномаи номбаршуда рӯйхати ҳадди ақали меъёрҳоеро муқаррар кардааст, ки бояд на дертар аз соли 1993 дар қонунгузории миллии кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо дар бораи ҳуқуқи муаллиф инъикос карда шаванд. Аксар кишварҳои Аврупо ҳангоми такмилдиҳии минбаъдаи қонунгузории худ маҳз чунин карданд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ, ҳангоми таҳлили ин раванд маълум шуд, ки ҳанӯз ҳам муаллифоне ҳастанд, ки мавҷудияти як қатор фарқиятҳои куллӣ байни барномаи компютерӣ ва асарҳои адабиёт, бахусус санъатро қайд кардаанд ва майлоне ба эҷодиёти техникӣ доранд[170].

Аввалан, ҳангоми эҷоди осори адабӣ муаллиф теъдоди зиёди василаҳои гуногуни ифода, сохторҳои шифоҳӣ ва грамматикиро истифода бурда, образҳоро ташкил мекунад. Барномасоз вазифаи гуногунтаре дошта, имкониятшро оқилона истифода мебарад. Аз ин рӯ, имконияти ӯро ҳамеша сохтори возеҳу операторон ва синтаксиси забони барномасозӣ маҳдуд мекунанд. Албатта, ҳангоми ҳалли масъалаи мушаххас, барномасоз метавонад роҳи дигареро интихоб кунад, аммо ин интихоб нисбат ба эҷодӣ бештар хусусияти усулӣ дорад.

Мувофиқии интихоб аз рӯи тахассуси барномасоз муайян карда мешавад ва ҷанбаи эстетикӣ надорад. Ин далели он аст, ки ба ҳамин минвол бо

[170] Ниг.: Кандратьева Е.А. Программа для ЭВМ как особый объект авторских прав // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобочевского. – 2015. – № 1. – С. 146-151.

таъсири пурзӯри забони барномасозӣ метавонад услуби муаллиф ташаккул ёбад.

Соният, ҳамаи барномаи компютерӣ бо имконоти кориаш дар компютер баҳо дода мешавад. Мутобиқан, бидуни малака ва донишҳои муайян шахс наметавонад дар эҷоди барнома муаллифи он гардад. Асари адабиро бо ин маъно ҳар шахс метавонад эҷод кунад, зеро барои ин дониш ва малакаи мушаххас, аз ҷумла савод зарур нест.

Сеюм, баъзе барномаҳо метавонанд қисми ҷудонашавандаи воситаҳои истеҳсолот бошанд. Ин барнома барои идоракунии ҳама гуна хатҳои компютеронидашуда, ҳисобҳои техникӣ ва ғайра муқаррар карда мешавад. Албатта, асарҳои адабӣ танҳо воситаи истифода (истеъмол) мебошанд.

Чорум, барнома объекти иҷрошаванда аст, яъне он ҳамчун осори адабӣ мустақим дарк карда намешавад, ҳатман воситаҳои компютерӣ истифода мешаванд ва ба ин маъно барномаҳо бештар ба асарҳои мусиқӣ монананд. Агар мантиқи қонунгузор риоя шавад, бояд мусиқӣ низ бо асарҳои адабӣ баробар карда шавад, зеро он одатан дар шакли қайдҳо, яъне аломатҳои навиштаҷот сабт мегардад.

Панҷум, дар айни замон, бисёр барномаҳои компютерӣ қисмҳои худкор доранд, ки барои офаридани осори адабӣ корбасташон имконнопазир аст.

Шашум, барои аксар барномаҳо на шакл, балки мундариҷаи онҳо унсури муҳимтарин ба ҳисоб мераванд. Дар байни дигар объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ, чунин хусусиятро осори илмӣ дорад, ки муҳтавои он низ ҳифз карда намешавад[171].

Бо вуҷуди тафовутҳои мазкур байни барномаҳо бо осори адабӣ, як қатор омилҳои асосие мавҷуданд, ки барои барномаи компютериро ба доираи ҳуқуқи муаллиф мансуб донистан мусоидат менамоянд.

Аввалан, асоси барномаҳои компютериро ҳамеша амали эҷодкорона ташкил медиҳад. Ҳатто дар сурати ба таври автоматикунонӣ навиштани

[171] Ниг.: Симкин Л.С. Программы для ЭВМ: правовая охрана (правовые средства протих компьютерного пиратства). – М.: Городей, 1998. – С. 45.

қисмҳои муайяни матн ҷой дошта бошад ҳам, шахсе дар назди барнома иҷрои коре мегузорад ва ин амал ба муаллифӣ наздик аст. Ҳамин тавр, рассом ё оҳангсоз, ки асарҳояшро тавассути компютер эҷод мекунад, муаллифи ин асарҳо ҳисобида мешавад. Аз ин ҷост, ки асосҳои барномаи компютерӣ ва дигар объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ мувофиқат доранд.

Дуюм, ин амали эҷодӣ ҳамеша объективона иҷро карда мешавад, яъне, ҳама гуна объекти ҳуқуқи муаллиф фарогири андешаҳои дар ин ё он шакл баёнгардида мебошад. Маҳз ин хусусият имкон медиҳад, ки ҳам асари зебои "Фирдавсӣ" ва ҳам мусиқии оҳангсоз Фирӯз Баҳор бо ҳамон ном имконпазир гардад. Яъне, ҳамон як образро бо тарзҳои гуногун офаридан мумкин аст. Дар айни замон, объекти ҳуқуқи патент, масалан, мошин ё дастгоҳ дар шаклҳои гуногун (сахт, моеъ, газ) вуҷуд дошта наметавонад. Аз ин нуқтаи назар, барномаи компютерӣ ба объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ наздиктар буда метавонад дар намуди рамзи объект, матни ибтидоӣ, бастаи нақшаҳо, ки ҳамчун маҷмуи сӯрохиҳои перфокорт, қисматҳои магнитонидашудаи дискет, сигналҳои барқ ва ғайра пешниҳод карда шаванд.

Сеюм, ҳуқуқи муаллиф нодирии корро ба назар мегирад ва ҳар як барномаи компютерӣ бо роҳи худ беҳамто буда, онро бо роҳи саноатӣ эҷод кардан мумкин нест[172]. Албатта, имкони бунёдии эҷоди саноатӣ ҳанӯз ҳам вуҷуд дорад, аммо дигар объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ низ чунинанд: шеърҳо, нигораҳо, мусиқӣ низ метавонанд бо роҳи саноатӣ сохта шаванд, аммо ин ба ҳеҷ ваҷҳ шаҳодати монандии онҳо бо объектҳои ҳуқуқи патентӣ шуда наметавонад. Хусусиятҳои дар боло овардашуда аломатҳои барномаҳои компютериро ҳамчун объекти ҳуқуқи муаллифӣ нишон медиҳанд.

Масъалаи баррасии хосияти барномаи компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи муаллифиро бояд чунин хулоса кард, ки барномаи компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи муаллифӣ хусусиятҳоеро дорост, ки барояш характернок нестанд, ҷузъҳое дорад ба мисли назарияҳои илмӣ, консепсияҳо, асарҳо, ки бо

---

[172] Ниг.: Мирских К.Ю. Новеллы в области правового регулирования результатов интеллектуальной деятельности // Вестник Пермского университета. – 2014. – № 4 (26). – С. 152-158.

ҳуқуқи муаллифӣ ҳифз карда намешаванд. Барномаи компютерӣ аз осори адабӣ фарқияти консептуалӣ дорад. Қонунгузории аксар давлатҳо барномаҳои компютериро мансуби объекти ҳуқуқи муаллифӣ меҳисобанд. Аммо, ба асарҳои адабӣ баробар кардани онҳо он қадар дуруст нест. Барои муайян кардани таносуби барномаи компютерӣ бо алгоритм бояд ҳамчун алгоритми шакли объективии коркарди маълумоте баррасӣ карда шавад, ки онро дар дастгоҳҳо истифода мебаранд[173].

Ба масъалаи асосии қисми мазкури таҳқиқоти диссертатсионӣ, яъне ҳифзи ҳуқуқи муаллифии барномаи компютерӣ бозгашта, мехоҳем ба истиноде, ки ба барномаи компютерӣ, ки дар банди 18 моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он" дода шудааст, рӯ орем. Меъёри муқарраршуда нишон медиҳад, ки барномаи компютерӣ шакли объективии пешниҳоди маҷмуи маълумотҳо ва дастурҳо оид ба истифодаи компютерҳо ва дигар дастгоҳҳои компютерӣ барои ба даст овардани натиҷаи мушаххас, аз ҷумла маводи тайёр, ки ҳангоми таҳияи барнома ба даст оварда шудаанд[174].

Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки барнома, тибқи таърифи он, як шакли муаррифӣ аст, яъне, маҷмуи маълумот ва фармонҳо, ки дар ин ё он шакл ифода ёфтаанд, ба объекти ҷаҳони моддӣ табдил намеёбанд. Танҳо маводи интиқолӣ моддӣ буда метавонад. Барнома бошад, бо шарофати табиати рақамии худ, маводи интиқолӣ нест. Ба ин маъно, барнома "таҷассум карда намешавад", он мисли инъикоси ашё дар оина аст, бо дидани акси чизе дорои он чиз шудан мумкин нест. Он метавонад бастаи нақшаҳо, матн, маҷмуи импулсҳои электрикӣ дар сим ё сӯрохиҳои бо лазер сӯзонидашудаи поликарбонат бошад, аммо аз ин вай моддӣ шуда наметавонад. Ҳамин тавр, ҳама гу-

[173] Ниг.: Гурянов К.В. Развитие законодательной базы в сфере охраны компьютерной интелектуальной собственности [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru (санаи муроҷиат: 04.11.2020).
[174] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» 13 ноябри соли 1998, № 726 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1998, № 23-24, мод.348;

на интиқоли ҳуқуқ ба василаи моддӣ ба ҳуқуқи интиқол ба ягон барномаи компютерӣ бурда намерасонад[175].

Азбаски барномаи компютерӣ хусусияти рақамӣ дорад, аз рӯйи як қатор аломатҳояш бо иттилоот монандӣ дорад: ҳангоми нобуд шудани воситаи интиқол нобуд нашуда, боқӣ мемонад; вақти нусхабардорӣ кардан кам намешавад; онро дар як вақт метавонанд шумораи беҳмаҳдуди одамон соҳибӣ кунанд. Қисми барнома – маълумот – иттилоот дар шакли тозаи он ва қисми дигар – фармонҳо, ки метавонанд ҳамчун маълумот дар бораи амалҳои аз тарафи мошин иҷрошаванда баррасӣ карда шаванд[176].

Барои мувофиқи мақсад будан ва нигоҳ доштани тавозуни манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ объектҳое ба мисли ғояҳову принсипҳое, ки асоси барномаи компютерӣ, пойгоҳи маълумот ё ягон унсури он, аз ҷумла дояву принсипи ташкили интерфейс ва алгоритм, инчунин забони барномасозиро ташкил медиҳанд, аз ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ бароварда шудаанд.

Дастури махсус дар бораи бехатарии забонҳои барномасозӣ дар қонунгузории дигар давлатҳо – истеҳсолкунандагони пешбари барнома низ вуҷуд дорад. Ҳамин тавр, дар Дастури Шурои Иттиҳоди Аврупо аз 14 майи соли 1991 № 91/250 / EEC "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ" омадааст, ки "... забонҳои барномасозӣ бо вуҷуди он, ки ғояҳо ва принсипҳоро ифода мекунанд, мувофиқи қарордоди мазкур ба зери ҳимоят гирифта намешаванд»[177].

Забони барномасозӣ дорои синтаксису мантиқи худ аст ва маҷмуи қоидаҳоеро дорост, ки дар асоси он алгоритми ҳалли баъзе мушкилоти иттилооти компютериро дар шакли тафаккурпазирии инсон, вале ҳамзамон ба дурамза табдилёбанда, ифода кардан мумкин аст. Ҳар як забони барномасозӣ, чун қоида, барои ҳалли як қатор мушкилот сохта шудааст. Метавон гуфт, ки забонҳои барномасозӣ ин воситаи баргардони алгоритмҳои компютерии ба

[175] Ниг.: Егорова М.А. «Нетрадиционные» объекты авторского права: критерии охраноспособности, механизмы защиты // Вестник Самарской гуманитарной академии. Серия «Право». – 2014. – № 1 (15). – С. 21-28.
[176] Ниг.: Сергеев А.П. Право интеллектуальной собственности в Российской Федерации. – М.: Проспект, 1999. – С. 56.
[177] Ниг.: Маченов Н.Ю. Правовая охрана программ для ЭВМ: дис. канд. юрид. наук. – М.: РГБ, 2007. – С. 53.

шакли барои коркарди мошин мувофиқ мебошад. Ҳамин тавр, барномаи компютерӣ, ки дар яке аз забонҳои барномасозӣ навишта шудааст, асари офаридаи марбут ба забон нест, чуноне ки ҳама гуна маҳсулоти бо асбобҳо сохташуда маҳсулоти аз онҳо пайдошуда ба ҳисоб намераванд, яъне барнома коркарди асари аввала намебошад. Барномаи компютерӣ объекти тамоман нави ҳимояи ҳуқуқӣ дар робита ба забон мебошад.

Бо вуҷуди ин, барномае, ки дар яке аз забонҳои барномасозӣ навишта шудааст, мантиқ ва рамзияти онро маҳфуз дошта, синтаксиси онро риоя мекунад. Аз ин ҷост, ки забони барномасозӣ бо ду роҳ падид меояд: ҳамчун маҷмуи қоидаҳои ифодаи алгоритм дар як шакл ва чун барномае, ки имкони амалӣ сохтани ин қоидаҳоро (компилятор) медиҳад. Агар барномаи бо забони навишташуда, асари тавлидӣ маҳсуб наёбад, яқин аст, ки имкони истифодаи мантиқ, қоидаҳо, сохтори забон ҳангоми таҳияи барномаҳои компютерӣ (инчунин имкони истифодаи минбаъдаи тиҷоратии ин гуна барномаҳо) бидуни розигии соҳибҳуқуқ забони барномасозӣ ҷоиз нест. Маҳз барои пешгирии ихтилофҳо дар ин масъала ва нигоҳ доштани тавозун байни манфиатҳои шахсиву ҷамъиятӣ, қонунгузор забонҳои барномасозиро аз муҳофизат баровардааст. Дар акси ҳол, эҳтимоли инҳисори индустрияи барномасозӣ зиёд мегардид.

Дар идомаи таҳқиқ мехоҳем ҷузъҳои ҷудогонаи барномаҳои компютериро ошкор намуда, муҳофизатпазирии онҳоро ба таҳлил гирем.

Қонунгузории амалкунанда мавҷудияти унсурҳои зерини барномаро нишон медиҳад:

– рамзи ибтидоӣ ё рамзи объект (худи барнома)

– интерфейс;

– алгоритм;

– ғояҳо ва принсипҳое, ки ба интерфейс ва алгоритм асос ёфтаанд;

– маводи тайёрӣ;

– намоиши аудиовизуалӣ[178].

Рамзи ибтидоӣ ё рамзи объект "пайкар"–и барнома аст. Фарқи байни онҳо дар он аст, ки матни аслӣ ин матни барнома дар яке аз забонҳои барномасозӣ мебошад, онро инсон дарк мекунад, аммо дар компютер иҷро карда намешавад (ҳадди ақал мустақим). Рамзи объект – ин барномаест, ки барои хониши мошинӣ (ва мошинӣ иҷрошаванда аст). Маҳз дар шакли рамзи объекти барномаҳо дар воситаи интиқол сабт мешавад. Баргардонидани барнома аз матн ба рамз ба таври худкор бо истифодаи барномаҳои тарҷумонӣ (транслятор) иҷро карда мешавад. Раванди баръакс (декомпилятсия) аз ҷиҳати назариявӣ имконпазир аст, аммо дар амал он хеле меҳнатталаб аст. Дар натиҷаи ин, одатан танҳо фаслҳо, фрагментҳои рамз пароканда карда мешаванд, вале дар мавриди зарурӣ, тамоми рамзҳо ҷудо карда намешаванд. Инчунин бояд қайд кард, ки мафҳуми «рамзи объект» аз мундариҷаи «рамзи ибтидоӣ» васеътар аст ва таҳлили чунин номувофиқӣ дар зер оварда хоҳад шуд.

Ҳам рамзи асосӣ ва ҳам рамзи объект мавзуи ҳуқуқи муаллифӣ мебошанд. Вақте ки барномаи компютерии дар воситаи интиқол сабтшуда маҷмуи файлҳоро ташкил медиҳад, он мураккабии муайянеро ба вуҷуд меорад, ки ин як ҳолати маъмулист. Дар байни онҳо ҳам худи модули иҷрошаванда (яъне файл бо васеъшавии "exe", ки компютерро ба кор медарорад) ва ҳамфайлҳо садоҳо, тасвирҳо, иттилооти ёрирасон ва ғайра мавҷуд аст.

Аммо дар асоси таърифи худи барнома (маҷмуи маълумот ва фармонҳо), ба хулосае метавон омад, ки барномаи якчанд файлдошта, маҷмуи барномаро ташкил намекунад. Чунин ба назар мерасад, ки он якчанд барномаро дарбар мегирад, ки ҳамаи онҳо барои расидан ба ҳадафи муайян пешбинӣ шудаанд.

Ҳам матни ибтидоӣ ва ҳам рамзи объект бо ҳуқуқи муаллифӣ танҳо аз мавқеи шакл ҳифз мешаванд. Яъне, бе розигии муаллиф барномаро дар ягон

[178] Ниг.: Кандратьева Е.А. Программа для ЭВМ как особый объект авторских прав // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобочевского. – 2015. – № 1. – С. 146-151.

шакл истифода бурдан мумкин нест. Аммо истифодаи барномаи мустақилона сохташудаи ба он монанд манъ нест.

Ин имкон дар назари аввал ба манфиатҳои моликияти муаллиф таҳдид мекунад, зеро нусхабардории барнома, тағйир додани якчанд қисматҳои он, ки барои қобилияти корӣ муҳим нестанд ва истифодаи он дар ин шакл, душворие пеш намеорад. Бо вуҷуди он чунин таҳдид қисман воқеӣ нест. Гап дар сари он аст, ки аз рамзи объект (барнома, тавре ки дар боло қайд карда шуд, дар ҳамин шакл паҳн мешавад) аниқ кардани принсипҳои барнома, махсусан алгоритми мукаммали кори он ғайриимкон аст. Декомпилятсия (парокандасозӣ) аз нуқтаи назариявӣ метавонад ин масъаларо ҳал кунад, аммо дар амал татбиқ кардани он қариб номумкин аст[179].

Ҳолати дар баҳори соли 2006 дар Ҷопон ба вуҷудомада, мисоли равшани ин иддао буда метавонад. Дар барномаи машҳури Wintry, осебпазирӣ ба ҳамлаи вирус ошкор карда шуд, ки дар натиҷаи он маълумоти махфии полис, артиш, хадамоти махсус ва корпоратсияҳои бузурги миллӣ барои ҳама дастрас шуданд. Муаллиф – Исаму Канеко – матни манбаъро нашр накардааст, аммо айни замон ӯ дар тафтишот қарор дорад. Суд ба ӯ тағйир додани барномаҳои навиштаашро манъ кардааст. Бартараф кардани осебпазирии барномаи Winny, ба гуфтаи муаллиф, душвор нест, аммо худи ӯ ҳақ надорад, ки ислоҳ кунад ва ҳеҷ каси дигар наметавонад барномаро вайрон кунад. Масъала ба дараҷае ҷиддист, ки худи сардори Девони Вазирони Ҷопон Синдзо Абэ ба мардум муроҷиат кард. Дар суханронииаш ӯ аз шаҳрвандон даъват ба амал овард, ки барномаи мазкурро истифода набаранд ва ин нотавонии ҳукумату масъулинро (ба истисноӣ муаллиф) дар ҳалли мушкилот эътироф кард. Бояд қайд кард, ки дар айни ҳолат сухан дар бораи барномаи хеле хурд, ки онро танҳо як нафар навиштааст, меравад. Яъне, ифшо накардани матни ибтидоӣ

[179] Ниг.: Илюшкин А.А. Программы для ЭВМ, базы данных и сайты в сети интернет в системе права интеллектуальной собственности [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/ (санаи муроҷиат: 04.11.2020).

имконияти бо ин ё он роҳ фаҳмидани принсипҳои барнома ва тағйир додани онро қариб комилан аз байн мебарад[180].

Қисми асосии декомпилизатсия ба омӯзиши барномаҳо нигаронида нашуда, балки ба истифодаи ғайриқонунии барномаҳо, нусхабардорӣ накарда, корношоям намудану шикастани паролҳо ва ғайра равона карда шудааст. Дар чунин ҳолатҳо, танҳо қисмҳои хурди рамзи объект ҷудо карда мешавад, одатан дар матни барнома танҳо чанд аломат иваз карда мешавад, яъне бо ин усул барномаҳоро омӯхтан ғайриимкон аст. Зиёда аз ин, чунин амалҳо бо ҳуқуқи муаллиф манъ карда шудаанд ва паҳншавии онҳо на ба хусусиятҳои низоми ҳуқуқӣ, балки ба сифати татбиқи ҳуқуқ (қонун) вобаста аст.

Интерфейс ҷузъи муҳимми ҳар як барномаи компютерист. Танҳо интерфейси босифат татбиқшуда ҳатто ба корбари нобалад метавонад бо барнома самаранок кор кунад, албатта бояд донад, ки барои ба даст овардани ин ё он натиҷа кадом амалҳо, амалиётҳо бояд иҷро шаванд.

Интерфейс чӣ маъно дорад? Ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, интерфейс воситаи гуфтугӯи байни барнома ва мошин бо корбар ва муколама байни дастгоҳҳои гуногуни компютерӣ мебошад[181]. Ба гуфти дигарон –воситаи ҳамкориест байни барнома ва компютер[182].

Таърифи аввал моҳияти интерфейсро пурра инъикос мекунад, аммо муколамаи байни барнома ва мошинро зикр намекунад. Ҳамин тавр, интерфейсро чун маҷмуи воситаҳо ва усулҳои ҳамкории мутақобилаи шахс, ҷузъҳои дастгоҳҳо ва барнома фаҳмидан мумкин аст. Зарур аст, ки меъёрҳои муҳофизатпазирии интерфейс аниқ карда шаванд. Аввалан, интерфейс, мисли ҳама гуна дигар объекти ҳуқуқи муаллифӣ, бояд ба талаботи умумии муҳофизатпазирӣ мутобиқ бошад: он бояд дар натиҷаи фаъолиятҳои хусусияти эҷодидошта сохта шавад. Сониян, танҳо татбиқи интерфейс дар ҳама гуна шаклҳои объективӣ бо механизми ҳуқуқи муаллифӣ ҳифз карда мешавад.

---

[180] Ниг.: Маченов Н.Ю. Правовая охрана программ для ЭВМ: дис. канд. юрид. наук. – М.: РГБ. 2007. – С. 56-57.

[181] Ниг.: Носова И.Л. Правовая охрана программ для ЭВМ в современных условиях: дис. канд. юрид. наук. – М., 1997. – С. 96

[182] Ниг.: Гришаев СП. Интеллектуальная собственность: учебное пособие. – М.: Юристъ, 2004. – С. 59.

Идеяҳо ва принсипҳое, ки асоси онро ташкил медиҳанд, объекти муҳофизат ба ҳисоб намераванд, яъне бо рангҳои алоҳида нишон додани муҳимтарин мавод дар экран, суробнамоҳои огоҳикунанда, равзанаи ивазшаванда, комбинатсияи тугмачаҳои идоракунанда, ки ба ҳар кадоме амалиёти алоҳидае муқаррар карда шудааст, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳифз карда намешаванд[183].

Албатта, тибқи қонун муайян кардани меъёрҳои хусусияти эҷодӣ доштан ё надоштани меҳнати муаллиф дар сохтани интерфейс ғайриимкон аст. Яъне, дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ муайян кардан душвор аст, ки то кадом миқдору дараҷа ва андоза истифода шудани интерфейс вайрон кардани ҳуқуқи муаллифии офаридаи барномаи аслӣ ҳисобида мешавад. Ҷавоби ин саволро метавон танҳо ба тартиби судӣ муқаррар намуд. Барои ин, муайян кардан лозим аст, ки оё истифодабарандаи бо барномаи ибтидоӣ таҷрибаи коридошта ба як шахс дахл доштан ё надоштани таълифи барнома, айни як барнома будан ё монанди он будан ва иқтибоси интерфейсро дарк менамояд ё не. Мехостем қайд намоем, ки тақрибан ҳар як корбари бо барномаҳои зиёду гуногун сарукордошта, метавонад камтарин унсури аз барномаи дигар гирифташудаи интерфейсро зуд эҳсос намояд.

Яке аз намунаҳои интерфейси муҳофизатшаванда интерфейси бозии динамикии компютерӣ мебошад. Истифодаи интерфейси бо барномаи аслӣ айниятдошта дар барномаи мустақил тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, вайронкунии ҳуқуқи муаллифӣ ҳисобида мешавад, ҳатто агар барномасозон як нусхаи рамзи барномавии бозиро нагирифта бошанд.

Намунаи интерфейси ҳифзнашаванда истифодаи номгӯи бисёрдараҷа, тугмаҳои виртуалӣ, бо ранг ҷудо кардани фармоишҳои муҳим буда метавонад, яъне ҳолатҳое, ки талаботи хусусияти эҷодидоштаи фаъолияти офарандаи барнома қонеъ карда намешавад.

---

[183] Ниг.: Черникова А.Е. Компьютерная программа как объек права [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/ (санаи муроҷиат: 25.11.2021).

Қонунгузории хориҷӣ ба хусусияти ҳуқуқӣ ва амнияти интерфейс назари дигар дорад[184]. Масалан, таҷрибаи иҷозатномадиҳии Идораи патентии Аврупо дар хусуси ба унсурҳои муайяни интерфейс додани иҷозатнома мавҷуд аст, ки танҳо бо пешниҳод кардани иттилоот маҳдуд мебошад. Аз ҷумла, аз тарафи Дафтари патентии Аврупо патентҳои № EP0689133 барои истифодаи гузоштаҳо (вкладок) дода шудааст (вақте ки дар экран ҳамзамон гузоштаи ҷорӣ ва мундариҷаи гузошта тасвир меёбанд, ҳангоми аз мундариҷа даъват кардани яке аз гузоштаҳо он ба ҷорӣ табдил меёбад) ва № EP0537100 барои истифодаи пешнамоиш (ҳангоми дар экран мавҷуд будани маълумоти фишурда, ки корбар имкони доништа гирифтани мазмуни тахминии онро дорад. Агар корбар онро даъват намояд, маълумоти пурраи он муҳайё мегардад). Аслан, ин иҷозатномаҳо ғояҳои гуногуни ташкили интерфейсро ифода мекунанд. Мутобиқи қонунгузории Россия, тавре ки дар боло зикраш рафт, чунин объектҳо ҳимоя карда намешаванд.

Алгоритмро бо барнома айният додан мумкин аст, агар он шакли объективӣ (аз ҷумла дар забони барномасозӣ) дошта бошад, барои коркарди иттилоот тарҳрезӣ шуда бошад ва дар дастгоҳ истифода шавад. Тамоми қадамҳои асосии аз ҷониби мошин ҳангоми иҷрои барнома истифодашаванда дар алгоритм мавҷуданд. Алгоритм, чун натиҷаи меҳнати эҷодии инсон, объекти ҳуқуқи муаллифӣ маҳсуб меёбад, вале агар шакли объективӣ дошта бошад. Агар он ҳангоми таҳияи барнома дар коғаз ё маводи дигар сабт шуда бошад, онро метавон бешубҳа мансуби маводи тайёрӣ ҳисобид, ки ин масъалаи муҳофизатпазирӣ буда, поёнтар шарҳ медиҳем. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд шудааст, ки "ба ҳайси объекти ҳифз на идеяе дониста мешавад, ки дар алгоритм ифода ёфтааст, балки танҳо татбиқи мушаххаси ҳамин алгоритм дар шакли пайдарҳамии операторҳо ва амалҳои идоракунандаи ин

[184] Ниг.: Яковенко Д.А. Договорное оформление передачи прав на программы для ЭВМ в гражданском законодательстве Германии // Ученые труды Российской академии адвокатуры и нотариата. – 2013. – №3 (30). – С. 122-124.

операторҳо, яъне: сабти рамзии пайдарпаҳамии мушаххаси операторон ва амалҳои идоракунандаи онон "[185].

Чунин масъалагузорӣ дуруст нест, зеро ба ғоя на татбиқи он дар шакли алгоритм, балки татбиқи худи алгоритм дар шакли пайдарпайии операторҳо муқобил гузошта мешавад. Ин қабил татбиқи алгоритмро метавон барнома номид, ҳарчанд ки чун истилоҳ расмият гуфтан беҳтар аст. Татбиқи алгоритмро (баръакси расмият) дар мутобиқ бо ин алгоритм, ки бо ҳуқуқи муаллиф ҳифз карда намешавад, иҷрои амал номидан дурусттар аст.

Албатта, дар асоси ҳамон як алгоритм якчанд барномаи дигар сохтан мумкин аст, ки ҳеҷ кадоме ҳуқуқҳои муаллифи ҳамин гуна барномаро вайрон намекунад.

Ғояҳо ва принсипҳое, ки асоси интерфейс ва ё алгоритм мебошанд, тавре ки дар боло зикр шуд, объекти ҳуқуқи муаллифӣ нестанд. Дар ҳақиқат, ҳуқуқи муаллифӣ танҳо шакли ғояҳои объективиро ҳифз мекунад. Маҳз ҳамин имкон медиҳад, ки якчанд асари дар асоси ҳамон як сюжет, ният, мавзуъ эҷодшуда мустақилона истифода шаванд.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таърифи маълуми маводи тайёрии барномаҳои компютерӣ дода нашудааст. Ба ақидаи аксарияти муҳаққиқон, маводи омодасозӣ метавонад ҳам маводи дар давоми таҳияи барнома бадастовардашуда ва ҳам маводи ёрирасонро дар бар гирад, ки маънои маводест, ки бо мақсади осон кардани дарк ё татбиқи барнома, масалан, тасвир ва дастур барои корбар, тартиб дода мешавад.

Ҳангоми таҳияи барномаҳо маводи тайёри беасос сарфи назар карда мешавад. Бо вуҷуди ин, ҳарчи мукаммалтар инъикос ёфтани паҳлуҳои гуногуни барнома дар маводи тайёр миқдори унсурҳои ҳифзшавандаи онро меафзояд. Ин метавонад ба намудҳои гуногуни мурофиаҳои марбут ба муқаррар намудани муаллифӣ, далелҳои истифодаи ғайриқонунӣ ва ғайра кумаки назаррас расонад. Ба гуфти И.А. Носова, коркарди муфассали бастаи

[185] Ниг.: Виталиев Г.В. Правовая охрана программ для ЭВМ и баз данных // Защита прав создателей и пользователей программ для ЭВМ и баз данных. – М., 1996. – С. 15

нақшаҳои барнома барои компютерҳо ва ворид кардани он ба маводи тайёр имкон медиҳад, ки дар сурати баҳс будан ё набудани плагиатро аниқ муайян кунад. Воқеан, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маводҳои тайёриро (аз ҷумла бастаи нақшаҳоро) ҳамчун барнома эътироф намояд, пас баргардон (тарҷумаи)–и бастаи нақшаҳо дар матни асл ё рамзи объект танҳо бо розигии муаллиф метавонад сурат гирад. Яъне, ҳангоми сохтани бастаи нақшаҳои ниҳоят муфассал, ки метавон яке аз забонҳои барномасозӣ номид, муаллиф ҳуқуқ пайдо менамояд, ки ба шахси сеюм бо ягон забони дар ин бастаи нақшаҳо истифодашуда сохтани барномаро манъ кунад[186].

Маводҳои тайёрӣ метавонанд объекти мустақили ҳуқуқи муаллифӣ бошанд, дар ин ҳолат истифодаи онҳо дар таркиби барномаи компютерӣ танҳо бо розигии муаллиф имконпазир аст, албатта агар муаллифи барнома ва муаллифи маводи тайёрӣ як шахс набошад.

Намоишҳои аудивизуалиро, ки дар натиҷаи иҷрои барномаи компютерӣ ба вуҷуд меояд, қисми 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста он», ба ҷузъҳои барномаҳои компютерӣ мансуб медонад. Намоишҳои аудиовизуалиро ба се намуд ҷудо кардан мумкин аст:

1. Интерфейси корбар, яъне маҷмуи асбобҳо барои иртиботи корбар бо барнома ва мошин. Ба ин намуд навъҳои гуногуни тугмаҳои виртуалӣ, равзанаҳои огоҳикунанда, сигналҳои садоӣ, ҳошияҳо барои ворид кардани маълумотҳо ва ғайраро мансуб донистан мумкин аст. Бо кумаки онҳо шахс мошинро идора карда, дар бораи ҳолати он маълумот мегирад.

2. Унсурҳои тарроҳӣ, ки интерфейс нестанд. Ба ин гуна объектҳо таворача (заставка)–ҳое, ки ҳангоми ба кор даровардани компютер пайдо мешаванд, титр ҳангоми анҷоми кор, мусиқии ҷӯркунандаи (сопровождающие) раванди кор дохил мешаванд. Бо эҳтимолияти муайян гуфтан мумкин аст, ки ин унсурҳо "барои зебоӣ" истифода мешаванд, яъне онҳо танҳо вазифаи эстетикиро иҷро мекунанд.

186 Ниг.: Носова И.Л. Правовая охрана программ для ЭВМ в современных условиях: дис. канд. юрид. наук. – М., 1997. – С. 102-104.

3. Тасвираҳои аудиовизуалӣ, ки ҷузъи барномаи иҷрошаванда нестанд.

а) тасвира, ки натиҷаи бевоситаи (ғайримуқаррарӣ) кори барнома мебошад. Ба он матнеро, ки ҳангоми пахши клавиатура намудор мегардад, тасвирҳои визуалиро ҳангоми таҳрир дар муҳаррири матнӣ, асарҳои мусиқиро ҳангоми сохтани онҳо, графикаю диаграммаҳои гуногунро дар барномаи баҳисобгирии оморӣ, ворид кардан мумкин аст. Инҳо воситаи гуфтугӯ бо мошина буда, маҳз натиҷаи кори он мебошанд;

б) объектҳо дар шакли рақамӣ, ки бо ёрии барнома инъикос мешаванд. Чунин объектҳо дар ҳолате пайдо мешавад, ки корбар бо ёрии барнома мусиқӣ гӯш мекунад, филм ё ашёи санъати тасвириро тамошо мекунад ва матнеро меомӯзад. Албатта намоишҳои аудиовизуалии аз ҷониби барнома эҷодшуда ба он ҳеҷ робитае надоранд.

Се сатҳи ҳифзи барномаи компютерӣ мавҷуд аст. Сатҳи аввал мустаҳкамкунии қонунии ҳуқуқи муаллифӣ мебошад, ки ҳифзи умумиро таъмин менамояд. Сатҳи дуюм аз воситаҳои техникии ҳифз иборат аст. Ниҳоят, сатҳи сеюм ҳифзи худи воситаҳои техникӣ мебошад. Ин се дараҷаи ҳимоя маълум мекунанд, ки агар корбар амали аз ҷониби соҳибҳуқуқи муаллифӣ манъ карда ва бо воситаи техникӣ "қатъшуда"–ро иҷро намояд, якбора ду ҷиноят содир мекунад: яке зидди ҳуқуқи муаллиф ва дигаре бар зидди воситаҳои техникӣ.

Оқибатҳои ин баъзан бемаънӣ мебошанд. Агар корбар ҳангоми тавассути барномаи компютерӣ амал карданаш, ки барои он иҷозати соҳибҳуқуқ лозим нест, ҳифзи техникиро вайрон кунад ҳам, ҷавобгар мешавад. Ҷавобгарии граждании дар асоси товони зарар амал менамояд, аммо дар ҳолати мазкур ба назар чунин менамояд, ки сухан дар бораи масъулияти пешгирикунанда меравад. Аммо чӣ зарур аст, ки барои безараргардонии механизми муҳофизат ҷазои иловагӣ зам карда шавад?

Чунин "қонунвайронкуниҳо" рӯй намедиҳад, агар воситаҳои техникии ҳифз ҳадафҳои мантиқӣ ва қонунӣ дошта бошанд. Масалан, Шива Вайдхянатан, таҳиякунандаи машҳури шабака дар китоби худ "Copyrights и copywrongs:

ҳуҷуми моликияти зеҳнӣ ва чӣ гуна он ба эҷодиёт таъсир мерасонад” менависад: “ба назарам фикри ҷолибу мукаммал, аммо вақт вақташ барои тамошои санҷишии маҳсулот маҳдуд аст. Агар муҳофизат танҳо барои ҳамин, барои ба мо пешниҳод кардани интихоб истифода мешуд, ман онро намешикастам. Вале ҳифз барои маҳдуд кардани шаклҳои анъанавии фурӯш истифода мешавад. То даме, ки ношир боисрор  барои манъи ҳуқуқҳое, ки мо дар муомилаи анъанавии худ дорем, мебарояд, мо бо чораҳои техникию ҳуқуқӣ муқобилат нишон медиҳем "[187].

Маълум мешавад, ки ҳифзи худи воситаҳои техникии муҳофизат аз ҳад зиёданд. Ворид кардани он ҳимояи барномаҳои компютериро тақвият намедиҳад ва пеш аз ҳама механизми ҳимояи сармоягузорӣ мебошад, ки барои онро тахти ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ гузоштан асос шуда наметавонад. Воситаҳои технологии ҳифз набояд  худ ба худ бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳимоя карда шавад. Бинобар он моддаи 48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он" бояд аз он хориҷ карда шавад. Илова бар ин, ҳама гуна низоми ҳимояи ҳуқуқии воситаҳои техникии баррасишаванда бояд бо назардошти имконияти дастрасӣ ба иттилоот ва моликияти ҷамъиятӣ амалӣ карда шаванд ва имкон диҳад, ки истисноҳо ба ҳуқуқи муаллифӣ татбиқ гардад.

Дар ин қисми кор имконот ва хусусиятҳои ҳифзи ҳуқуқи муаллифии барномаҳо, алгоритмҳое, ки асоси онро ташкил медиҳанд, унсурҳои интерфейс ва воситаҳои техникии ҳифз мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Акнун ба мақсад мувофиқ аст, ки раванди татбиқи барномаҳои компютерӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқи муаллифӣ, ки моҳияти ин рӯйдодро муайян мекунад  ва имкони ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ  таҳлил карда шаванд.

Мақсади офаридани барномаи компютерӣ истифодаи имконияти иҷрои он мебошад. Ба ин маънӣ, барнома бештар ба асари мусиқӣ монанд аст, бо вижагии оне ки иҷрогар на шахс, балки механизм аст. Ҳамин тариқ, иҷрои

[187] Ниг.: Siva Vaidhyanathan. Copyrights and Copywrongs. 2 Pamela Samuelson. DRM (and, or, vs.) the law II Communications of the ACM. April 2003/ Vol/46, № 4. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://homepages.nyu.edu/~sv24/. (санаи муроҷиат: 25.11.2021).

барномаи компютериро бо кори қуттии мусиқӣ, доира ва фортепианои механикӣ монанд кардан дуруст аст[188]. Дар ин маврид сухан дар бораи иҷрои барнома бо истифода аз компютер, мувофиқи банди 11–уми моддаи 3–юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он" меравад, ки гуфта шудааст: «иҷро – тавассути бозӣ, суруд, рақс дар шакли иҷрои ҳақиқӣ ё бо ёрии ягон василаи техникӣ (барномаҳои телевизион ва радио, телевизиони кабелӣ ва ғайра) пешкаш кардани асар, фонограмма, иҷро, намоиш; нишон додани кадрҳои асари аудиовизуалӣ аз рӯйи тартиби онҳо (боовоз ё беовоз)» дар назар дошта шудааст.

Аз муқаррароти боло хулоса баровардан мумкин аст, ки дар саҳна иҷрои асар ҳам бо иштироки иҷрокунандагон – ашхосе, ки асарҳоро тавассути бозӣ, хондан, сурудхонӣ, рақс манзур менамоянд, инчунин бе иштироки онҳо – бо истифода аз воситаҳои техникӣ (нишон додани лаҳзаҳои асари аудиовизуалӣ) низ мумкин аст. Асари саҳнавӣ бидуни иҷрокунада ҳам мумкин аст, зеро асарҳои жанри мултипликатсионӣ, ки дар он ҷо иштироки ҳунармандони зинда пешбинӣ нашудааст, метавонад ба асарҳои аудиовизуалӣ, ки дар муқаррарот зикр шудаанд, мансуб documented дониста шавад. Албатта, дар ин ҳолат, бинобар мавҷуд набудани субъекти ҳуқуқи муштарак ё вобаста ба он, муаммои ҳуқуқи муштарак низ ба миён намеояд. Ба андешаи мо ба варианти бидуни иштироки одам (иҷрогар) иҷро карда шудани амал, ба ҷуз нишон додани лаҳзаҳои кори аудиовизуалӣ, инчунин метавонад кори қуттии мусиқӣ, фортепианои механикӣ ва кори компютере, ки супоришро тибқи барномае иҷро мекунад, мансуб донистан мумкин аст. Дар ҳақиқат, барномаҳо, мисли баъзе объектҳои дигари ҳуқуқи муаллифӣ (мусиқӣ, аудиовизуалӣ, хореографӣ) барои дарки бевосита пешбинӣ нашудаанд ва аз ин рӯ, «татбиқ»–и онҳо низ бояд ҳамчун иҷро баррасӣ карда шавад[189]. Ғайр аз он, як ҷузъи

[188] Ниг.: Ревинский О.В. Правовые аспекты отграничения охраноспособных решений в области компьютерных технологий: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2000. – С. 70.; Яковенко Д.А. Договорное оформление передачи прав на программы для ЭВМ в гражданском законодательстве Германии // Ученые труды Российской академии адвокатуры и нотариата. – 2013. – №3 (30). – С. 122-124.

[189] Ниг.: Исмоилов Ш.М. Правовые аспекты интеллектуальной собственности // Сборник избранных статей. – Душанбе, 2021. – 632 с.

муҳимми муқаррароти дар боло овардашуда дар моддаи 3–юми Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», «пешниҳоди асарҳо» мебошад.

Азбаски чанде қабл дар ин таҳқиқот қайд карда будем, ки МЭҲ табдилдиҳии иттилоотро ба амал меорад, нисбат ба барномаи компютерӣ "пешниҳод" ба корбар манзур кардани иттилооти аз тарафи компютер коркардшударо ифода мекунад.

Ҳамин тавр, барои корҳое, ки мустақиман дарк карда намешаванд, «намоиш» ба иҷро расонидани он кор ҳисобида мешавад, яъне ин дурустии хулосаи болоро дар хусуси бе иҷрогар имкон доштани иҷрои амале тасдиқ мекунад.

Тасвияи меъёр мавҷудияти ягон самару натиҷаи иловагиро ғайр аз «пешниҳоди асарҳо» ё «намоиш» дар назар надорад, вале имконияти мавҷудияти онро низ истисно намекунад. Аз ин ҷост, ки чунин натиҷаву таъсири эҳтимолӣ метавонад берун аз доираи ҳуқуқи муаллифӣ вуҷуд дошта бошад. Кори компютер бо пешниҳоди маълумот мутобиқи барнома бояд ҳамчун иҷро қабул карда шавад[190]. Ин нуқтаи назар оқибатҳои дурбинона дорад. Аввалан, тавре ки қаблан гуфта шуд, ҳуқуқи муаллифӣ ҳангоми иҷрои асарҳо ғайр аз пешниҳоди онҳо ягон таъсир намерасонад, бинобар ин, ягон таъсири иловагӣ натиҷаи махсусиятҳои дастгоҳи техникӣ мебошад, ки бо ёрии он на фақат барнома, балки маҳз амале ба иҷро мерасад. Яъне, алоқаи бевоситаи хаёлӣ байни барнома ва таъсири иловагӣ, ки метавонад компютери тахти назорати он коркунанда боис шавад, аён мегардад. Сониян, кори муътадили компютер оид ба коркарди иттилоот дар соҳаи ҳуқуқи муаллифӣ боқӣ мемонад, яъне самараи техникии ин кор рад карда мешавад, аниқтараш, чӣ тавре ки байни таҷдиди оҳангҳои мухталиф бо пианинои механикӣ фарқи техникӣ вуҷуд надорад, дар иҷрои барномаҳои гуногун низ фарқ гузошта намешавад; имкони ҷудо кардани усулҳои патентнопазири коркарди иттилоот

[190] Ниг.: Середа С.А. Правовой подход к программному обеспечению: требуются изменения // Патенты и лицензии. – 2004. – №1. – С. 34-42.

аз объектҳои ҳуқуқи патентӣ ба вуҷуд меояд, ки усулҳои ягон навъи самараи техникии мушаххасро тасвир мекунанд, аз он ҷумлаанд.

Бо дарназардошти он ки дар раванди иҷрои барномаи компютерӣ компютер иттилоот, яъне объекти ғайримоддиро коркард мекунад ва ҳамаи шабеҳ (аналог) - ҳои дар боло зикршуда (пианинои механикӣ ва ғайра) объекти моддианд, саволе ба миён меояд, ки шояд коркарди маводро алоҳида маҳфуз доштан мақсаднок бошад? Албатта, дар ин ҳолат, на амали компютерҳои ҷудогона оид ба коркарди иттилоот, балки маҷмуи номгӯи эҳтимолӣ ҳифз карда мешавад, ба ҷуз амали татбиқшаванда, ки ҳангоми татбиқи усули кокарди иттилооти ҳифзшаванда ҳама гуна мошин иҷро карданаш мумкин аст. Аммо, агар мо бигӯем, ки дар муҳокимаи мазкур ба ҳимояи минбаъда «маҷмуи амалҳо», «усули коркард» ҳифз карда шавад, пас бояд ба ҳисоб гирифт, ки низоми қонуни патентӣ ба чунин объектҳо низ тааллуқ дорад. Масъалаи имкони муҳофизати усулҳои коркарди иттилоот бо қонунгузории патентӣ дар қисми пешинаи диссертатсия баррасӣ карда шуд.

Ҳоло як қатор хусусиятҳои ҳифзи ҳуқуқи муаллифии барномаи компютериро таҳлил намоем, ки ба ақидаи баъзе муҳаққиқон оқибатҳои манфӣ доранд.

Аввалан, гаронбаҳотарин унсури барнома алгоритм аст, вале он бо ҳуқуқи муаллиф ҳифз карда намешавад ва ашхосе, ки барои коркарди он саҳме надоранд, метавонанд онро бидуни монеа аз они худ кунанд.

Дар ҳақиқат, ҳуқуқи муаллифӣ на мундариҷаи асар, балки танҳо шаклро ҳифз мекунад[191]. Ҳамин тавр, агар ҳангоми навиштани барнома алгоритми он сабт шуда бошад (аз ҷумла дар шакли диаграммаи муфассали бастаи нақша), он низ бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифз карда мешавад ва айнан нусхабардорӣ кардани он ҳангоми таҳияи дигар маҳсулоти барномавӣ ҳуқуқвайронкунӣ дониста мешавад. Муҳофизатпазирии алгоритм дар ин шакл аз ҷониби Носова

[191] Ниг.: Кандратьева Е.А. Программа для ЭВМ как особый объект авторских прав // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобочевского. – 2015. – № 1. – С. 146-151.

И.А. боэътимод исбот шудааст[192]. Сониян, қайд карда шудааст, ки ҳифзи ҳуқуқи муаллифии барномаҳо ба он оварда мерасонад, ки дар бозор шумораи зиёди чунин барномаҳо мавҷуданд, ки аз ҳам фарқияти кам доранд ва бозор бо барномаҳои паразитӣ аз ҳад пур шудааст, "ва шумораи онҳо боз ҳам меафзояд.

Чунин вазъияти бозорро манфӣ баррасӣ кардан душвор аст. Ҳар қадаре ки маҳсулоти бозор гуногун бошад, истеъмолкунанда ҳамон андоза зудтару беҳтар маҳсулоти барояш мувофиқро ёфта мегирад. Фаровонии барномаҳо дар бозор инчунин ба коҳиши чашмрасе оварда мерасонад, ки онро низ метавон мусбат ҳисобид. Аз вазъияти бавуҷудомада, барои барномасозони машҳур ё ширкатҳои истеҳсолӣ (ба шарофати салоҳияташон), ширкатҳои хурд (ба туфайли сиёсати тағйирёбандаи нарх), инчунин корбарон бештар бурд хоҳанд кард. Ба ҳар сурат, чунин вазъият на ба механизмҳои ҳуқуқӣ, балки ба доираи иқтисодӣ асос меёбад.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосаҳои зерин расидан мумкин аст.

1. Барномаи компютерӣ объекти ғайримуқаррарии ҳуқуқи муаллифӣ аст ва бо вуҷуди ба ҳуқуқи муаллифӣ комилан асоснок тааллуқдор буданаш, он аз асарҳои адабӣ як қатор фарқиятҳои куллиро дорост. Тавсия дода мешавад, ки кори компютереро, ки бо пешниҳоди маълумот тибқи барнома анҷомидааст, ҳамчун иҷро ба эътибор гирифтан дуруст мебошад. Воситаҳои ҳуқуқи муаллифӣ барои ҳифзи худи барномаи компютерӣ, инчунин маводи тайёрӣ, бастаи нақшаҳо, алгоритмҳо ва унсурҳои интерфейс кофӣ мебошад.

2. Зиёда аз ин истифодаи воситаҳои техникии ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ, дар аксари маврид соҳибҳуқукро нисбат ба мухолифаш, ки метавонад мувофиқи хоҳиши худ ҳатто бо ҳуқуқҳои пештар доштааш дар мақоми манфиатноктар мегузорад. Чунин воситаҳои техникии ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ (аслан–воситаи идораи ҳуқуқи корбар) худ ба худ мутлақо беасос бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифз карда мешавад. Аз ин лиҳоз пешниҳод гардид, ки моддаи 24 аз

[192] Ниг.: Носова И.А. Правовая охрана программ для ЭВМ в современных условиях: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1997. – С. 96

Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» хориҷ карда шавад.

# БОБИ III. РУШДИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ ДАР СОҲАИ БАРНОМАИ КОМПЮТЕРӢ: ДУРНАМО ВА ТАВСИЯҲО

Наметавон бо фикри Р.А. Евдокимов дар он хусус розӣ нашуд, ки «ҷомеаи муосир дар давраи технологияи сифрӣ зиндагӣ дорад, ӯро алакай бидуни суръати мубодилаи ахборотӣ ва бидуни дастгоҳи сифрии мухталифе наметавон тасаввур кард, ки ҳамарӯза қариб ҳар як фард истифода мебарад. Муҳимтарин унсури падидаи ахборотӣ – барномаҳои компютерӣ маҳсуб меёбад. Доираи истифодаи онҳо бениҳоят фарох буда, суръати пайдоишашон дар соҳаҳои нав бузург аст»[193].

Миёнаҳои садаи XX В. И. Мухопад қайд карда буд, ки «ҳоло аллакай «заводҳои асри XXI» бунёд меёбанд, … дар асоси идораи мутамарказ тибқи МЭҲ,… истеҳсоли техникаҳои маишӣ бо истифодаи мини ва микро МЭҲ–ҳо, инчунин ҷиҳозонидани онҳо бо идораи барномавӣ беш аз пеш истеҳсоли рушди зиёд пайдо карда истодааст»[194].

Ҳамон тавре ки пештар баррасӣ шуда буд, истифодаи барномаҳои компютерӣ ва рушди бозори технология бо ҳам робитаи ногусастанӣ доранд. Дар айни замон танзими ҳуқуқӣ на ҳамеша метавонад ба даъватҳои нав ба нави ҷониби новатсияи техникӣ ё юридикӣ «ҷавоб»–и саривақтӣ диҳад. Баъзе мутахассисони бо омӯзиши муаммоҳои барномаҳои компютерӣ машғулбуда, бар онанд, ки қонунгузорӣ бояд бо дарназардошти бисёр падидаҳои нав, нозукию мушаххасии татбиқсозӣ такмил ёбад. Дигарон, баръакс низоми танзими ҷоришударо комилан ҷавобгӯ ҳисобида, мепиндоранд, ки тағйироти ҷиддӣ лозим нест ва танҳо аниқ кардани баъзе мураккабию масоили тартиботи судӣ ё қабули асноди зерқонуниро кофӣ медонанд. Поёнтар мо ин ҳар ду нуктаи назарро баррасӣ хоҳем кард.

Албатта, дар айни замон масъалаи барномаҳои озоду кушод нисбатан

---

[193] Ниг.: Евдокимов Р.А. Правовое регулирование охраны компьютерных программ (теоретические и практические проблемы): дис. …к.ю.н.. - М.: 2015. – С. 173.
[194] Ниг.: Гурянов К.В. Развитие законодательной базы в сфере охраны компьютерной интелектуальной собственности [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/ (санаи муроҷиат: 04.11.2020).

фаъолтар муҳокима шуда истодаанд ва ин дар охири соли 2014 ворид карда шудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» вобастагӣ дорад. Дар воқеъ дар раванди ворид намудани тағйирот ба лоиҳа баҳсу мунозираи тулонӣ сурат гирифта буд, пас аз қабули он бошад, мубрамии онҳо боз ҳам бештар аён гардид. Бинобар он, муҳокимаи тағйироти мазкур, нисбати имконпазирии қабули тарзҳои алоҳидаи ҳифзи барномаҳо баъди қувваи қонунӣ пайдо намудани қонуни такмилёфта, албатта, муносибати ҷиддӣ ва мусолиматомезро тақозо дорад. Вале, танҳо бо қонуни мазкур маҳдуд нашуда, зарурати қабули қисми IV КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта шавад, ҳамчунин ҳатман дигар ташаббусҳои мутахассисонро дар ин соҳа бояд ба ҳисоб гирифт (аз ҷумла ҷанбаи таърихиашро низ), ки  ба тағйироту рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шуда бошад ва муносибатҳоро оид ба ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ танзим намояд.

Дар бораи зарурати қабули қисми IV КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан ронда, бояд қайд кард, ки дар қисмҳои ҳамгуни КГ–и давлатҳои ИДМ, аз ҷумла Федератсияи Россия, тағйиротҳое ба назар мерасанд, ки ба шартномаҳои литсензионии классикӣ он қадар дахлдор нестанд. Бо вуҷуди он, дар онҳо ақаллан ду нақшаи фармоиш ҳуқуқи мутлақи ба барномаҳо робитадор илова шудааст, инчунин, талаботи шартномаҳои литсенсионӣ муайян карда шудааст. Дар асоси таҷрибаи қабули КГ дар Федератсияи Россия ба қабули навгониҳо диққат дода, равияҳои зарурии рушди қонунгузории ватаниро қайд кардан лозим аст[195].

Дар моддаи алоҳидаи қисми 4–уми КГ Федератсияи Россия гуфта мешавад, ки ҳуқуқи соҳибҳуқуқ дар бораи ба ҳама кас пешниҳод намудани ҳуқуқи имкони истифодаи ройгони осори илмӣ, адабӣ ё санъати мансуби худ ё объектҳои ҳуқуқи муштарак тибқи шартҳои аз тарафи соҳибҳуқуқ муайянкардашуда ва дар муҳлати муқарраркардаи ӯ ошкоро маълум карда

[195] Ниг.: Гаврилов Э.П. Совершенствование законодательства об интеллектуальной собственности: есть проблемы // Патенты и лицензии. – 2015. – №12. – С. 2-8.

шавад.

Аз дастури меъёри баррасишавандаи КМ дур шуда, қайд кардан лозим аст, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ариза бо роҳи дар сайти Маркази патенту иттилоотии назди Вазорати рушди иқтисодӣ ва савдои ҷмуҳурӣ  дар шабакаи «Интернет» ирсол кардан мумкин аст. Мақоми мазкури ҳукумати иҷроия масъули ворид намудани чунин аризаҳост, тартиботу шартҳои ҷойгир намуданро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд[196].

Дар ариза бояд маълумоти мушаххассозандаи соҳибҳуқуқ ва асари ба ӯ дахлдошта ё объекти ҳуқуқҳои вобастаи муаллифӣ нишон дода шавад. Агар дар аризаи соҳибҳуқуқ муҳлат нишон дода нашуда бошад, муҳлати мазкур панҷ сол ҳисобида мешавад.

Дар сурати дар аризаи соҳибҳуқуқ нишон дода нашудани ҳудуд, ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар муҳлати баррасӣ ариза бозхонд карда намешавад ва шартҳои истифодаи дар он ба назаргирифташуда маҳдуд гардонида намешаванд. Дар сурати барои истифодаи асар ё объекти ҳуқуқи вобаста ба муаллифӣ мавҷуд будани шартномаи литсензионӣ, соҳибҳуқуқ ҳақ надорад дар доираи он фаъолияти нишондодашударо амалӣ гардонад. Агар соҳибҳуқуқ фаъолияти мазкурро дар сурати мавҷуд будани шартномаи литсензионие амалӣ гардонад, ки барои истифодаи асар ё объекти ҳуқуқи муштарак дар ҳамон ғайриройгон иҷозат медиҳад, чунин шартнома беэътибор дониста мешавад. Соҳибҳуқуқе, ки чунин ариза пешниҳод намудааст, дар сурати мавҷуд будани  шартномаи литсензионии амалкунанда, бояд зарари ба шартномадиҳанда расонидаашро пардохт намояд.

Агар ҳуқуқи мустасноӣ ба асар ё объекти ҳуқуқҳои вобаста ба он дар натиҷаи ғайриқонунӣ пешниҳод кардани ариза, ки мувофиқи ҳамин банд оварда шудааст, вайрон карда шуда бошад, муаллиф ё соҳибҳуқуқи дигар ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки нисбати қонуншикан чораҳои ҳимояи ҳуқуқи

[196] Ниг.: «Қоидаҳои тартибдодан, пешниҳод ва баррасӣ шудани пешниҳод барои дархости гирифтани патент ба намунаҳои саноатӣ»,  ки бо Фармони директори Маркази миллии патентиву иттилоот №10-ФА аз 19 ноябри соли 2005[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.ncpi.tj/ (санаи муроҷиат: 30.09.2017).

мустасноӣ андешида шавад.

Ин навовариро, ки ба барномаҳо дахл дорад, мувофиқи шакли ҳимояи онҳо ҳамчун як асари адабӣ шарҳ медиҳем. Қобили зикр аст, ки маҳз ҳамин банд аз ибтидо дар лоиҳаи ворид намудани тағйирот ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун посух ба зарурати ворид кардани тағйирот ба Кодекси маданӣ бо мақсади риояи шартномаҳои озод ва кушода ба барномаҳо пайдо шуда буд.

Ҳуқуқшинос В.О. Калятин гуфта буд, ки шартномаҳои озоди стандартҳои хориҷӣ "ногузир бо низоми ҳуқуқии мавҷудаи кишвари мо зиддият пайдо мекунанд, ки дар натиҷа татбиқи онҳо ба қонунгузории ҷорӣислоҳоти ҷиддиро тақозо мекунад"[197].

Аммо, идеяҳои татбиқи ин навоварӣ, чун изҳороти ошкорои соҳибҳуқуқи муаллиф (ё ҳамгуни он) солҳои 2008–2009 садо дода буданд.

Евдокимов Р. А. дар соли 2010 пешниҳод карда буд, ки: “як мақомоте таъсис дода шавад (дар назди Роспотент ё дар Вазорати алоқа ва робитаи омма), ки ба салоҳияташ феҳристи махсуси барномаҳо дохил шавад, бунёдгузоронаш дар бораи “озодӣ” ё “кушод” будани онҳо қарор қабул намоянд – яъне иҷозат диҳанд, ки онҳо бо таъиноти асосӣ барои мақсадҳои муайян ба таври ройгон истифода шаванд. Мутаносибан, дар қонунгузорӣ мавҷудияти институти “барномаҳои озод” ё “шартномаҳои осонкардашуда” –ро пешбинӣ кардан зарур аст ва дар натиҷа соҳибҳуқуқ метавонад ба ин мақом бо ариза дар бораи илова намудани барномаи МЭҲ–и худ ба рӯйхати қарорҳои “озод” бо пешниҳоди маълумот дар бораи дистрибутивӣ барномаҳои расман интишорёбанда, муроҷиат намояд. Масалан, метавонад дар бораи дистрибутиви хеш–маълумотҳо ё образи барномаи дар сайти расмии соҳибҳуқуқ дар шабакаи «Интернет» ва шартҳои шартномаи литсензионии дар он ҷо ҷойгиршуда

[197] Ниг.: Калятин В.О. Интеллектуальная собственность (исключительные права): Учебник. – М.: Норма – Инфра-М., 2000. – С. 45.

маълумот диҳад»[198]. Ҳамин тавр, барои истифодабарандагон муаммои эҳтимолии ҳамгунсозии тарафҳо ҳангоми истифодаи барномаҳои озод, ки дар боло баррасӣ шуда буд, беэътибор хоҳад шуд. Ҳамчунин, бо он розӣ нашудан мумкин нест, ки маълумот дар бораи соҳибҳуқуқ яқинан ба сайте, ки барнома аз он зеркашӣ карда шавад, ҷой дода шудааст. Ҳангоми истифодаи чунин барномаҳо, ба шарте ки онҳо ба рӯйхати дар боло зикршуда дохил карда шаванд, корбар метавонад танҳо бо мақомоти таҳиякунандаи рӯйхат тамос гирифта, аз ӯ ҳуҷҷати тасдиққунандаи мавҷудияти барномаи мавриди истифодаро дар ин рӯйхат ва маълумотро дар бораи интишори ин барнома талаб кунад. Ҳамин тариқ, истифодабаранда зарурати бастани шартнома дар шакли хаттӣ озод мегардад (шартномаи пӯшида, худи шартномаи коғазӣ) ва метавонад барномаро тибқи "шартномаи соддакардашуда" истифода барад. Соҳибҳуқуқ метавонад ҳаёти худ ва муштариёнашро осонтар карда, барои бастани шартнома бо ҳар як корбар ва барои баровардани васоити моддии барнома вақту маблағ сарф накунад.

Роҳи дигари ҳалли ин ҳолат аз ҷониби муаллифони маҷмуаи "Таъмини барномаи озод дар ташкилот" соли 2008 пешниҳод карда шуд, ки он аз ташкили механизми "эъломияҳое" иборат буд, ки аз ҷониби истеҳсолкунандагон ё интишордиҳандагони барномаҳо дар қаламрави як давлат эҷод шуда, дар бораи ҳуқуқу салоҳияти истифодабаранда иттилоъ (илова ба "шартномаи кушода") медод. Усулҳои пешниҳодшударо муқоиса намуда, метавон муайян кард, ки кадоме “қавитар” аст – ҳуҷҷати мақомоти давлатӣ ё ҳуҷҷати соҳиби расмии ҳуқуқи муаллиф. Бо дарназардошти хусусияти мусбати ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ, истифодаи ба ном "иҷозатномаҳои расмӣ" аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ камтар манфиатбахш хоҳад буд, зеро эҳтимоли зиёд ҳаст, ки ин боиси ба вуҷуд омадани сарбориҳои иловагию беасос ба сохтори давлатӣ мегардад. Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии бар-

---

[198]Ниг.: Евдокимов Р.А. Проблемы легального использования компьютерных программ // Патенты и лицензии. – 2010. – №4. – С. 28-30; Яковенко Д.А. Договорное оформление передачи прав на программы для ЭВМ в гражданском законодательстве Германии // Ученые труды Российской академии адвокатуры и нотариата. – 2013. – №3 (30). – С. 122-124.

нома ҳуҷҷати кофии мушаххаскунандаи соҳиби ҳуқуқи муаллиф аст ва он аз қарори худи соҳиби ҳуқуқи муаллиф вобаста аст, ки чунин "эъломия" медиҳад ё не.

Ба ҳар ҳол, ҳарду қарина ҳам нуктаҳои зеринро тақозо мекарданд: аввалан, бо ин ё он шакл аз ҷониби қонунгузорӣ ё мақомоти давлатӣ эътироф карда шудани шартномаҳои "кушод" ва "озод", сониян ташаббуси истеҳсолкунандаи барнома, ки бояд ё ба мақомоти салоҳиятдор муроҷиат карда, онҳоро огоҳ намояд, ариза диҳад ё ҳамеша чунин "эъломия" манзур созад.

Чӣ тавре ки мебинем, қонунгузор дар ниҳояти кор варианти аввалаи дар нақшаҳо пешниҳодшударо интихоб кард, ки масъалаи муҳлат ва ҳудудҳои пешфарзро дар назар дорад. Масъалаи мушаххассозии соҳиби ҳуқуқи муаллиф низ ҳал гардида, муқаррар карда шуд, ки он ва нишонаҳои маҳсулоти татбиқшаванда дар ариза ҳатман зикр карда шавад. Баррасии чунин аризаву муроҷиатҳо мумкин аст танҳо ройгон ва бе маҳдуд намудани доираи муроҷиаткунандагон сурат гирад. Мушкилии асосии кӯшиши "ҷалб кардани" барномаҳои озоди хориҷа ба шартҳои Кодекси маданӣ ин зарурати ба мақомоти ваколатдор муроҷиат кардани соҳиби ҳуқуқи муаллифӣ аст, ки аксари соҳибони ҳуқуқи муаллифӣ онро сарфи назар менамоянд.

Мо инчунин таъсири шартҳои ин моддаро доир ба имконпазирии ҳамзамон бо аризаи додашуда амал карда тавонистани шартномаҳои дигар низ баррасӣ хоҳем кард.

Тағйироти ба банди 5, моддаи 1233–юми Кодекси граждании Федератсияи Россия воридкардашуда, дар сурати доштани шартномаи мустасноӣ, фаъолияти душартномагиро манъ мекунад: "Дорандаи ҳуқуқи муаллиф ҳақ надорад амалҳои мазкурро дар сурати мавҷудияти шартномаи литсензионии амалкунанда ба анҷом расонад ..." ва масъалаи муносибат бо шартномаҳои ғайримустасноии қаблан басташударо боз ҳам мураккабтар мегардонад: "дар сурати мавҷуд будани шартномае, ки тибқи он шартномаи ғайримустасноии пардохтшаванда дар ҳамон доира пешниҳод мегардад, чунин шартнома аз

эътибор соқит донista мешавад", аммо дар айни замон иҷозатномаҳои кушодаро аз ин мамнуъҳо берун медорад. Ҳамин тавр, ишора меравад, ки муроҷиати ошкорои дорандаи ҳуқуқи муаллиф "маънои шартномаи кушода ё ҳатто, ба маънои маъмулиаш, шартномаи литсензиониро надорад"[199].

Дар бораи шартномаи кушода сухан гуфта метавон хулоса кард, ки иҷозатномаи кушода намуди дигари такмилёфтаи муроҷиати ошкоро оид ба додани ҳуқуқ мебошад. Тавре ки В.Василева ин ду усули истифодаи қонунро муқоиса намуда, қайд мекунад, "ариза дар бораи ба ҳама шахс додани имконияти истифодаи асар, мисли шартномаи кушода хусусияти пешниҳоди оммавӣ надорад, балки далели юридикии ҳуқуқдиҳандаест, ки хусусияти яктарафаи амалиёт дорад"[200]. Ҳамчунин қайд мекунем, ки дар амалия оид ба зарурати дар қонунгузорӣ ба шартномаҳои оддии озод, аз қабили GNU GPL, додани хусусиятҳои муомилоти яктарафа пешниҳодҳо шуда буд, вале қонунгузор қабул накард, ки дар ин хусус поёнтар андеша меронам. Дар айни замон, он қадар аниқ набудани доираи маҳдудияти ҳуқуқи аризадиҳанда ва ниҳоят кам будани радди татбиқи қонун низ эътироф шудааст.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ ба Кодекси граждании Федератсияи Россия як воситаи нави ҳуқуқӣ ворид карда шуд, ки ба соҳибони ҳуқуқи муаллифӣ имкон медиҳад, ки боз як усули дигари истифодаи ҳуқуқи худро пайдо кунанд. Аммо, истифодаи он дар қаламрави давлат маҳдуд аст, илова бар ин ба таври ройгон корбаст шуданаш имкон намедиҳад, ки он бо баъзе иҷозатномаҳои озод баробар ҳисобида шавад.

Барои пешгирӣ кардани чунин меъёрҳо оид ба манъи хайрия байни шахсони ҳуқуқӣ нисбат ба истифодаи ҳуқуқ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ дар Кодекси граждании баррасишавандаи ФР (банди 5 моддаи 1233), меъёрҳои зерин пешбинӣ карда шудаанд: "Ҳуқуқи истифодаи ройгони натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ё воситаҳои мушаххассозӣ дар муносибатҳои байни

[199] Ниг.: Долаева А.Р., Чистова В.А. Актуальные вопросы правового регулирования авторских прав программ для ЭВМ // Молодой исследователь Дона (ДГТУ). – Ростов на Дону, 2019. – № 5 (20). – С. 117-120.
[200] Ниг.: Васильева В. Публичное заявление о предоставлении права как способ распоряжения исключительным правом // Авторское право и смежные права. – 2013. – №9. – С. 14.

ташкилотҳои тиҷоратӣ дар тамоми ҷаҳон ва дар тули тамоми мӯҳлати ҳуқуқи мустасноӣ бо шартҳо иҷозатномаи мустасноӣ дода намешавад, агар ҳамин Кодекс тартиби дигаре муайян накарда бошад". Ҳамин тариқ, қонунгузор иҷозатномаҳои ройгони истисноии байни ташкилотҳои тиҷоратии тамоми ҷаҳон ва барои тамоми мӯҳлати ҳуқуқи мустасноӣ басташударо манъ мекунад. Аз таҳлили ин мамнуъ ва мухталифии меъёрҳои Кодекси граждании Федератсияи Россия, метавон ба хулосае расид, ки ба амали иҷозатномаҳои ройгони ба кулли меъёрҳои зикршуда ҷавобгӯ набуда, аз ҷониби қонунгузор иҷозат дода мешаванд[201].

Воқеан ҳам, оид ба ройгони додани иҷозатнома байни ташкилотҳои тиҷоратӣ аксар вақт ҳангоми гузаронидани санҷишҳо ва дигар фаъолиятҳои ҳисоботӣ дар хусуси бастани шартномаҳо мушкилот ба миён меоянд. Чунин ба назар мерасад, ки ба дастгирии умумии рушди иҷозатномадиҳиҳои ройгон худи ҳамин меъёр кофист, аммо ақидаҳо низ ҳастанд, ки тибқи онҳо "ба масъалаи мавриди баррасӣ нуқтаи қотеъ гузошта» таъкид бояд кард, ки меъёрҳо доир ба додани хайрия нисбат ба шартномаҳои иҷозатномадиҳии ройгоне, ки аз тарафи ташкилотҳои тиҷоратӣ баста шудааст, татбиқ карда намешаванд, то ки ба гуногунфаҳмӣ ва суиистифода роҳ дода нашавад.

Навгонии пешниҳодкардаи қонунгузорро таҳлил карда, чунин хусусияту аломатҳои иҷозатномаи кушодро қайд намудан мумкин аст:

Аввалан, иҷозатномаи кушода ба қатори шартномаи ҳамроҳшавӣ гузаронида шудааст, ки шартҳояш бояд ба шумораи номуайяни одамон дастрас бошад, дар айни замон чунин шартнома бо тартиби содда низ баста мешавад. Ба таври алоҳида бори дигар хотиррасон карда шудааст, ки ба иҷозатномаи кушода амалҳои дар он нишондодашударо (масалан, ворид намудани барнома) иҷро карда, ҳамроҳ гаштан мумкин аст.

Сониян, иҷозатномаи кушода танҳо ғайримустасноӣ буда метавонад дар мавриди барномаҳои компютерии боздошташуда, чунин шартнома ба-

201 Ниг.: Гурянов К.В. Развитие законодательной базы в сфере охраны компьютерной интелектуальной собственности [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/ (санаи муроҷиат: 04.11.2020).

рои тамоми мухлати ҳуқуқи мустасноӣ баста шавад ва дар тамоми ҷаҳон ройгону боэътибор дониста мешавад, агар дар шартнома шарти дигаре пешбинӣ нашуда бошад. Ин имкон медиҳад, ки якчанд мушкилоти расмӣ дар иҷозатномаҳои озод дар ҷаҳон, аз ҷумла ҳангоми истифодаи иҷозатномадиҳии омехта (ҳатмӣ будани шакли хаттӣ ва қаламрави шартнома) бартараф карда шавад.

Солисан, қонунгузор ба таври хеле ҷолиб масъалаи ташкили осори маҳсулӣ ва истифодаи онҳоро тавассути интишор доданашон баррасӣ намуда, инчунин вазъи мақоми ҳуқуқиашонро ҳаллу фасл кардааст. Гуфта шудааст, ки агар дар иҷозатномаи кушода тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, чунин ҳисобида мешавад, ки иҷозатгиранда дар хусуси бо тартиби муайян бастани шартнома оид ба истифода бурдани асари ӯ аз тарафи ҳар шахси хоҳиши истифодаи натиҷаи нави фаъолияти зеҳнидошта, муроҷиат кардааст. Иҷозатнома дар асоси ин асар аз ҷониби иҷозатдиҳанда дар доира ва шароити иҷозатномаи кушоди мазкур таҳия мегардад. Ҳамин тавр, қонунгузор модели қаблан тавсифшудаи иҷозатномаи омехтаро амалӣ менамояд, вале ҳангоми истифодаи асари маҳсулӣ дар асоси иҷозатномаи кушод таҳияшуда, истифодабарандаи чунин барнома бо муаллифи барномаи омодашуда шартнома мебандад, ки ин маънои бевосита ба шартҳои иҷозатномаи кушодаи барномаи аслӣ ҳамроҳ шуданро дорад. Ҳамзамон, бо мақсади пешгирии суиистифода аз ҷониби муаллифони барномаҳои маҳсулӣ, онҳо аз ҳуқуқи истифодаи натиҷаи нави фаъолияти зеҳнӣ, ки бар хилофи иҷозатномаи кушода дар асоси асарҳои бо иҷозатномаи кушодаи қалбакӣ берун аз доираи ҳуқуқҳо ва (ё) дигар шартҳо интишорёбанда сохта шудааст, маҳрум карда мешаванд.

Аз масъалаҳои қаблан баррасишуда, имконияти иҷозатдиҳии дукарата ба дорандагони ҳуқуқи муаллиф, ки иҷозатномаи кушода пешниҳод кардаанд, он қадар равшан карда нашуд, гарчанде ки худи қонунгузор нисбат ба барномаҳои маҳсулӣ гунаи хеле монандеро татбиқ кардааст. Дар ҳар сурат, чунин ҳолатро бо тарзи на он қадар ҷолиб бошад ҳам, соҳибҳуқуқи муаллифӣ

ҳал карда метавонад. Масалан, ӯ метавонад, ду намуди барномаро бо истифода аз шартҳои иҷозатномаи кушода ва пӯшида таҳия созад.

Бояд қайд кард, ки иҷозатномаи кушодаи дар қонун тафсирёфта имконоти истифодаи шартҳои иҷозатномаҳои анъанавии озоди хориҷиро дар шартнома пешбинӣ карда бошад ҳам, қонунгузор соҳиби ҳуқуқи муаллифро ба воридкунии ҳатмӣ ё тафсири ягонагӣ маҳдуд намекунад. Вобаста ба ин, дархости В. Слишенков дар бораи зарурати дохил кардани "чаҳор озодӣ"–и иҷозатномаҳои озод чандон мувофиқ нест, зеро ба пиндори ӯ лоиҳаи қонун "чаҳорчӯбаи умумии танзими ҳуқуқиест, ки дар доираи он ... мумкин аст ҳама гуна иҷозатномаи мушаххас, аз ҷумла иҷозатномаи озоди ғарб ҳамоҳанг ва татбиқ карда шавад»[202].

Ба ақидаи муаллиф ва коршиносони дигар, ба он пешниҳод, ки ба иҷозатнома танҳо паз аз ҷониби ташкилоти Open source initiative тасдиқ карда шуданаш мақоми кушода дода шавад мегӯяд, ҳамчунин эҳтиёткорона муносибат бояд кард, зеро додани иҷозатнома ҳеҷ гуна бори идеологӣ ё дигареро надорад, ба ҷуз ҷанбаи ҳуқуқӣ, илова бар ин ҳама гуна иҷозатномае, ки ба талаботи ин модда мувофиқат мекунад, тибқи қонун кушод ҳисобида мешавад ва муҳим нест, ки он аз ҷониби идеологияе маъқул дониста шудааст ё на.

Ақидаҳое низ изҳор шудаанд, ки тибқи онҳо қонунгузор "мувофиқат"–и шакли хаттии шартномаи кушодаро аз дар шартнома нишон дода шудан ё нашудани қайди амали он вобаста медонад ва ин яке аз нозукиҳои он мебошад. "Шартномаи кушода метавонад нишондоди амалҳоро дар бар гирад, ки иҷрояшон муайянкунандаи асосии қабули он маҳсуб меёбанд. Дар ин ҳолат, шакли хаттии шартномаро риояшуда меҳисобанд”[203]. Бо чунин талаботу мавқеъ розӣ шудан мумкин нест, зеро ҳатто бидуни шартҳои мазкур низ танҳо ба муқаррароти моддаи 1286–уми Кодекси граждании Федератсияи

[202] Ниг.: Слыщенков В. Юридические вопросы СПО в России и перспективы создания Российской свободной лицензии[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.pcweek.ru/upload/iblock/f75/slyshhenkov.pdf_(санаи муроҷиат: 20.03.2015).

[203] Ниг.: Яковенко Д.А. Договорное оформление передачи прав на программы для ЭВМ в гражданском законодательстве Германии // Ученые труды Российской академии адвокатуры и нотариата. – 2013. – №3 (30). – С. 122-124.

Россия мурочиат кардан кифоя аст. Дар он гуфта шудааст, ки шартнома бо тартиби содда басташуда, шартномаи ҳамроҳшавӣ (ба монанди шартномаи кушода) ва "оғози истифодаи барнома барои МЭҲ ё махзани маълумот ба ҳисоб меравад. Чӣ тавр қабул карда шудани ин шартҳо ризоияти бастани шартномаро муайян менамояд". Ҳамин тавр, дар доираи ин қоида, ба иҷозатномаи кушода иловатан нишон додани амалҳои зарурӣ лозим нест.

Меъёрҳои мавҷудаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи дар ҷумҳурӣ амал доштан ё надоштани иҷозатномаҳои кушода ва ройгони стандартҳои ҷаҳониро равшан накардааст. Андешаҳо дар бораи татбиқашон гуногунанд ва талаботҳои муайяни шартномаҳо аз нуқтаи назари расмӣ танҳо пас аз истифодаи «чораҳо»–и мухталиф, ба монанди мавҷудияти ҳатмии расонаҳои моддӣ, формати коғазии иҷозатномаҳо, шарҳи муайяни қоидаҳо имконпазиранд. Баъзе ҳуқуқшиносон ҷонибдори амали онҳоянд, баъзеи дигарон баръакс чунин меҳисобанд, ки чунин «тадбирҳо» лозим нестанд ва татбиқи онҳо танҳо ба шарҳи нодурусти меъёрҳои ба иҷозатномаи озод вобастаи қонун мусоидат менамоянд.

Дар маҷмуъ, коршиносон ба он мувофиқанд, ки ворид намудани тағйирот ба ҳадди ақал вазъро ҳам бо барномаҳои озод ва ҳам кушода, ҳам шартномаи дугонаву омехта беҳтар менамояд. Тавре ки Р. И. Ситдикова қайд мекунад, «ворид намудани шартномаҳои ройгон ба қонунгузорӣ ва амалия ба тамоюлҳои ҷории рушди соҳаи ҳуқуқ мутобиқ аст», илова бар ин таҷассумгари ташаббусҳои мубрами сиёсӣ ва байналмилалӣ мебошад[204]. Аммо, сарфи назар аз он, ки дар кор ба шартномаҳои кушода ва ройгон, аз ҷумла вобаста ба тағйиротҳо дар қонунгузорӣ, таваҷҷуҳи зиёд дода шудааст, бояд дар хотир дошт, ки барномаҳои озод аз модели классикӣ чизи ғайриоддӣ ё фавқулоддае нестанд. Ҳуқуқи муаллифӣ дар шакли анъанавии он асоси ҳар як иҷозатномаи ройгонро ташкил медиҳад. Шояд сиёсати нокифояи баъзе ҷанбаҳо ва навго-

[204] Ниг.: Ситдикова Р.И. Гражданско-правовой механизм охраны частных, общественных и публичных интересов авторским правом: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2013. – С. 218.

нии умумии ин падида дар фазои консервативии ҳуқуқии Россия маҳз омиле шудааст, ки ба барномаҳои озод таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардад.

Оид ба вазъи мавҷудаи фазои ҳуқуқӣ доир ба иҷозатномаҳои кушода барои барномаҳо метавон мухтасар қайд кард, ки номуайяниҳои мавҷудаи соҳа дурнамои хуб доранд.

Тавре ки қаблан қайд карда шуд, хусусиятҳо ва мушкилиҳои барномаҳои компютерии кушод пеш аз ҳама ба таҳиягарон, барномасозон, дистрибюторҳо ва интеграторҳо дахл дорад, аммо ба истифодабарандагони ниҳоӣ, ки бе ягон мушкилӣ аз он нафъи бештаре мегиранд, дахл надорад. Дар аксари маврид, истифодабарандаи одӣ аз тафаккури идеологии мухлисони барномаҳои озод ва рамзҳои кушод, инчунин аз усулҳои тиҷоратии таҷовузкоронаи истеҳсолкунандагони "барномаҳои ғайриозод"– тиҷоратӣ дур аст ва гоҳҳо дар мубориза ин ҷонибҳо фаромӯш мекунанд, ки манфиатҳои корбар низ аз раванди идеологӣ ё дараҷаи даромади фоиданоки кадом як барнома камаҳаммияттар нест. Аксарияти бартариҳои иҷозатномаҳои ройгон, бо вуҷуди имтиёзҳои корбарро фарогир карданашон, барои корбар нахустин чашминтизории манфиат аз барнома нестанд. Аз ин ҷиҳат мо бо андешаи А.И. Савелев розием, ки қайд мекунад: “кӯшиши аз доираи шартнома ҷудо кардани гурӯҳи муносибатҳои марбут ба истифодаи шартномаҳои озод, хеле сунъӣ ба назар мерасад. Ягона фарқи байни додани ҳуқуқи истифодаи асар тибқи иҷозатномаи озод ва тиҷоратӣ танҳо дар мавҷуд набудан ё набудани шароити муайян дар онҳо буда, хусусиятҳои ҳуқуқии гуногуни онҳо ба инобат гирифта намешавад”[205]. Чунин кӯшишҳои “махсус” тафсир кардани иҷозатномаҳои озод дар доктринаи амрикоӣ сурат гирифта буд, зеро хусусиятҳои амрикоии сохтори шартнома, илова бар оферта ва аксепт пешниҳоди ҷавобиро низ талаб мекунад. Аммо, берун аз қонун ва тартиботи ИМА, зарурати чунин шартномаҳои ройгон мавҷуд нест, зеро дар амалияи Аврупо, шартномаҳои ройгон ҳамчун муомилоти дуҷониба эътироф карда мешаванд.

[205] Ниг.: Савельев А.И. Лицензирование программного обеспечения в России: законодательство и практика. – М.: Инфотропик Медиа, 2012. – С. 404.

Ҳиссаи зиёди идеология дар ангезаҳои ҳаракат, инчунин боқимондаи дарк кардани барномаи ройгон ҳамчун чизи ғайримуқаррарӣ нисбат ба сохти анъанавии ҳуқуқӣ, ҳамоно дар амалисозии қарорҳое, ки дар асоси барномаҳои компютерии озод таҳия шудаанд, мушкилот ба вуҷуд меорад, аммо, тавре ки дар коғаз нишон дода шудааст, мушкилоте вуҷуд надорад, ки бо ин ё он тарз ҳал нашавад ва ба ин ташаббуси қонунгузорӣ ва сиёсӣ низ мусоидат мекунад.

Дар интиҳои қисми мазкури рисола мехостем чанд хулосаҳоро ҷамъбаст намоем.

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати қабули қисми IV КМ ҶТ ба миён омадааст. Оид ба ин масъала бояд қайд кард, ки дар қисмҳои ҳамгуни КГ–и давлатҳои ИДМ, аз ҷумла Федератсияи Россия, тағйиротҳое ба назар мерасанд, ки ба муоҳидаҳои литсензионии классикӣ он қадар дахлдор нестанд. Бо вуҷуди он, дар онҳо ақаллан ду нақшаи фармоиш ҳуқуқи мутлақи ба барномаҳо робитадор илова шудааст, инчунин, талаботи шартномаҳои литсенсионӣ муайян карда шудааст. Дар асоси таҷрибаи қабули КГ дар Федератсияи Россия ба қабули навгониҳо диққат дода, равияҳои зарурии рушди қонунгузории ватаниро қайд кардан лозим аст.

2. Навгонии пешниҳодкардаи қонунгузорро таҳлил карда, чунин хусусияту аломатҳои иҷозатномаи кушодро қайд намудан мумкин аст:

Якум, иҷозатномаи кушода ба қатори шартномаи ҳамроҳшавӣ гузаронида шудааст, ки шартҳояш бояд ба шумораи номуайяни одамон дастрас бошад, дар айни замон чунин шартнома бо тартиби содда низ баста мешавад; Дуюм, иҷозатномаи кушода танҳо ғайримустасноӣ буда метавонад дар мавриди барномаҳои компютерии боздошташуда, чунин шартнома барои тамоми мухлати ҳуқуқи мустасноӣ баста мешавад ва дар тамоми ҷаҳон ройгону боэътибор дониста мешавад, агар дар шартнома шарти дигаре пешбинӣ нашуда бошад. Ин имкон медиҳад, ки якчанд мушкилоти расмӣ дар иҷозатномаҳои озод дар ҷаҳон, аз ҷумла ҳангоми истифодаи иҷозатномадиҳии омехта (ҳатмӣ будани шакли хаттӣ ва қаламрави шартнома) бартараф карда

шавад; Сеюм, қонунгузор ба таври хеле ҷолиб масъалаи ташкили осори маҳсулӣ ва истифодаи онҳоро тавассути интишор доданашон баррасӣ намуда, инчунин вазъи мақоми ҳуқуқиашонро ҳаллу фасл кардааст.

# ХУЛОСА

Рушди технологияи иттилоотӣ, ки барномаҳои компютериро низ дар бар мегирад, имрӯз ба сиёсати афзалиятноки Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Тибқи «Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014–2020», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.06.2016, № 371 тасдиқ шудааст[206], таъмини навсозии технологии иқтисодиёт, баланд бардоштани рақобатпазирии он дар заминаи технологияҳои пешрафта яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад [2-М].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқии барномаҳо дар қонунгузорӣ дар аввали солҳои 90–уми асри XX пайдо шуда, минбаъд такроран чандбора такмил дода шуданд. Тарҷеияти (Ретроспективаи) муътамад собит менамоянд, ки қонунгузор тамоми муҳиммияти барномаҳои компютериро пурра дарк кардааст, ки он чун натиҷаи фаъолияти зеҳнии бо қонун ҳифзшаванда дар ҳолати байнисарҳадии таҳия ва паҳнкунии барномаҳо қарор дорад ва  ба таври боварибахш васеъ кардани доираи истифодаи онҳо хеле заруру замонавист [12-М].

Таъкидаш бамаврид аст, ки низоми ҳуқуқии ҳифзи барномаҳои компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда ба таҷрибаи ҷаҳонӣ ва тамоюлҳои ин соҳа асос ёфта, мутобиқи шартномаҳои байналмилалӣ қабул шудааст. Вале мушкилиҳои зерини ҳуқуқиеро, ки дар амалияи ҳифзи ҳуқуқ дучор меоянд, ҷудо кардан мумкин аст: аввалан, муҳокимаҳо дар атрофи истилоҳҳои қабулшуда, куҳна ва дуруст; сониян, ба дараҷаи даркорӣ коркард нашудану ҳамоҳанг накардани сохторҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ, инчунин мушкилот дар бораи дарки кофӣ ва татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ аз ҷониби мутахассисони дахлдор. Ҳамчун як мушкилии дигар,  метавонем баъзе вокуниши "бемавридӣ" –и қонунгузорро оид ба ворид намудани тағйирот бинобар пайдоиши усулҳои нави маъмули истифода дар ҷаҳон, инчунин хунукназарии

---

[206] Ниг.: Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014 – 2020, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 июни соли 2014, № 371, тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.ncpi.tj/files/postanov/post (санаи муроҷиат: 25.11.2021).

муайянро дар ташаккули маҷмуи қоидаҳои марбут ба ҷанбаҳои гуногуни ҳифзи ҳуқуқии барномаҳо қайд намоем [12-М].

Аз мушкилоти мазкур бармеояд, ки нақшаҳои амалие мавҷуданд, ки ба нияти қонунгузор ва ё ба талаботи қонунгузорӣ пурра ҷавобгӯ нестанд.

Норасоиҳои номбаршуда, новобаста аз он, ки онҳо ба амалияи ин соҳа таъсир мерасонанд, бояд тавассути корҳои меъёрӣ ва фаҳмондадиҳӣ, инчунин тавассути ворид намудани тағйирот ба қонунгузорӣ бартараф карда шаванд. Ҳамин тавр, муаллиф бар ивази консепсияи кухнаи "Барнома барои МЭҲ" истифода бурдани консепсияи "барномаи компютерӣ"–ро мувофиқи мақсад меҳисобад, зеро он моҳияти объект ва миқёсро дақиқ инъикос мекунад. Инчунин пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми мутобиқшавӣ, ҳадафҳои он, инчунин доираи истифодаи имконпазири маҳдудиятҳои ҳуқуқи мустасноӣ дар робита бо зарурати амалисозии барнома мутобиқ карда шаванд [2-М].

Бо назардошти зарурати таъмини рушди иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ҳам аз нуқтаи назари дурнамои рушди қонунгузории ватанӣ муҳим аст. Вобаста ба ин, дар доираи омӯзиши мо таҳлили муқаррароти санадҳои меъёрии марбут ба ҳифзи ҳуқуқии барномаҳо дар хориҷа гузаронида шуд, ки дар асоси онҳо хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст. Таҳарруки (Динамикаи) тағйиру иловаҳо ба қонунгузории кишварҳои ИДМ нишон медиҳад, ки як қатор дигаргуниҳои мусбат дар самти рушди он, аз ҷумла рад кардани истифодаи истилоҳотии кухна, инчунин амиқтар дарк кардани моҳияти барномаҳо ва рад кардани «тафсилоти экзотикӣ» нисбат ба шаклҳои имконпазири пешниҳоди барнома ба амал омадаанд [2-М].

Аз муқаррароти баррасишудаи қонунгузории кишварҳои пешрафта дар соҳаи таҳияи барномаҳо, равиши ҷаҳонӣ барои дарки табиати барномаҳо айният дорад ва ба модели ҳифзи ҳуқуқи муаллифии барномаҳо асос ёфтааст, ҳамзамон хусусиятҳои танзимкунандаи қонунгузории кишварҳои мухталиф ба табиат ё намуди муҳофизат таъсири принсипиалӣ надорад. Ҳамзамон, нақш ва аҳаммияти чораҳои алтернативӣ ва иловагии муҳофизат, аз қабили

ҳимоя бо ёрии қонунгузории патентӣ, бақайдгирии давлатӣ ва ғайраҳо, алоҳида қайд карда шуданд. Бо назардошти хусусият ва гуногунии шаклҳо ва усулҳои ҳимояи барномаҳо, ба пиндори муаллиф, барномаҳои компютериро бояд чун объекти бисёрҷанбае фаҳмид, ки қобилияти ҳифзи ҳуқуқиро дар як вақт қодир бошанд, агар қонунҳои амалкунанда дар як давлати мушаххас иҷозат дода бошад [7-М].

Баъзе ташаббусҳои дар хориҷа мавҷудбуда бешубҳа сазовори диққати ҷиддӣ мебошанд ва шояд ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд, зеро пайравии тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар қонунгузорӣ гарави «ҷудонопазирӣ»–и бозори барномавӣ ва рушди он ба манфиати иқтисодиёт хоҳад буд. Аммо, бояд қайд кард, ки бо вуҷуди баъзе ҷиҳатҳои мусбӣ, қабули қарорҳои сусту сарсарии шуҳратпарастона (популистӣ) дар аксари маврид ба соҳаи танзим таъсири манфӣ мерасонад. Номутобиқатии ташаббусҳои қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибати муназзам ва дурандешонаро тақозо дорад. Беҳтар аст, ки гоҳҳо баъзе чизҳо ногуфта монад ва бо ин роҳ баъзе «минтақаҳои тира» (имрӯз ҳам мавҷуда) –ро тарк кунад, ки ба бозор дар баъзе ҳолатҳо худро мустақилона танзим кунад, назар ба ҷиддияти зиёдию ғалат дар қонунгузорӣ, ки қодир аст рушди барномаҳои равияҳои ояндадори бозорро муҳосира намояд, ки бегумон тараққии иқтисодӣ ва некуаҳволии иштирокдорони бозор, аз ҷумла давлат ҳам таъсири манфӣ расонида метавонад [4-М].

Ғайр аз ин, қайд карда шуд, ки ба ҷуз аз модели классикии ҳифз, рушди бозори барномаҳо шумораи кофии шаклҳо ва усулҳои ҳифз ва истифодаи барномаҳои компютериро ба вуҷуд овардааст. Ҳамзамон, ин усулҳо аз рӯйи хусусият ва навгониашон барои чунин объекти ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ба мисли барномаи компютерӣ “анъанавӣ” нестанд. Чунин усулҳо иборатанд аз: муҳофизат дар таркиби ҳалли OEM (ҳалли барномавӣ, ки аз ҷониби якчанд барнома ё модулҳои гуногуни дорандагони ҳуқуқи муаллифӣ барои кори муштарак сохта шудааст), маҷмуи дастгоҳи барномавӣ; ба даст овардани ҳуқуқи истифодаи барнома аз "абр" (облака – яъне бо истифода аз имконоти

ҳисоббарорӣ ва иттилоотӣ ба сифати хидмат) ё бо "обуна" (дар ҳолате ки баъзе хидматҳо барои барнома литсензия эҷод мекунанд), инчунин истифодаи иҷозатномаи озод ва кушода, яъне, шартномаҳои литсензионӣ, ки ба истифодабарандагони барнома нисбат ба иҷозатномаҳои анъанавии классикӣ салоҳияти васеътарро медиҳад. Ин гурӯҳ ба усули ҳуқуқи муаллифӣ асос мекунад, вале онро бо меъёрҳову вариантҳои махсус амалӣ менамояд ва бо ҳамин фарқ мекунад. Гурӯҳи дуввуми шаклҳои махсуси ҳифзи ҳуқуқӣ усулҳои ба ҳуқуқи муаллифӣ алоқаманд набударо истифода мебарад, яъне маҳз ҳифзи барномаҳои компютерӣ бо истифодаи қонунгузории патентӣ, инчунин ҳифзи барномаҳо чун сирри истеҳсолӣ (ноу–хау) ба кор меравад [4-М].

Аҳаммият ва рушди босуръати таъминоти барномавӣ, ҳамгироии онро ба тамоми соҳаҳои ҷомеа нодида гирифта намешавад.

Бинобар ин, механизми равшану возеҳи ҳифзи ҳуқуқии таъминоти барномавӣ гарави татбиқи бомуваффақияти ҳадафҳо ва вазифаҳои гузоштаи давлат мебошад.

Дар соҳаи ҳифзи моликияти зеҳнии қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи ҳифзи ҳуқуқи муаллифии барномаҳои компютерӣ қатъӣ ворид карда шудааст, ки тибқи он барномаҳои компютерӣ баробари асарҳои адабӣ ҳифз карда мешаванд ва онҳо ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар шартномаҳои байналмилалии баимзорасидаи бисёрҷониба ва дуҷониба ба назар мерасад [9-М].

Таърифи барномаи компютерие, ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст ва тибқи он барномаи компютерӣ, маҷмуи маълумот ва фармонҳое фаҳмида мешавад, ки барои кор кардани МЭҲ ва дигар дастгоҳҳои компютерӣ бо мақсади ба даст овардани натиҷаи муайян, аз ҷумла, маводи омодасозии ҳангоми коркарди барнома барои МЭҲ, инчунин намоиши аудиовизуалии аз ҷониби он истеҳсолшударо новобаста аз воситаи муҳофизат (бо ҳуқуқи муаллиф ё василаи дигар) ба вуҷуд омада, моҳияти барномаи компютериро ба пуррагӣ чун объекти ҳифзи ҳуқуқ ифода мекунанд. Пешниҳоди ворид намудани мафҳуми маводи барномавӣ барои МЭҲ

ба таърифи қонунгузорӣ мувофиқи мақсад аст, зеро мафҳуми маъмули табиати ҳуқуқии чунин маводро истифода карда, эҳтимолияти ғалат тафсир карданиро онро аз байн мебарад [14-М].

Қонунгузории аксари давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла кишварҳои ИДМ, дар маҷмуъ, консепсияи ҳифзи барномаҳои компютерӣ бо воситаҳои ҳуқуқи муаллифиро тасдиқ кардааст, ки тибқи он барномаи компютерӣ ба объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ мансуб дониста шуда, баробари асарҳои адабӣ ҳифз мегардад [9-М].

Таърифҳои мафҳуми барномаи компютерие, ки дар қонунҳои миллӣ истифода мешаванд, умуман ба таърифи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шабеҳанд ва дар бисёр ҳолатҳо чунинанд: барномаи компютерӣ –маҷмуи дастурҳо, маълумотҳо ва фармонҳоест, ки  бо мақсади ба даст овардани ягон натиҷа дар МЭҲ истифода мегардад [14-М].

Фарқиятҳои асосии таърифҳои барномаи компютерӣ инҳоянд: баъзе давлатҳо мафҳуми барномаи компютериро бо нишон додани шакли муайяни ифодаи он фарогиртар  мекунанд;

– қонун на ҳамеша маводҳои тайёриро, ки ҳангоми таҳияи  барнома ворид карда шудаанд, ба барномаи компютерӣ мансуб медонад, дар назар дорад;

– на ҳамеша дар таърифи барнома барои МЭҲ ба ҳайси объекти тасвири аудиовизуалӣ, ки аз ҷониби барнома ба вуҷуд оварда шудааст, нишон дода мешавад;

– махзани маълумот бо барнома ҳамгун карда нашудааст [11-М].

Баҳсҳои илмии марбут ба интихоби режими ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ асосан ба зарурати тағйироти куллии воситаҳои ҳифзро талқин намекунанд, балки ба масъалаҳои рафъи мушкилоте, ки дар амалияи татбиқгари ҳуқуқ дар доираи усули тасдиқшудаи ҳуқуқи муаллифӣ ба вуҷуд меоянд ва нокифоя будани ҳифзи ҳуқуқии барномаҳо дар чаҳорчӯбаи  консепсияи ҳуқуқи муаллифӣ  бахшида шудаанд [12-М].

Дар раванди таъсис додани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи барномаҳо барои МЭҲ ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам берун аз он, дарки моҳияти ҳуқуқии барномаҳо барои МЭҲ чун объекти муҳофизат ва интихоби воситаҳои ҳифзи ҳуқуқии он фаҳмиши гуногун ташаккул ёфтанд [4-М].

